**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ СОТИМ УЛУҒЗОДА**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ВБД: 371:373 (575.3)**
**ТКБ: 74. 00 + 74.4**
**Н - 31**

**НАРЗУЛЛОЕВ ҲАЙБУЛО САЪДУЛЛОЕВИЧ**

# ШАРОИТҲОИ ПЕДАГОГИИ ТАШКИЛИ ТАРБИЯИ ШАҲРВАНДИИ ХОНАНДАГОН ТАВАССУТИ ХУДОМӮЗӢ

**Диссертатсия**
**барои дарёфти дарҷаи илмии номзади**
**илмҳои педагогӣ 13.00.05-назария, методика**
**ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ**
**(13.00.05.03.- педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) ҷ**

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои педагогӣ, профессор Файзализода Ҷумахон Хол

**ДУШАНБЕ - 2024**

## МУНДАРИҶА


| | |
|---|---|
| **МУҚАДДИМА**.................................................................................. | 3-14 |
| **БОБИ 1. ТАҲҚИҚИ МАСЪАЛАҲОИ ПЕДАГОГӢ-НАЗАРИЯВИИ ТАРБИЯИ ШАҲРВАНДИИ ХОНАНДАГОН ТАВАССУТИ ХУДОМӮЗӢ.......................................................** | **15-90** |
| 1.1. Ҷанбаҳои назариявии таҳқиқи тарбияи шаҳрвандии хонандагон дар илми педагогика................................................ | 15-38 |
| 1.2. Мазмуни тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ........................................................................................ | 38-60 |
| 1.3. Ташкили тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон....................................................................................... | 61-87 |
| Хулосаи боби якум ...................................................................... | 88-90 |
| **БОБИ 2. МОДЕЛИ ПЕДАГОГИИ ТАРБИЯИ ШАҲРВАНДИИ ХОНАНДАГОНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ТАВАССУТИ ХУДОМӮЗӢ.......** | **91-158** |
| 2.1. Модели тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ......................................................................................... | 91-113 |
| 2.2. Ташкили тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ дар оила......................................................................... | 114-136 |
| 2.3. Самарабахшии мундариҷа ва модели тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ................................................. | 137-155 |
| Хулосаи боби дуюм...................................................................... | 156-157 |
| **ХУЛОСА** ....................................................................................... | 158-161 |
| **АДАБИЁТ**...................................................................................... | 162-178 |

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Яке аз вазифаҳои муҳими муассисаҳои таҳсилоти миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккули арзишгароӣ ва рушди сифатҳои ахлоқие мебошад, ки асосҳои худмуайанкунию амалисозии шаҳрвандиро ташкил медиҳад. Имрӯз дар маҷмуъ дар баъзе муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурии мо корҳое анҷом дода мешаванд, ки ба такмили низоми тарбия нигаронида шудаанд.

Вале бояд тазаккур дод, ки ҳанӯз фазои ягонае, ки тарбияи шаҳрвандии хонандагонро фаро гирифта бошад, ба вуҷуд оварда нашудааст. Барои ташкили он бояд чунон низоми ақидаю муносибатҳо ташкил карда шаванд, ки қоидаю пиринсипҳои асосии он барои ҳамаи зинаҳои таҳсилот бояд якхела бошад ва муттасил дар тарбияи насли наврас тарбияи шаҳрвандиро таъмин намояд.

Мутаассифона, дар илми муосири педагогӣ на ҳамаи имконоти ташаккули асосҳои илмӣ – назариявӣ ва методии тарбияи шаҳрвандӣ истифода мешаванд, ҳарчанд дар Консепсияи миллии тарбияи Ҷумҳурии Тоҷикистон фасли алоҳидаи тарбияи шаҳрвандӣ вуҷуд надошта бошад ҳам, вале он дар бахши ҳуқуқии ҳуҷҷати мазкур зикр гардидааст.

Далелҳои таърихӣ аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки дар даврони гуногун тоҷикон дар мавҷи ҷунбишҳои умумихалқии шаҳрвандӣ ғолиб меомаданд. Бузургии халқи тоҷикро на танҳо таърихаш, гузаштагону илмаш, балки иқтидори маънавиаш муайян менамояд. Садоқати беандоза нисбат ба Ватан, муқаддам донистани манфиатҳои ҷамъияту миллат, ҷоннисорӣ ба хотири амнияти он, ин аст сифати муқтадири халқи тоҷик ва ин аст меҳвари рӯҳи миллии он.

Шаҳрвандӣ категорияи ахлоқие маҳсуб мeёбад, ки аз сифатҳои фардию шаҳрвандии шахс ҷудонопазир аст. Дар дараҷаи шахсият хусусиятҳои муҳимми устувори инсон зоҳир мегарданд, ки дар ҷаҳонбинӣ, идеалҳои ахлоқӣ ва меъёрҳои рафтор ифода меёбанд. Дараҷаи баланди шаҳрвандиро шуури ҷамъиятӣ ташкил менамояд, ки

дар авзою ҳиссиёт, баҳодиҳӣ ва дар муносибат ба халқи худ, тарзи зиндагӣ, таърих, фарҳанги ӯ, ба давлат ва системаи арзишҳои асосӣ зоҳир мегардад.

Шаҳрвандӣ дар рафтор ва фаъолияти инсон зоҳир мегардад. Бо вуҷуди ин дар баъзе таърифҳое, ки дар сарчашмаҳо зикр гардидаанд, чунин унсури таркибии шаҳрвандӣ, ба мисли хусусияти таъсирбахшӣ вуҷуд надорад. Худомӯзӣ метавонад, соҳаҳои мухталифи рушду фаъолияти инсонҳоро фаро гирад. Он метавонд, дар шакли худомӯзии ахлоқӣ ё ҷисмонӣ, эҳсосотӣ, иродавӣ, ё зеҳнӣ ва эстетикӣ зоҳир гардад. Ҳол он ки ин ё он ҷанбаи рушди ҳаматарфа дар кори такмили шахсияти худ вобаста аз талаботи замони ҳозира ва оянда ҷойҳои гуногунро ишғол намояд. Инсон худро вобаста аз нақшаҳои худ, самти асосии зандагӣ ва ё мақсадҳои муайян барои даврони ҷудогонаи ҳаёташ тарбия намуда, сифатҳои муайяанеро мақсади худ қарор медиҳад.

Раванди худомӯзӣ бисёр ҳам мураккаб буда, ҷанбаҳои камолоти ахлоқӣ, шаҳрвандӣ, зеҳнӣ, эстетикӣ, меҳнатӣ ва ҷисмониро фаро мегирад. Он бар пояи талаботи илмҳои табиӣ ва педагогию психологӣ қарор дорад, ки шиносоӣ бо онҳо барои инсоне, ки мехоҳад ба худомӯзӣ ҷиддан машғул шавад, зарур диниста мешавад.

Дар ин маврид бояд ба эътибор гирифт, ки калимаи худомӯзӣ ба маънои васеъ ва маҳдуд фаҳмида мешавад. Худомӯзӣ ба маънои васеъяш фаъолияти огоҳонаю мақсадноки инсон фаҳмида мешавад, ки ба такмили ҳаматарафа (ахлоқӣ, зеҳнӣ, ҷисмонӣ, меҳнатӣ ва эстетикӣ) равона гардидааст. Дар ҳаёт татбиқ намудани худомӯзӣ бо ин мазмун ва инкишофи шахсият дар раванди таълим, фаъолияти меҳнатию ҷамъиятӣ истифодаи самарабахшии вақти холигӣ ва ғайраро дар назар дорад. Худомӯзӣ дар маънои маҳдуди ин калима бо донистани меъёрҳо ва қоидаҳои рафтори фарҳангӣ дар ҷомеа, одат кардан ва машқ кардан аз рӯйи барномаи махсус алоқаманд мебошад.

**Дарачаи омӯзиши мавзуи таҳқиқот.** Ҷанбаҳои мухталифи таҳқиқ ва нақши фаъолии инсон дар раванди худомӯзӣ ва худинкишофдиҳӣ дар корҳои олимони рус Б. Г. Анаев, Л. И. Божович, Н.Ф. Добринин, Т. В. Драгунова, А. Б. Запорожа, В. А. Курутеский, А. Н. Леонтев, А. В. Петровский, К. К. Платонов, Д. Б. Элконин ва дигарон инъикос ёфтаанд. Тавзеҳи моҳияти худомӯзӣ, истифодаи методҳои интерактивӣ ба психологи рус А.Н. Леонтев имкон додааст, ки назарияи инкишофи психикаро таҳия намояд. Барасии идеияҳои ташаккули шахсият дар раванди фаъолият ва бартарияти нақшу аҳамияти шахсият дар рафтори инсон аз ҷониби ӯ ҳангоми тарҳрезии технологияҳои муосири интеракитвии таълиму тарбия ҳамчун асос хизмат менамоянд. Масъалаҳои назариявии педагогие, ки нақши фаъолнокии инсонро дар инкишофи ахлоқии ӯ ошкор месозанд, дар корҳои Н. Д. Болдирев, В. Е. Гмурман, Н. К. Ганчаров, Б. Т. Лихачёв, Э. И. Моноезон, Л. И. Новикова ва дигарон мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Вобастагии рушди раванди худомӯзӣ аз тарбия, муносибатҳои ҷамъиятӣ ва муҳити беруна дар корҳои Т. И. Агафонов, А. А. Бадалев, П. М. Якобсон ва дигарон нишон дода шудааст. Дар корҳои муҳаққиқони мазкур маҷмӯи шароитҳои беруна ва сифатҳои дахилии психологию ахлоқии шахсият, ки ба ташаккули талабот ба худтакмилдиҳӣ таъсиргузор мебошанд, ошкор карда шудааст.

Масъалаи тарбияи шаҳрвандӣ предмети омӯзиши шумораи зиёди корҳои таҳқиқотии олимони тоҷику хориҷӣ ба шумор меравад. Масъалаи мазкур дар китобҳо ва паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон [127-136], асарҳои олимони маъруф М. Лутфуллоев [74-80], Ф. Шарифзода [170-172], И. Каримова [51], Ҷ . Файзализода [161, 162], Н. Худоёрова [169] ва дигарон мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дар педагогикаи шӯравӣ проблемаи тарбияи шаҳрвандии насли наврас аз ҷониби олимони забардаст А.С.Макаренко, В.А.

Сухомлинский, К.Д. Ушинский, И. А. Каиров, И. С. Маренко, М. А. Терентий, В. И. Шахненко ва дигарон коркард шудааст.

Бештари корҳои таҳқиқотии номбаршуда, ба омӯзиши ҷанбаҳои на онқадар муҳимми тарбияи шаҳрвандӣ дахл намудаанд ва баррасии онҳо дар шакли пурра хеле кам сурат гирифтааст. Аз ин рӯ, ба роҳ мондани самарабахшии тарбияи шаҳрвандӣ дар асоси чунин корҳо қобили қабул нест.

Бо назардошти мулоҳизоти дар боло овардашуда, метавон, ба таври мухтасар ва дақиқ **мухолифатҳои асосиро** дар ҳаллу фасли масъалаҳои мазкур ба тариқи зайл баён намоем:

- ихтилоф байни зарурати тарбияи шаҳарвандии хонандагон ва мавҷуд набудани модели коркардшудаи ташаккули он тавассути методҳои худомӯзӣ;

- ихтилоф байни имкониятҳои педагогию воситаҳои худомӯзӣ ва таҷрибаи нокифояи татбиқи онҳо дар рафти тарбияи шаҳрвандии хонандагон;

- ихтилоф байни зарурати арзёбии сатҳи мавҷудаи тарбияи шаҳрвандии хонандагон ва мавҷуд набудани аломатҳое, ки барои муайян кардани сатҳи мазкур тавассути худомӯзӣ мусоидат мекунанд.

Вазифаи илмии таҳқиқот аз таҳия намудани модели тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзи иборат мебошад.

Муҳиммияти таҳқиқи проблемаи мазкур боиси интихоби мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии мо «Шароитҳои педагогии ташкили тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ» гардид.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ**

Ҳангоми таҳқиқи масъалаи шароитҳои педагогии ташкили тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ мо ба чунин ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаи маориф такя кардем: қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» (2013); «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд»; «Стандарти давлатии маълумоти

миёнаи умумӣ» (2009); Стратегияи рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030, «Консепсияи мактаби миллӣ» (1995) ва дигар низомномаҳо оид ба самти таълиму тарбия, «Барномаи таълимӣ ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030», «Барномаи давлатии омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ барои солҳои 2020-2040», озмунҳои ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», «Илм фурӯғи маърифат», «Тоҷикистон – ватани азизи ман», ки ин аснод ҷиҳати  ташкили тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ накши муҳим мебозанд.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот** - таҳия ва санҷиши таҷрибавии модели тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Мутобиқ ба объект, предмет ва мақсади омӯзиши илмии масъалаи мазкур **вазифаҳои зерини** таҳқиқот муайян карда шуданд:

1. Дар асоси таҳлили адабиёти психологию педагогӣ ба таври дақиқ муайян қардани мафҳуми «тарбияи шаҳрвандии хонандагон»;

2. Таҳияи модели тарбияи шаҳрвандии хонандагон бо истифода аз имкониятҳои худомӯзӣ, муайян кардани шаклҳо, методҳо ва воситаҳое, ки ба рушди тарбияи шарҳвандӣ мусоидат хоҳанд кард; дар таҷриба санҷидани самарабахшии  модели таҳиягардида;

3. Муайян кардани имкониятҳои педагогии худомӯзӣ дар раванди тарбияи шаҳрвандии хонандагон;

4. Ошкор кардани хусусиятҳои фарққунандаи тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ;

5. Асоснок кардани шароитҳои педагогие, ки барои тарбияи муваффақонаи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ заруранд.

**Объекти таҳқиқот** раванди тарбияи шаҳрвандии хонандагон маҳсуб меёбад.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқот -** шароитҳои педагогӣ-ташкилии тарбияи шаҳрвандии хонадагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути худомӯзӣ.

**Фарзияи таҳқиқот** ба тариқи зайл аст: тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути методҳои худомӯзӣ он вақт муваффақона сурат мегирад, ки агар:

- мазмуни мафҳуми «тарбияи шаҳрвандӣ» ва муносибати он бо мафҳуми «худомӯзӣ» амиқ муайян карда шавад, ки анҷоми ин кор ба фаҳмиши моҳияти  падидаи мазкур мусоидат хоҳад кард;

- модели тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ, ки мақсад, равишу принсипҳо, қисмҳои таркибӣ, меъёрҳои арзёбӣ, методу шаклҳо, восита ва марҳилаҳои тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзиро фаро гирифта бошад, таҳия карда шавад;

- хусусятҳои фарққунандаи тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ ошкор карда шаванд, ки анҷоми ин кор раванди тарбияи шаҳрвандии хонандагонро ислоҳ менамояд;

- шароитҳои педагогие, ки ба самарабахшии раванди тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ мусоидат мекунанд, асоснок карда шавад.

**Марҳилаҳои асосии таҳқиқот.** Корҳои таҳқиқотӣ асосан се марҳила (аз соли 2016 то 2022)-ро дар бар мегирад:

**Дар марҳилаи якум солҳои (2016-2018)**, ки марҳилаи ҷустуҷӯйӣ-назариявӣ буд, корҳои зерин анҷом дода шуданд: адабиёти фалсафӣ, равоншиносӣ, педагогӣ, таърихӣ – педагогӣ, иҷтимоӣ – педагогӣ, маводи таҳқиқоти диссертатсионӣ ва сарчашмаҳои бойгонӣ доир бо вазифаи илмии таҳқиқот омӯхта ва таҳлил карда шуданд; се таҳлили ретроспективӣ  ва муқоисавӣ – муқобилгузорӣ анҷом дода шуданд, нукоти асосии таҳқиқот таҳия шуданд, мақсад, вазифаҳо, объект ва мавзӯи таҳқиқот, дастгоҳи мафҳумӣ-категориявии он, методологию методҳо ва мантиқи таҳқиқот муайян карда шуданд.

**Дар марҳилаи дуюм (солҳои 2018-2020**) - марҳилаи консептуалӣ корҳои зерин анҷом дода шуданд: сохтори методология ва роҳҳои таҳқиқот дақиқ карда шуданд; натиҷагирии муқоисавӣ – муқобилгузорӣ ва баррасии ҷамъбастии таҳқиқот ва исботи онҳо (бaромад дар маҷлисҳои кафедра, семинарҳо, конференсияҳо, интишорот) анҷом дода шуд.

**Дар марҳилаи сеюм (солҳои 2021-2023)** – марҳилаи ҷамъбасткунӣ корҳои зерин анҷом дода шуданд; натиҷаҳои таҳқиқот актуалӣ ва синтез карда шуданд; нукоти асосии назариявии таҳқиқот дақиқ карда шуданд; тасдиқ ва истифодаи мушаххаси онҳо дар амалияи таълиму тарбия дар ДДЗТ бо номи Сотим Улуғзода анҷом дода шуд; таҳриру такмили мантиқии диссертатсия анҷом дода шуд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** маҷмӯи методҳои умумиилмии маърифатӣ (И. В. Блауберг, М. С. Каган, Э. Г. Юдин ва дигарон); назарияи умумии фаъолият (Л. С. Виготский, А. Н. Леонтев, С. Л. Рубинштейн ва дигарон); назарияи давра ба давра ташаккул ёфтани амалҳои зеҳнӣ (П. Я. Галперин, Н. Ф. Тализин); назарияи таълими инкишофёбанда (А. Б. Воронсов, В. В. Довидов, Л. В. Зонков, В. В. Репкин, Д. Б. Элконин ва дигарон); назарияи ташаккулёбии тафаккури назариявии хонандагон (К. А. Абдулханова- Славская, Ҷ. Брунер, А. В. Брушлинский, В. В. Давидов, И. И. Илясов, А. З. Раҳимов ва дигарон) ташкил медиҳанд.

Ҷавҳари умумиилмии кори диссертатсиониро принсипи ягонагӣ, фаъолият ва ҳамбастагии назариявию эмприкӣ ташкил медиҳанд.

Дар шаклгирии муҳтавои таҳқиқоти мазкур, корҳои илмие, ки ба қонуниятҳои умумӣ ва шароитҳои педагогии раванди ташаккули мафҳумҳо бахшида шудаанд, саҳми муҳим гузоштаанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Дар таҳқиқи масъалаи шароитҳои педагогии ташкили тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ усули таҳлили назариявӣ-илмӣ, психологӣ, педагогӣ ва адабиёти илмӣ

оид ба мушкилоти тадқиқот: маводи дидактикӣ ва васоити таълимӣ барои зинаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ дар раванди таҳқиқ таҳлил гардид; ҷамъбаст ва таҳлили таҷрибаи фаъолияти таълимӣ ва омӯзгорӣ, гурӯҳҳои корӣ оид ба ташкили кор бо хонандагону омӯзгорон истифода гардид.

**Сарчашмаҳои маълумот.** Сарчашмаҳои маълумотро осори илмӣ, педагогӣ-психологӣ ва иҷтимоӣ, файласуфон, таърихшиносон, психологҳо дар бар мегирад, ки дар он андешаҳои мутахассисон оид ба ҷанбаҳои гуногуни ташкили тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ ибрози назар шудааст.

**Заминаҳои эмперикӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар асоси таҷриба ва маълумоте, ки аз муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба даст омадааст, мураттаб ёфта, дар заминаи омӯзиши таҷрибаи пешқадами омӯзгорон таҳлил ва ҷамъбаст гардид. Аз ҷумла, бо омӯзгорон, волидон (падару модарон) ва хонандагон суҳбатҳои фардӣ ва гурӯҳӣ гузаронида шуд; лаҳзаҳои мубоҳисавӣ дар ҷараёни кор; таҳлили лоиҳаҳои таълимии хонандагон тариқи гузаронидани корҳои таҷрибавӣ–озмоишӣ; санҷидани масъалаҳои дар фарзия гузошташуда ба маърази омӯзиш ва иҷро гузошта шуд.

**Пойгоҳи озмоишии таҳқиқотро** корҳои таҷрибавие, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи №89, 82- и шаҳри Душанбе, мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии №81, 45-и шаҳри Ҳисор ва мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии №1-и ноҳияи Варзоб анҷом дода шудаанд, ташкил медиҳанд.. Дар таҳқиқот 42 нафар омӯзгорон ва 280 нафар хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи номбаршуда, иштирок намуданд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.**

1. Мазмуни мафҳуми «тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ» дақиқ карда шуд, ки мо онро ҳамчун маҷмӯи донишҳо,

қобилиятҳо, таҷриба, ангезаҳо ва арзишҳое мефаҳмем, ки барои ҳар як шаҳрвади Ҷумҳурии Тоҷикистон заруранд;

2. Модели тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ, ки мақсади меъёрҳои ташаккули тарбияи шаҳрвандии хонандагон, шаклҳо, методҳо ва воситаҳо, марҳилаҳои ташаккул ва сатҳи тарбияи шаҳрвандии хонандгон тавассути худомӯзиро фаро мегирад, таҳия карда шуд;

3. Қисмҳои таркибии тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ ва муҳтавои онҳо муайян карда шуд.

4. Имкониятҳои педагогии роҳҳои худомӯзӣ, ки ба тарбияи шаҳрвандии хонандагон мусоидат мекунанд, муайян карда шуд;

5. Хусусиятҳои фарққунандаи тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ ошкор карда шуд;

6. Бо далелҳои мушаххас шароитҳои педагогии тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ асоснок карда шуд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ – дараҷаи баландтарини маърифатие мебошад, ки дар асоси заминаи репродуктивӣ, ки аҳмияти субъективӣ дорад ташаккул меёбад;

2. Беҳтар намудани сифати тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ на танҳо ҳаллу фасли муваффақонаи вазифаҳои таълимиро анҷом медиҳад, балки инкишофи шахсиятро таъмин менамояд;

3. Модели тарбияи шаҳрвандии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёна тавассути худомӯзӣ воситаи муҳими ташаккули шахсият мебошад, ки маҷмӯи донишҳо, қобилият ва сифатҳои шахсиятро фаро мегирад;

4. Модели тарбияи шаҳрвандӣ тавассути худомӯзӣ чунин ҳамкориҳоро бо хонандагон ба роҳ мемонад, ки дар натиҷаи он шароитҳои муносиб барои рушди эҷодии шахс фароҳам омода, сатҳи

беҳтар намудани фаъолияти эҷодии хонандагонро ҳангоми худомӯзӣ тавассути ангезандаҳои мусбӣ ҷоннок мегардонад ва он инкишофи тарбияи шаҳрвандии хонандагонро таъмин месозад.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот.** Масъалаи шароитҳои педагогии ташкили тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ бори аввал мавриди тадқиқи фарогир қарор гирифтааст. Таҳқиқ ва омӯзиши шароитҳои педагогии ташкили тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ дар илми педагогикаи ватанӣ аҳамияти назаррас ва амиқи назариявӣ ва амалӣ дорад. Аз ҷумла:

- барои пажуҳиш ва рушди таҳқиқотҳои минбаъдаи илмӣ кумак хоҳад расонд;

- дар ташкили тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ ба омӯзгорон ёрии амалӣ хоҳад расонд;

- ҳамчун дастури маърифатӣ-таълимӣ барои мутахассисони соҳаи маориф хидмати беминнат хоҳад кард;

- маводи таҳияшуда метавонад дар нашри китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ, қомуснома ва солномаҳои таърихӣ истифода гардад;

- чун роҳнамо ва дастур дар самти интихобшудаи илми педагогикаи ватанӣ истифода бурда мешавад;

- таҳқиқот метавонад барои собит намудани бартариятҳои тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ кунад.

**Аҳамияти амалии тадқиқот.** Модели тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ таҳия ва дар амал санҷида шуд; тавсияҳои методӣ доир ба тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ таҳия шуданд.

Масъалаи истифодаи усулҳои гуногуни тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ ҷиҳати ғанигардонии методологияи таълим, бо роҳи истифода аз моделҳои дидактикӣ, мавқеъ ва тарзи истифодабарии методҳои таълими хусусияти ҳувияти миллидошта

тадқиқ шудааст ва барои омӯзгорон ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аҳамияти бузурги амалӣ дорад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Хулосаҳои назариявӣ ва амалӣ, аз ҷиҳати методологӣ, асоснок будани таҳқиқи ҳаматарафа ва васеи таҷрибавӣ, ки ба ҳаҷму мақсад ва вазифаи мантиқии кор мувофиқ мебошад, маҷмӯи методҳои мувофиқ бо мавзӯи таҳқиқот, омӯзиши ҳаматарафаи масъала, интихоби репрезентативии миқдори хонандагон барои озмоиш, дар амалия ҷорӣ намудани тавсияҳои муаллиф ва арзёбии мусбии онҳо аз ҷониби омӯзгорон ва волидон; нишондиҳандаҳои аз ҷиҳати миқдор ва аҳамиаятнокӣ муҳимми таҷриба, тавъамии миқдорӣ ва сифатии таҳлили онҳо таъмин мекунанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мазмуни таҳқиқоти диссертатсионӣ бо соҳаи зерини шиносномаи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) ), аз ҷумла, ба банди 1 - Методологияи таҳқиқи фаъолияти иҷтимоӣ-педагогӣ, моҳият, сохтор, вазифа, принсипҳои онҳо; моделсозии равандҳои иҷтимоӣ-педагогӣ дар муассисаҳои таълимӣ ва банди 4 - Сифати ташкили чорабиниҳои иҷтимоӣ-педагогӣ (технология ва усулҳои баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию педагогӣ; меъёрҳо, нишондиҳандаҳои баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию педагогӣ) мутобиқ мебошад.

**Саҳми унвонҷӯй дар таҳқиқот** аз гузарондани таҳлили системавии проблемаи тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ, ошкор намудани шароитҳои педгогӣ ва таҳияи модели сохторӣ-вазифавии тарбияи хонандагон тавассути худомӯзӣ, коркарди таъминоти илмӣ - методии раванди тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ, гузарондани корҳои таҷрибавӣ доир ба модели тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ ва таҳияи натиҷаҳои озмоиши педагогӣ иборат аст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқот дар кафедраи педагогика ва психологияи Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода мавриди баррасӣ қарор дода шуданд. Мазмуни асосӣ ва натиҷаи дессертатсия бо иштироки муаллиф ҳамасола дар конференсияҳои илмӣ - амалии ҳайати профессорону омӯзгорони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (солҳои 2022-2023), дар конференсияҳои илмии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявие, ки дар шаҳри Душанбе баргузор гардида буданд, баррасӣ шудаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 11 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 5 номгӯй дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, хулоса ва руйхати адабиёт (179 номгӯй) иборат буда, 178 саҳифаи компютериро дар бар мегирад. Дар диссертатсия 1 ҷадвал ва 6 расм-гистограмма ҷой дода шудааст.

# БОБИ I. ТАҲҚИҚИ МАСЪАЛАҲОИ ПЕДАГОГӢ-НАЗАРИЯВИИ ТАРБИЯИ ШАҲРВАНДИИ ХОНАНДАГОНИ ТАВАССУТИ ХУДОМӮЗӢ

## 1.1. Ҷанбаҳои назариявии таҳқиқи тарбияи шаҳрвандии хонандагон дар илми педагогика

Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз соҳибистиқлол шудан барои рушди ҳаматарафаи минбаъда имкониятҳои зиёдеро соҳиб гардид. Дар назди маориф вазифаҳои ҷиддӣ гузошта шуданд, ки яке аз онҳо рушди минбаъдаи маорифи муосир ва мактабҳои миллӣ маҳсуб меёбад. Аз ҷумлаи шароитҳои зарурие, ки барои рушди муассисаҳои таҳсилоти миёна муҳим дониста мешаванд, ин худшиносии миллӣ мебошад. Муассисаҳои таҳсилоти миёна дар ҷомеаи мо набояд аз арзишҳои миллӣ, таърих ва забони модарӣ ҷудо бошад.

Аз ин нуқтаи назар асоси мактаби тоҷикро се аломати ягонагии инкишофёбанда: миллӣ, байналмилалӣ ва умумибашарӣ ташкил медиҳанд. Ин ба ханандагон имкон медиҳад, ки аз як тараф, вижагии ҷудонопазири мансубияти худ ба халқи азизашон ва аз тарафи дигар, мансубият ба ватани бузурги моро эҳсос намоянд, инчунин узви комили олами мутараққӣ бошанд.

Анъанаҳои таърихию фарҳангии халқи тоҷик, имкониятҳои рушди шахсияти онҳо тавъам бо арзишҳои умумибашарӣ сарчашмаи абадие ба шумор меравaнд, ки тамоюлҳои асосии корҳои таълиму тарбияро дар муассисаҳои таҳсилоти миёна муайян менамоянд ва чунин ташаббусҳои бисёр муҳимеро ба мисли кишваршиносӣ, таҷдиди ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ ва ҳифзи онҳо ба амал меоранд, барои рушди осори бадеӣ ва ҳунарҳои мардумӣ мусоидат мекунанд.

Имрӯзҳо дар саҳифаҳои баъзе рӯзномаю маҷаллаҳо чунин даъватҳо садо медиҳанд: мактабҳо ба иҷора ва ё ба ихтиёри ширкатҳо дода шуда, лисей, коллеҷҳо таъсис дода шаванд. Дар робита ба ин масъала метавон чунин иброз намуд, ки дар ҳақиқат ин чиз хуб аст, вале агар он ба

анъанаҳои миллию амалияи педагогии мо такя шуда бошад боз ҳам беҳтар мегардад. Масалан дар баробари чунин муассисаҳои ҳозиразамон оқилона хоҳад буд, ки агар мактабҳои мусиқӣ, рассомӣ, сохтани чизҳо аз гилу пластилин, кандакорӣ, бофандагӣ ва корҳои дастӣ низ таъсис шаванд.

Эҳёи анъанаҳои миллии тарбия, ки аз сохтори муассисаи таҳсилоти миёна ва барномаҳои таълимӣ вобастагӣ дорад, бидуни эҳёи педагогикаи миллии мардумӣ ва таърихии он имконнопазир аст. Дар тӯли бештар аз 80 сол дар Тоҷикистон кадрҳои педагогӣ тарбия мешуданд, инчунин як қатор корҳои муҳиме ҳам анҷом дода шуданд, вале онҳо хеле ҳам кам буданд.

Албатта, насли наврас на бояд аз асосҳои ахлоқие, ки дар эҷодиёти халқи мо, китобҳои муқаддаси динӣ, дар осори гаронбаҳои адабиёти классикӣ, эҷодиёти мардумӣ ва дар маҷмӯъ дар педагогикаи ҷаҳонӣ гузошта шудаанд, бебаҳра монад.

Эҳёи педагогикаи миллӣ, ки бидуни ташкили мактаби миллӣ имконнопазир аст, масъалаи хеле муҳим ба шумор меравад.

Афкори педагогии халқи тоҷик дар ҳамаи намудҳои зуҳуроти худ, ки хоҳ дар шакли жанри назм ва ё наср, хоҳ дар шакли асари илмӣ ва ё асари бадеӣ, ки ҳазор сол ва ё сад сол пеш навишта шудааст, дар худ нури абадии ҳикмати халқ ва некхоҳии инсонро фаро гирифтааст.

Ба ақидаи асосгузори адабиёти классикии тоҷик Абӯабулло Рӯдакӣ, муҳаббати худро нисбат ба Ватан метавон, ба тарзи зайл ифода кард:

Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён ояд ҳаме
Ёди ёри меҳрубон ояд ҳаме
Реги Омуву дуруштиҳои ӯ,
Зери поям парниён ояд ҳаме!
Оби Ҷайҳун аз нишоти рӯйи дӯст,
Хинги моро то миён ояд ҳаме!

Эй Бухоро, шод бошу дер зӣ,
Мир наздат шодмон ояд ҳаме!
Мир моҳ асту Бухоро осмон,
Моҳ сӯйи осмон ояд ҳаме!
Мир сарв асту Бухоро Бӯстон,
Сарв сӯйи бӯстон ояд ҳаме!
Офарину мадҳ суд ояд ҳаме,
Гар ба ганҷ-андар зиён ояд ҳаме! []

Дар яке аз асарҳои худ академики рус Б. Т. Лихачёв барои муайян кардани тарбияи шаҳрвандӣ меъёрҳои зеринро пешниҳод кардааст:

- донистани суруди миллӣ, ифтихор аз Ватандорӣ;
- ҷисми худро обутоб дода тавонистан, фоидаовар будан дар мактаб ва хона;
- одами меҳнатдӯст, фаъол, ташаббускор, эҷодкор, бовиҷдон, адолатхоҳ ва бо тарбиятро дӯст доштан;
- бо ҳамаи кӯдакон дӯстӣ варзидан ва барои худ дӯстеро интихоб намуд, ки метавон, бо ӯ ҳамаи чизро бовар кард ва ӯро ҳеҷ вакт фиреб надиҳӣ;
- барои фоидаи худ ва фоидаи одамон меҳнат кардан;
- бар зидди тамбалӣ ва дигар камбудиҳои худ мубориза бурдан;
- камбудиҳои рафиқони худро танқид карда тавонистан;
- ба калонсолон, иштирокчиёни ҷанг, маъюбон, нафақахӯрон ва рафиқони худ ёрӣ расондан;
- ба кор эҷодкорона муносибат кардан, расмкашӣ кардан, ҳикоя ва афсонаҳоро эҷод кардан, дар саҳначаҳои намоишӣ иштирок кардан [71: 79].

Тарбияи муҳаббат ба Ватан яке самтҳои муҳимми тарбияи ахлоқӣ ба шумор меравад.

Шахсе, ки бори нахуст мафҳуми «шаҳрвандӣ»-ро тавсиф кардааст, ин олими рус В. И. Дал буд. Ба ақидаи ӯ мафҳуми шаҳрвандӣ аз унсурҳои зерин таркиб ёфтааст:

- ✓ дӯст доштани зодгоҳ ва маҳали истиқоматии худ ҳачун Ватан, муҳаббат ва ғамхорӣ дар бораи ҳудудҳои он, эҳтиром гузоштан ба суннатҳои миллӣ ва садоқат ба ҳамаи онҳо то охири умр;
- ✓ эҳтиром ба гузаштагони худ, ки дар он ҳудуд зиндагӣ мекунанд, муҳаббат ва таҳаммулпазирӣ нисбат ба ҳамдиёрони худ, доштани хоҳиши ёрӣ расондан ба онҳо [25: 45].

Хулоса, муҳаббат ба ватани худ ин синтези аломатҳои ахлоқӣ-маънавӣ, шаҳрвандӣ ва ҷаҳонбинии шахс мебошад, ки дар муҳаббат ба Ватан, ба хона ва оилаи худ, дар кӯшиш ва эҳтиёт карда тавонистан ва афзун намудани анъанаҳои беҳтарини арзишҳои халқи худ, фарҳанги миллӣ ва сарзамини худ заҳир мегардад.

Бори нахуст калимаи «ватандӯст»-ӣ дар Аврупо дар давраи Инқилоби Бузурги Фаронса солҳои 1789-1793 ба кор бурда шуда буд. Дар он вақт калимаи шаҳрванд нисбати муҳофизони инқилоб ва душманони ҳокимияти подшоҳӣ кор фармуда мешуд.

Дар «Луғати тафсирии забони зиндаи русӣ»-и В. Дал калимаи гражданин (шаҳрванд) ба таври зайл маънидод мешавад: «Дӯстдори ватан, ғамхорӣ дар бори неъматҳои он». Дар «Луғати забони русӣ»-и С. Ожеков калимаи мазкур ба таври зерин маънидод шудааст: «Шахсе, ки ба ватани худ, ба халқи худ содиқ аст». Дар «Луғати забони адабии муосири рус» калимаи мазкур ин тавр тафсир шудааст: «Оне, ки ватани худро дӯст медорад, ба халқу ватани худ содиқ аст» [96: 87].

Ба андешаи мо, назар ба тафсирҳое, ки дар «Луғати забони русӣ»-и С. Ожиков ва дар «Луғати забони адабии муосири рус» оварда шудаанд, дар луғати В. Дал як унсури муҳимми мафҳуми «ватанпараст» зикр гардидааст, ки он ҳам бошад: «бо иштиёқ дар ҳаққи он (ватан) ғамхорӣ

кардан», яъне инсоне, ки мекӯшад то ба фоидаи Ватанаш кореро анҷом диҳад [25: 59].

Сифати шаҳрвандӣ ҳама вақт дақиқ буда, ба объекти мушахасси мавҷуда равона шудааст. Самти фаъоли ватандӯстӣ асосӣ дониста мешавад ва маҳз он қодир аст ҳиссиёти шахсро бедор намуда, барои мудофиаи Ватан тамоми вуҷуди инсонро тағйир диҳад. «Ватандӯстӣ», аз ҷониби касе, ки сурат нагирад, на бо сухан, балки бо амал исбот карда мешавад, - гуфтааст В. Г. Белинский [20: 12].

Ҷиҳати асли шаҳрвандиро П. Я. Чадаев ҳам зикр кардааст: «Ман наметавонам ватани худро бо чашмони пӯшида, бо абрӯи хамида, бо даҳони баста дӯст дорам. Ман ватани худро дӯст медорам, ба он тавре ки Пётри Бузург дӯстдориро ба ман ёд дода буд. Ба андешаи ман, агар мо баъди дигарон омадем, пас бояд беҳтар аз дигарон амал намоем, то ки хатоҳою роҳгумзаниҳо ва хурофоти онҳоро такрор накунем» [36: 28].

Сифати зиндаю нерӯманди шаҳрвандӣ, ки асосашро манфиатҳои Ватан ташкил медиҳанд, дар таърифҳои он, ки дар «Луғати психолигию педагогӣ», «Луғати энсиклопедии фалсафа», «Луғати мухтасари фалсафа», «Энсиклопедияи шӯравӣ» оварда шудаанд, нишон дода шудааст. Вале дар таърифҳое, ки мо зикр кардем, робитаи баръакс зикр нагардидааст.

Бо назардошти мулоҳизаҳои дар боло овардашуда, метавон, мафҳуми шаҳрвандиро чунин тавзеҳ дод: «Шаҳрвандӣ ин категорияи таърихан ташаккулёфтаю инкишофёбандаи педагогикаи иҷтимоӣ мебошад, ки муносибати устувори мусбии одамон ба Ватани худро инъикос менамояд ва ин муносибат дар фаъолият ба манфиати он зоҳир мегардад. Дар чунин фаъолият ҳам аҳли ҷомеа ва ҳам давлат ширкат меварзанд» [150: 48].

Муҳаббат ба ватан ангезаи муҳим барои муттаҳид кардани ҷомеа маҳсуб меёбад. Он ба сифати ангезаи ботинии фаъолгардонии рушди ҷомеа, мавқеи фаъоли шаҳрвандии шахс, омодагии ӯ ба хизмати

фидокорона ба Ватан хизмат менамояд. Шаҳрвандӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ асоси ҳаёт ва рушди миллату давлатро таҳким мебахшад.

Худи мафҳуми шаҳрвандӣ бо миқдори зиёди идеяҳо: миллӣ, таърихӣ, фарҳангӣ, ҷуғрофӣ ва ғайра алоқаманд аст. Хусусан, ин алоқамандии байниҳамдигарӣ дар ҷумҳурии мо, ки як хонаи умумӣ барои халқҳои зиёди дорои забону фарҳанг ва эътиқодоти динии мухталиф маҳсуб меёбад, равшан зоҳир мегардад. Бинобар ин, шаҳрвандии кишвари мо хусусиятҳои ба худ хос дорад, ки дар байни онҳо нисбатан муҳимтар хусусиятҳои инсонгароии афкори тоҷикии марбут ба шаҳрвандӣ, ваҳдат ва риояи қонунҳо, умумияти устувор ва майлу зарурати ба зиндагии якҷоя ва муҳаббати хоса ба табиат маҳсуб меёбанд.

Сарфи назар кардани чунин хусусиёти шаҳрвандӣ, ки муҳимтарин унсури шуури ҷамъиятӣ ба шумор меравaнд, боиси заиф гардидани пояҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва маънавию фарҳангии ҷомеа ва давлат мегардад.

Дар яке аз баромадҳои худ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон иброз намудааст: «Чунон ки маълум аст, ниёгони шарафманди мо ҳама вақт мактабро ҷои муқаддас медонистанд ва илму донишҳои асосиро шарти муҳимми такомули инсон медонистанд. Маҳз ба шарофати муҳим донистани илму дониш ва маърифатнокӣ аз байни ин халқи бостонӣ ҳазорҳо олимону нобиғаҳои шуҳратманд ба воя расидаанд, ки дар тамаддуни башарӣ саҳми арзанда гузоштаанд. Дар робита ба масъалаи тарбияи шаҳвандии насли наврас, ки дорои ҷаҳонбинии муосир ва донишҳои мукаммал мебошанд, мехоҳем хотиррасон намоем, ки баробари мактаб, ҷомеа ва волидон, пеш аз ҳама, худи наврасон ва ҷавонон бояд аз имкониятҳои мавҷуда, аз ҷумла аз таҷрибаи омӯзгорон, китобҳои дарсӣ, адабиёти бадеӣ, китобхонаҳои электронӣ, матбуоти

даврӣ ва интернетро истифода бурда, барои худтакмилдиҳӣ саъй варзанд» [125: 12].

Муносибат ба Ватан яке аз вазифаҳои ҷиддии ҷаҳонбинӣ маҳсуб меёбад, ки решаи амиқи фалсафӣ - педагогӣ дорад. Дар бораи душвории он К. Д. Ушинский, В. Р. Сорока- Росинский, И. А. Илин, А. Ф. Лосев ва дигар файласуфону педагогҳои машҳур ибрози андеша намудаанд. Муносибат ба Ватанро олими рус А. Ф. Лосев «ҳиссиёти маҳрамонаи мо, ҳиссиёти ботинии мо ва ҳиссиёти хосаи мо» ва педагоги барҷаста В. А. Сухомлинский бошад, онро ҳиссиёти «шармгинона ва нозук» ном бурдаанд.

Аз ин рӯ, тарбияи шаҳрвандӣ кори бисёр нозуку мураккаб мебошад, ки барои хонандагон эълон карда намешавад. Ба ақидаи И. А. Илин «Тарбияи одамон ин бедор намудани ҳисси онҳо нисбат ба таҷрибаи маънавии миллӣ, устувор гардондани нияту ирода ва тахайюлу андешаҳои эҷодкории онҳо нисбат ба он аст». Н. П. Овчиникова идеяҳои пешбари педагогӣ доир ба тарбияи муҳаббат ба ватанро хулоса карда, таваҷҷӯҳро ба он ҷалб менамояд, ки «худи ин мафҳум дар таҷрибаи бевоситаи инкишофёбандаи зиндагии инсон ташаккул меёбад ва тасаввуроти ӯро дар бораи хона, ҳамчун ҷомеаи хурдтарини одамони бо ҳам наздик (оила, падарон ва фарзандон, бародарон ва хоҳарон), дар бораи ватани худ (таърих ва фарҳанги мавзеи истиқомати худ), дар бораи кишвари азиз (забон, таърих, фарҳанг, арзишҳои маънавию ахлоқии халқ) инъикос мекунад» [96:101]. Аз ин рӯ, мафҳуми ватан бо доираи калони мафҳумҳои ҷаҳонбинӣ алоқаманд аст, ки педагог метавонад, таваҷҷӯҳи тарбиятгирандагонро ба онҳо ҷалб намуда, батадриҷ онҳоро ба андешаронӣ доир бо мафҳуми Ватн водор намояд.

Тарбия намудани шаҳрванд ин маънои тарбия намудани инсонеро дорад, ки барои ӯ муҳаббат ба Ватан, кӯшиш барои гулгулшукуфоию тавоноии он ва мавқеи устувори шаҳрвандӣ хос аст. Мафҳуми шаҳрвандӣ бо мафҳуми ватандӯстӣ робитаи наздик дорад ва асоси

ташаккули онро ташкили давлатҳо ва муборизаи тӯлонии онҳо барои истиқлолият ва мустақилият ташкил медиҳад. Бинобор ин, мавҷудияти мафҳуми шаҳрвандӣ ҳазорсолаҳои зиёдро дар бар мегирад ва хеле пештар аз давраи оғози зироаткорӣ ва муқимӣ шудани ҷойи зисти одамон ба вуҷуд омадааст [175: 142].

Ба ақидаи револютсионери рус В. И. Ленин, шаҳрвандӣ «яке аз ҳиссиёти амиқе мебошад, ки асрҳо ва ҳазорсолаҳо қабл ташаккул ёфтааст ва сабаби пайдоишаш ватандорӣ аст» [68: 140].

Дар зер маъноҳои дигари мафҳуми шаҳрвандӣ оварда мешаванд, ки мо онҳоро аз сарчашмаҳои мухталиф гирд овардем:

✓ муҳаббат ба Ватан [25:29];

✓ муҳаббат ба Ватан, садоқат ба Ватани худ, ба халқи худ [25: 45];

✓ ҳисси муҳаббат ба Ватани худ, омода будан ба дифои он ва афзал донистани манфиатҳои кишвар нисбат ба манфиатҳои шахсию гурӯҳии худ, хизмати садоқатмандона ба Ватан ва ҳимояи марзу буми он [121: 16];

✓ муҳаббат ба Ватан, содиқ будан ба он, кӯшиши бо амалҳои худ хизмат кардан ба манфиатҳои он [163:49];

✓ принсипи ахлоқӣ ва сиёсӣ, ҳисси иҷтимоие, ки мазмунаш муҳаббат ба Ватан, садоқат ба он, ифтихор аз гузашта ва ҳозираи он, кӯшиш барои ҳимояи манфиатҳои Ватан мебошанд [61:152];

✓ муҳаббат ба Ватан, Кишвар ва халқи худ [16:282];

✓ ҳисси муҳаббат ба Ватан, идея, эҳсоси масъулияти шаҳрвандӣ барои тақдири Ватан, ки дар кӯшиши хизмат кардан барои халқи худ ва ҳимояи манфиатҳои он зоҳир мегардад [155:175];

✓ муҳаббат ба Ватан, ба сарзамине, ки дар он шахс таваллуд ёфтааст ва ба воя расидааст, ифтихор аз корнамоиҳои таърихии халқ [73: 142].

Ба ин тариқ, мафҳуми «шаҳрвандӣ» - ро бо назардошти муҳтавои таърифҳои дар боло овардашуда, метавон, мухтасаран чунин маънидод

кард: шаҳрвандӣ ин, пеш аз ҳама, муҳаббат ба Ватан ва Кишвари худ аст, ҳиссе, ки барои ҳар як инсони соҳибақл ошно ва хос аст.

Шоири маҳбуби халқи тоҷик Ҳабиб Юсуфӣ дар шеъри зерин муҳаббат ва садоқат ба Ватанро чунин баён кардааст:

Вақти он аст, эй қалам!
Буррандатар гардӣ зи теғ!
Вақти он аст, эй сухан!
Ғуррандатар гарди зи барқ!
То ба душман ҳамла орам, решааш бурри зе бех,
То расӣ, манҳус анчарро кунӣ бе шуху барг!
Як ҷаҳон ишқи Ватан дорад дили халқи азим,
То ватанро дӯст дорад,
Дӯст дорад то абад... []

Шоири рус Н. А. Добролюбов собит менамояд, ки ватандӯстӣ аз муҳаббат ба зодгоҳи худ сарчашма мегирад.

Дар суруди машҳури «Ватан аз чӣ оғоз меёбад?» (аз филми машҳури «Шамшер ва сипар») ба ин савол чунин ҷавоб медиҳад:

Ватан аз чӣ оғоз меёбад?
Аз расмҳое, ки дар «Алифбо»- и туянд,
Аз рафиқони хубу бовафо,
Ки дар бинои ҳамсоя зиндагӣ мекунанд.
Ва шояд он оғоз меёбад,
Аз он суруде, ки модар сароида буд.
Аз оне, ки дар ҳар гуна санҷиш,
Касе наметавонад онро аз мо гирад.
Ватан аз чӣ оғоз меёбад?
Аз он хараке, ки воқеъ дар пеши дарвоза аст,
Аз худи он дарахти тусе, ки дар саҳро,
Дар зери шамол хам мешаваду қад мекашад [31: 17].

Тарбияи ҳисси ватандӯстӣ аз тарбияи ҳисси пайвади хешӣ бо аҳли оила: модар, падар, модаркалон, бобо, хешони дуру наздик оғоз меёбад. Бояд зикр кард, ки ин зинаи аввали тарбияи шаҳрвандӣ аст. Зинаи дуюми он тавассути тарбияи муҳаббат ба зодгоҳи худ - деҳа, шаҳр, синфхонаи мактабӣ, суннатҳои маҳаллӣ ва таърихи маҳал сурат мегирад. Бидуни муҳаббат ба зодгоҳи худ муҳаббат ба Ватани худ имконнопазир аст.

Зинаи сеюми тарбияи шаҳрвандӣ ин тарбияи муҳаббат ба Ватан, ҷомеа, халқ, таъриху фарҳанг ва суннатҳои он мебошад.

Ҳамин тавр раванди ташаккули сифати шаҳрвандӣ аз оила оғоз меёбад ва муҳаббат ба Ватан хотимаи он маҳсуб меёбад. Ин ақида ҳамчун риштаи сурх педагогикаи халқӣ ва педагогикаи муқоисавиро убур менамояд.

Дар яке аз асарҳояш академик Д. С. Лихачёв менависад: «Ман он ақидаеро пайравӣ мекунам, ки муҳаббат ба Ватан аз муҳаббат ба оилаи худ, ба хонаи худ ва ба мактаби худ оғоз меёбад ва батадриҷ меафзояд. Баробари калон шудан он ба муҳаббат нисбати шаҳри худ, деҳаи худ, ба табиати зодгоҳи худ, ба ҳамдиёрон мубаддал мегардад ва вақте ки инсон ба камол мерасад, ин муҳаббат бошуурона ва то охири умр боқӣ мемонад, инчунин ба муҳаббат нисбати кишвари сотсиалистӣ ва халқи он мубаддал мегардад. Набояд ягон ҳалқаи занҷири ин равандро сарфи назар кард ва хеле мушкил хоҳад буд аз нав пайваст кардани занҷиреро, вақте ки ягон ҳалқаи он афтидааст ва зиёда аз ин, аз оғоз дар он вуҷуд надоштааст» [72: 42].

Тафсири мафҳуми шаҳрвандиро хулоса карда, мо тарбияи шаҳрвандиро ҳамчун раванди мувофиқашудаи фаъолияти якҷояи муассисоти давлатию ҷамъиятӣ доир ба дар шаҳрванд тарбия намудани масъулияти шаҳрвандӣ ва эътиқод ба ногузирии иҷрои бечуну чарои уҳдадориҳои конститутсионӣ доир ба ҳимояи манфиатҳои Ватан маънидод мекунем.

Барои хонанда ватандӯст будан, пеш аз ҳама, маънои шаҳрванди шоистаи кишвари худ буданро дорад. Хуб хондан, омода будан ба иҷрои вазифа ва уҳдадориҳои конститутсионии худ доир ба хизмат дар Қувваҳои мусаллаҳи кишвар аз ҷумлаи сифатҳои шаҳрвандӣ ба шумор мераванд. Бояд таваҷҷуҳи хонандагонро ба мисолҳо аз таърихи кишвар, ки аз садоқати ҳамватанони мо ба Ватан ва иҷрои вазифаи ҳарбии худ гувоҳӣ медиҳанд, ҷалб кард.

Дин ҳам дар тарбияи ватандӯстии хонандагон нақши муҳим дорад. Имрӯз он чиз муҳиммияти махсусро касб кардааст, ки таърихи умумиҷаҳонӣ халқҳои «бедин»-ро ёд надорад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дини асосӣ дини ислом ба шумор меравад. Дар дини мазкур ба ваҳдат аҳмияти калон дода мешавад. Ин дин равшан иброз менамояд, ки ҳамаи одамон ворисони як падаранд ва як оиларо ташкил медиҳанд, ки ҳамаи аъзоёнашон аз ҳуқуқҳои билошарт бархурдор мебошанд.

Дар хитобаи вопасини худ Пайғамбари ислом (с) нукоти зеринро махсус зикр намудаанд: «Кулли башар аз Одам ва Ҳаво ба вуҷуд омадааст ва на арабҳо нисбати мардумони ғайриараб ва на мардумони ғайриараб нисбати арабҳо афзалият доранд; на сафедпӯстон нисбати сиёҳпӯстон ва на сиёҳпӯстон нисбати сафедпӯстон бартарият доранд, ба ҷуз аз лиҳози худотарсӣ ва аъмоли нек. Бидонед, ки ҳар гуна мусулмон бародари дигар мусулмон ва ҳамаи мусулмонон бародаранд».

Бародарии инсонҳо яке аз унсурҳои асосӣ дар ягонагии арзишҳои ислом ба шумор меравад. Асоси инро он эътиқодоте ташкил медиҳанд, ки бар пояи озодӣ ва баробарӣ қарор доранд. Ба ғайр аз инҳо дини ислом ҳамкории байни одамонро бар пояи эътиқод ба ягонагӣ ва умумияти Аллоҳ ва ҷудонопазирии аҳли имон, ки асоси онро ягонагии дин ва иттиҳоди тамоми башар ташкил медиҳанд, қарор медиҳад.

Барои ҳар гуна мусулмон Аллоҳ ягона, абадӣ ва дар ҳама ҷо ҳозир аст. Вай Офарандаи тамоми башар аст, Оне, ки тақдири одамонро муайян мекунад ва барои аъмолашон подош мефармояд. Барои ӯ на

мақоми иҷтимоӣ ва на мансубияти миллӣ ва ё мансубияти нажодӣ аҳамияте надорад. Ҳамаи одамон дар назди ӯ баробаранд ва бародари якдигаранд ва агар яке нисбати дигаре бартарият пайдо кунад, он гоҳ ин танҳо дар натиҷаи риоя кардани дастурҳои Офаридагор сурат мегирад [59:102].

Нафари муслмон ба он эътиқод дорад, ки ҳамаи одамон як Офаридагори умумӣ, гузаштагони умумӣ ва билохира тақдири умумӣ доранд. Офаридагор худи Аллоҳ ва гузаштагони умумӣ бошанд, Одам ва Ҳаво маҳсуб меёбанд. Маҳз аз инҳо ҳар яке аз инсонҳо сарчашмаи баромади худро медонанд. Дар робита ба тақдири умумии инсонҳо ҳаминро бояд зикр кард, ки нафари мусулмон ба он шубҳа надорад, ки ҳар кадоме аз моро охири охирон бозгашт ба назди Офаридагори мо – Аллоҳ интизор аст.

Шахси мусулмон ба ягонагӣ ва умумӣ будани дини Аллоҳ эътиқод дорад. Ин маънои онро дорад, ки Худованд дини худро танҳо барои як нажоду миллати бартариятдошта ва ё барои як давра таъин накардааст. Ба ғайр аз ин, ин маънои онро дорад, ки дар дини Аллоҳ набояд ихтилоф ва ё дигар тафовутҳо ҷой дошта бошанд. Агар ҳамаи инҳоро ба маънои дуруст тавзеҳ диҳем, он гоҳ барои собит намудани даъвои ғайриодӣ будани ягон хел гурӯҳи одамон заминае боқӣ намемонад.

Вақте ки ин фикр ақли инсонро тасхир менамояд, дар ӯ фаҳмиши равшани сарчашмаи бародарии байни одамон ба вуҷуд меояд, зеро инсони мусулмон ба ягонагии Аллоҳ, ягонагии инсоният ва ягонагии дин эътиқод дорад, ӯ бидуни истисно ба ҳамаи пайғомбарон ва расулони Аллоҳ эътиқод дорад.

Вале кӯшиши инсон барои қонеъ гардондани шавқу ҳавасҳои худ ва аз пайи ҳавасҳои худ рафтан зиндагии ӯро ба мисли зиндагӣ дар дӯзах мубаддал менамояд. Вай ғуломи хоҳишҳои худ мешавад. Сарвати моддӣ мақсади ҳаёт, сарват воситаи мансубият ба нажод, мавқеи иҷтимоӣ вобастаи ранги пӯст ва муҳаббат ба пул дини ӯ мегардад. Хулоса,

дунёпарастӣ (практисизм)-ро метавон, эътиқодоти динии махсус ном бурд.

Ҳолате ки дар он мақоми иҷтимоии инсон аз вазъи моддии он вобаста аст, дар ҷомеа реша давонд ва устувор гардид ва боиси босуръат тағйир ёфтани меъёрҳои ахлоқии рафтор гардид. Ин намуд шахсон арзишҳои оилавиро фаромӯш кардаанд. Ифтихори онҳо аз «дастовардҳо»-и худ онҳоро ончунон худхоҳу худпараст кардааст, ки онҳо дигар ҳатто талабот ба дӯстонро эҳсос намекунанд ва дар назарашон фоида асоси муносибат ба атрофиён аст.

Ифтихори инсон аз сарват ва мақоми моддии худ ва дарк накардани аҳамияти иҷтимоии табиати инсон сабабҳои асосии рафтори номатлуби одамони зиёде гардидаанд.

Дар дини ислом мавқеи моддию иҷтимоии одамон арзише надорад ва бинобар ин, он барои меҳнати оромонаи якҷояи одамон дар доираи ҷомеа заминаро фароҳам меорад. Муҳимтарин вазифаи инсон фароҳам овардани заминаҳо барои ҷомеаи ягона муқаррар карда мешавад, ки чунин ҷомеа ҳамаи одамонро дар як созмони воҳид муттаҳид месозад.

Ба назари мо, барои ноил гардидан ба ин мақсадҳо зарур аст, корҳои зерин анҷом дода шаванд:

- бо назардошти мавҷудияти имкониятҳои зиёди ҳанӯз истифоданашуди тарбияи шаҳрвандӣ, ватандӯстӣ, дар доираи васеътари одамон паҳн карда шавад;

- фаъолиятро ба самти омӯзиш ва коркарди минбаъдаи асосҳои назариявӣ, истифодаи онҳо ба шароити нави тағйирёфтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, самтҳои муҳимми рушди он, хусусиятҳо, шавқу рағбат ва майлҳои гурӯҳҳои мухталифи хонандагон бояд равона карда шавад;

- ба коркард ва далелнокии маҷмӯи чораҳои аз ҳам вобаста ва барои анҷом дар оянда дар сатҳи минтақа ва ҷумҳурӣ пешбинишуда, ки дорои хусусиёти ҳам идорӣ ва ҳам байниидорӣ мебошанд, таваҷҷуҳи хоса зоҳир гардад;

- то ҳадди ақал кам кардани таъсири як қатор шароитҳо ва ҳодисаҳои номатлуби иҷтимоӣ ба ҷавонон ва наврасон, ки барои тарбияи шаҳрвандӣ мамониат мерасонанд;

- коркард ва истифода кардани шаклҳо ва методҳои сифатан нави тарбия бо назардошти хусусиятҳои нави насли наврас.

Баланд бардоштани таъсири тарбияи шаҳрвандӣ самтҳои зерини фаъолияти педагогиро талаб менамояд:

✓ навсозӣ ва ғанӣ гардондани муҳтавои тарбия бо ёрии ба он ворид намудани унсурҳои фарҳангӣ – таърихӣ, ҳарбӣ – таърихӣ, маънавӣ – ахлоқӣ, идеологӣ, сиёсӣ – ҳуқуқӣ, психологӣ, ҷисмонӣ, ҳарбӣ – техникӣ ва дастовардҳои муҳимми илмҳои иҷтимоӣ – гуманитарӣ;

✓ дар асоси ин дар ҷавонон тарбия намудани қобилияти иҷрои мустақилонаи кор ва арзёбии ҳодисаю воқеаҳои муҳим, ки дар ҷомеа ва дар ҷаҳон рух медиҳанд, қобилияти дарки сабабҳои дақиқи пайдоиши масъалаҳо ва ихтилофоти ҳаёти мо ва донистани нуқтаи назари худ ва муҳиммияти ширкати шахсӣ дар ҳаллу фасли онҳо.

Олимони соҳаи педагогика ва психология як чанд марҳилаҳои тарбияи шаҳрвандиро пешниҳод намудаанд, ки муҳтавоаш чунин аст:

Марҳилаи якум: шаҳрвандии модарзодӣ, ки бо суханони «ман ватанро дӯст медорам ва худам намедонам барои чӣ» ифода мегардад. Хусусияти табиии шаҳрвандиро педагоги барҷаста К. Д. Ушинский ба тарзи зайл инъикос кардааст: «Чӣ тавре ки инсоне бе худхоҳӣ намешавад, ҳамин тавр инсоне бе муҳаббат ба ватан намешавад ва ин муҳаббат калиди боэътимод ба дили инсон ва такягоҳи неруманд барои мубориза бо тамоюлҳои номатлуби табиӣ, шахсӣ, оилавӣ ва авлодии ӯ маҳсуб меёбад». Такя ба хусусиятҳои табиии шаҳрвандӣ дар тарбияи кӯдакон хеле муҳим аст, зеро замина барои дар кӯдакон тарбия намудани сифати шаҳрвандӣ ба шумор меравад [160: 14].

Марҳалаи дуюм: талабот ба муҳаббат нисбат ба пайвандон. Ин лаҳзаро метавон, ҳамчун дилбастагӣ ба муҳити иҷтимоӣ - одамони

атрофи дорои мафкураи худ, расму одат, муносибатҳои байниҳамдигарӣ, қонунҳо ва ғайраҳо маънидод кард. Бо назардошти ин, метавон, қайд кард, ки Ватан ин на танҳо кишвари дорои забон, таърих, расму оинҳо аст, балки он ҳамчунин инсонҳое ҳам мебошанд, ки дар он зиндагӣ мекунанд. Бинобар ин, муносибат ба пайвандон ва хешон ва дар маҷмӯъ ба тамоми халқ бахши муҳимми таркиби мафҳуми шаҳрвандӣ ба шумор меравад, «махсусан, ба кӯдакон адолат нисбати хешу табор, некӯкорӣ, омада будан барои хизмат ба дигарон ва шавқ ба ин кор талқин карда шавад» - навиштааст Я. А. Каменский [54: 25].

Марҳилаи сеюм: дилбастагӣ ба табиат: ба дарёҳо, иқлими гарм ва сардии он, ки дар муҳаббат ба табиати атроф, ба бозиҳои айёми кӯдакӣ, ки хотироти некро дар калонсон аз давраи кӯдакӣ ба вуҷуд меорад, зоҳир мегардад.

Марҳилаи чорум: дилбастагӣ ба муҳити маънавӣ: бо эҷодиёти халқ, адабиёт, санът, илм ва ғайра. Унсури муҳимми таркибии сифати шаҳрвандӣ инчунин донистан ва муносибати эҳтиромона ба забони модарӣ аст.

Марҳалаи панҷум: арзёбии холисона. Ба ин марҳилаи тарбияи шаҳрвандӣ ҳамчун дараҷаи баланди зоҳиршавии сифати шаҳрвандӣ хос аст. Ба миён гузоштани масъалаи ҳамоҳангии равонӣ, ҳуқуқи кӯдакон ва калонсолон дар оила бисёр аҳамияти калон дорад. Баробарии аъзоёни оила дар он вақт таъмин мегардад, ки агар онҳо тамоми мушкилоту хурсандиҳои ҳаёти оилавиро бо ҳам бинанд. Манфиатҳои умумии ҳаёти рӯзмарра робитаҳои ахлоқии аъзоёни оиларо таъмин менамоянд [19: 26].

Марҳилаи шашум: омӯзиши рушди таърихию фарҳангии халқи дигар дар гузариш аз таҷрибаи халқи худ ба идеяи халқ ва давлат умуман. Хусусияти фарққунандаи сифати шаҳрвандӣ аз он иборат аст, ки шахс бояд нисбати халқи дигар душманиро раво набинад ва омода ба меҳнат кардан баҳри инсоният бошад, агар чунин меҳнат ба инсонҳо фоидае расонда бошад.

Марҳилаи ҳафтум: хусусиятҳои фаъолияти шаҳрвандӣ дар амал меҳнат кардан ба манфиати Ватан зоҳир мегардад.

Лаҳзаи такягоҳии дар кӯдакон тарбия намудани сифати шаҳрвандиро бояд фарогирии таҷриба аз ҷониби кӯдак дар Ватани худ ва аз худ кардани меъёрҳои рафтору муносибатҳои байниҳамдигарии дар он қабулшуда ҳисоб кард.

Шаҳвандиро метавон, ҳамчун сифати маънавии инсон ҳисоб кард, ки дар муҳаббату садоқати ӯ ба ватани худ, дарки бузургӣ ва шарафи он, робитаи маънавии худ бо он, дар зарурату кӯшиши дар ҳар гуна шароит нигоҳ доштани шарафу сифатҳои ахлоқии он, бо корҳои амалӣ таҳким бахшидан ба иқтидору истиқлолияти он зоҳир мегардад.

Ҳангоми баррасии нисбатан муфассали мазмуни мафҳуми «шаҳрвандӣ» равшан мегардад, ки он дар худ ҳисси наздикӣ, муҳаббат ба он ҷойе, ки инсон дар он ҷо таваллуд ва ба воя расидааст, муносибати эътиромона нисбати забони модарӣ ғамхорӣ дар бораи манфиатҳои ватан, зоҳир намудани ҳиссиёти шаҳрвандӣ ва нигоҳ доштани садоқат ба ватан ифтихор аз дастовардҳои иҷтимоию фарҳангии он, ҳифз кардани озодӣ ва иситқлолияти он, муносибати эъҳтиромона ба гузаштаи таърихии ватан ва расму оинҳое, ки аз гузаштагон мерос мондаанд, хоҳиши зиёди бахшидани меҳнат, нерӯ ва қобилияти худ ба шукуфоии ватан фаро гирифтааст [106: 25].

Фаҳмиши муосири шаҳрвандӣ чандгуна, ғайриодӣ ва баҳсбарангез аст. Аз бисёр ҷиҳат ин аз табиати мураккаби ин падида, навъҳои зиёди муҳтавои он ва шаклҳои зиёди зоҳиршавии он бармеояд. Ба ғайр аз ин масъалаҳои марбут ба шаҳрвандиро муҳаққиқони мухталиф вобаста аз мавқеи шаҳрвандӣ ва муносибат ба Ватани худ ва вобаста аз истифодаи соҳаҳои гуногуни донишҳо ва ғайра дар шароитҳои мухталифи таърихӣ, иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва сиёсӣ баррасӣ мекунанд.

Мафҳуми махсуси «шаҳрвандӣ» на танҳо дар адабиёти илмӣ - таҳқиқотӣ, балки дар баромадҳо, муҳокимаҳо, мақолаҳо, нақшаҳои

амалии сиёсатмадорон ва ҳизбҳою ҳаракатҳои сиёсӣ, ходимони фарҳангу санъат ва ғайра ба кор бурда мешавад. Доираи тавзеҳоти ин мафҳум хеле васеъ аст: аз маънидоди идеалию хайрхоҳона то дашному таҳқиркунӣ.

Истифодаи ғаразноки мафҳуми шаҳрвандӣ аз ҷониби баъзе ашхос боиси фаҳмишҳои нодуруст ва таҳрифи маънои воқеии он гардидааст. Ҳамаи онҳо ҳамчун таҳрифҳои ғаразноки маъною мазмуни ин мафҳум дониста мешаванд.

Ба таври хеле пурра муҳтавои ин ифода дар таҳқиқоти илмии олими рус И. Е. Кровсов тавзеҳ дода шудааст: «Шаҳрвандӣ ин муҳаббат ба ватани худ, ба зодгоҳ («замини падарон»), ба забони модарии худ, ба фарҳангу суннатҳои пешрафта, ба маҳсули меҳнати халқи худ, ба сохтори пешрафтаи ҷамъиятию давлатӣ аст. Шаҳрвандӣ ин садоқати беҳамто ба ватани худ, омода будан ба ҳимояи исиқлолиятии он аст» [60: 17].

Олими дигари рус И. Ф. Харламов шаҳрвандиро ҳамчун омезиши аз ҳам вобастаи ҳиссиёти ахлоқӣ ва хусусиятҳои рафтор медонад, ки муҳаббат ба Ватан, меҳнати ғайратмандона ба фоидаи Ватан, афзун намудани анъанаҳои меҳнатии халқ, муносибати эҳтиёткорона ба ёдгориҳои таърихӣ ва расму ойинҳои кишвар, дилбастагӣ ва муҳаббат ба зодгоҳ, хоҳиши зиёди таҳким бахшидани шарафу эътибори Ватан, омода будан ва ҳимоя карда тавонистани он, шуҷоати ҷанговарона, мардонагӣ ва фидокорӣ, бародарӣ ва дӯстии халқҳо, имконнопазирии таҳаммули бадбинии нажодию миллӣ, эҳтироми расму ойинҳо ва фарҳанги кишварҳо ва халқҳои дигар, саъй варзидан ба ҳамкорӣ бо онҳоро фаро мегирад [167: 72].

Муҳақиқ Т. Н. Малкорская шаҳрвандиро бо ҷумлаи сифатҳои ахлоқӣ мансуб медонад, ки дар худ муҳаббат ба Ватан, омодагӣ ба ҳимояи он, робитаи ҷудонопазир бо интернасионализм, таҳаммулнопазир будан ба ҳар гуна миллатпарастӣ ва шовинизм, садоқат ба фарҳанги мардумӣ, донистани расму ойинҳои миллӣ, шаъну

эътибори миллӣ, ифтихор ва шараф, ки дар шаҳрвандӣ таҷассум меёбанд, дар худ фаро мегирад [87: 58].

Тарбия раванди робитаи байни наслҳое мебошад, ки воридшавии насли наврасро ба ҳаёти ҷомеа ва иштироки фаъолонаи онҳоро дар раванди воқеии таърихӣ таъмин менамояд.

Дар давраҳои гуногун, вобаста аз шароитҳои иҷтимоию иқтисодии ҳаёти ҷомеа ва системаи ақидаҳои дар он пешбар мафҳуми тарбияро аз дидгоҳҳои мухталиф баррасӣ мекарданд.

Педагоги рус Я. Л. Коменский собит менамояд, ки яке аз мақсадҳои асосии тарбия бояд дар кӯдак тарбия кардани хоҳиши бо хизматҳои худ фоида овардан ба миқдори ҳар чи бештари одамон бошад. Дар асари ӯ «Дидактикаи бузург» омадааст: «Танҳо ҳамон вақт ҳолати хушбахтӣ дар корҳои шахсӣ ва ҷамъиятӣ фаро мерасад, ки дар натиҷаи онҳо некӯаҳволии омма ҳосил гардад» [54: 49].

Дар мактаби мо ҳамеша ба масъалаи дар насли наврас тарбия намудани сифатҳои маънавии шахсӣ, ба мисли ҷамъиятгароӣ, шаҳрвандӣ, муҳаббат ба Ватани худ, муносибати эҳтиромона ба таърихи ватани худ, ба фанни таърих ва ба халқи худ таваҷҷуҳи хоса зоҳир мегардад. Баробари ин дар тарбияи муҳаббат ба ватани худ воситаҳои маърифатомӯзии оммавӣ: радио, филмҳои бадеии ватанӣ, театер, адабиёти бадеӣ нақши муҳим доштанд.

Асарҳои илмии педагогӣ доир ба масъалаи тарбияи шаҳрвандии даврони шуравӣ миқдоран зиёд ва гуногунанд. Дар онҳо ҳам масъалаҳои назариявӣ – методологӣ (моҳияти мафҳумҳои «шаҳрвандӣ» ва «шаҳрвандии шӯравӣ», шарҳи онҳо, роҳҳо ва воситаҳои ташаккули онҳо ва ғайра) ва ҳам масъалаҳои амалӣ (равияҳои мухталифи тарбияи шаҳрвандӣ: тарбияи ҳарбӣ – шаҳрвандӣ, тарбия дар рӯҳияи анъанаҳои меҳнатӣ ва ҷангии халқи шӯравӣ, робитаи байниҳамдигарии навъҳои тарбияи шаҳрвандӣ, эстетикӣ ва гурӯҳии хонандагони синнашон гуногун ва ғайра) ҳаллу фасл гардиданд.

Дар омӯзиши илмии масъалаҳои тарбияи шаҳрвандии ин давра корҳои педагоги машҳури шӯравӣ В. Л. Сухомлинский аҳамияти махсус доранд. Номбурда ба ин ақида буд, ки мактаб бояд дар ҷавонон хоҳишу кӯшиш ба хизмати фидокорона ба Ватан, ба меҳнати ғайратмандона ва кори ҷамъиятӣ тарбия намояд. Мавсуф шаҳрвандии шӯравиро ҳамчун «муҳаббати хайрихоҳонаи халқи шӯравӣ ба ватани сотсиалистии худ» маънидод кардааст [161: 49]. В. А. Сухомлинский аниқ карда буд, ки яке вазифаҳои асосии тарбиявии мактабӣ ин омода намудани хонандагон ба меҳнати одии рӯзмарра, меҳнат барои ҷамъият ҳамчун кори шаҳрвандӣ мебошад. Илова бар ин, худи фаъолияти кӯдакон, ки ба ин мақсад аз ҷониби педагог ташкил карда мешавад, кувваи ангезиш ва роҳнамои тарбияи шахсияти шаҳрванди ба воя расидаистода ба назар мерасад. Дар асари худ В. А. Сухоминский инчунин ба мушкилот дар тарбияи шаҳрвандӣ таваҷҷуҳ зоҳир намудааст ва сабаби ин мушкилотро дар он мебинад, ки зиндагии рӯзмарра мо андозаеро намебинем, ки ба ёрии он метавон, ин «арзиши ба душворӣ даркшаванда» – шаҳрвандиро андозагирӣ кард. Муҳаббат ба Ватан ҳамон вақт ба шуур нерӯ мебахшад, ки вақте ки дар шуури инсон образҳое маҳфуз мондаанд, ки ба зодгоҳ, забони модарӣ алоқамад бошанд, вақте ки ҳисси ифтихор аз он, ки ҳамаи ин Ватани туст, зоҳир мегардад [153: 52].

Асоси системаноки тарбияи шаҳрвандӣ дар мактаби муосир арзишҳои ахлоқию маънавии миллат ба шумор мераванд. Нуктаи асосӣ дар тарбияи ватандӯстӣ дар шароити муосир он аст, ки чӣ тавр ҳисси шахсият, шуури шаҳрвандиро дар пояи арзишҳои маънавии инсонпарваронаи халқи худ метавон, инкишоф дод.

Чунончи, ҳанӯз дар гузаштаи начандон дур ба ҷойи тарбияи ҷамъиятгароӣ, идеяи дар хонандагон тарбия намудани фардгароӣ, эгосентризм (худхоҳӣ) ривоҷ ёфт ва ба ҷойи тарбияи шаҳрвандӣ дар ҷомеа тарбияи космополитизм ва муносибати беэҳтиромона нисбат ба таърихи ватан ва ба халқи худ густариш пайдо карданд. Ин боиси он

мегардад, ки мафҳумҳои «шаҳрвандӣ» ва «ватандӯст» тобиши маъноии манфиро касб кунанд.

Вале қисман коҳиш ёфтани сифати шаҳрвадӣ дар ҷомеа , махсусан, дар байни ҷавонон, ба сабабҳои зерин сурат мегирад:

✓ «..... қисмати бештари ҷавонон ба сабаби мавҷуд набудани имконият, наметавонад ва ё намехоҳанд меҳнат кунанд, бахусус, ба корҳои истеҳсолӣ машғул шаванд» [154: 5];

✓ кӯшиши ҷавонон ба зуд беҳтар шудани вазъи иқтисодиашон, ки бештари онҳо ба сабаби паст шудани сатҳи зиндагӣ, кам шудани хароҷот ба ғизо, истироҳат, таҳсил, заруратҳои маишӣ ва ғайра дар сатҳи камбизоатӣ ва камбағалӣ қарор доранд [154: 6];

✓ бад шудани вазъи саломатӣ (ҳам ҷисмонӣ ва ҳам равонӣ), вазъи демографӣ дар ҷомеа, ки боиси таназули генофонди миллат, паст шудани иқтидори зеҳнию ахлоқӣ ва умуман коҳиш ёфтани нақши ҷавонон ҳамчун захираи иҷтимоӣ мегардад.

✓ авҷ гирифтани буҳрони маънавии ҷавонон, беқурбшавии арзишҳои муҳимми иҷтимоию иқтисодии он, бартарият пайдо кардани ангезаҳои номатлуби задди иҷтимоӣ дар рафтор, мутобиқшавӣ ба шароитҳои тағйирёбандаи ҳаёт, пеш аз ҳама, аз ҷиҳати моддӣ ва бештари вақт бо роҳи ғайриқонунӣ.

Вале тавре ки А. В. Усов қайд мекунад, «агар мо хоҳем, ки кишвари худро нигоҳ дорем, агар мо хоҳем, ки бузургии пештараи Ватани худро барқарор намоем, барои мо зарур аст, ки ҷиддан муносибати худро ба тарбияи ҷавонони мактаб ва донишҷӯён таҷдиди назар намоем» [159: 59]. Илова бар ин, дар педагогикаи ватанӣ таҷрибаҳои беҳтарин дар соҳаи тарбияи насли наврас мавҷуданд , аз ҷумла дар тарбияи шаҳрвандӣ – ҳисси олӣ дар инсон, ки гӯё ҳамчун сименти ҷамъиятии пайвасткунандаи одамон дар ҷомеаи бовиҷдононаю дӯстона, ҳиссе ки тибқи гуфтаи К. Д. Ушинский, «нафари охирин ҳатто дар ҷинояткорӣ ҳалок мегардад», ба шумор меравад [160: 59].

Дар мавриди ба як бахши шартан мустақили корҳои тарбиявӣ ҷудо кардани тарбияи шаҳрвандӣ, бояд робитаи қонунии он бо самтҳои дигари тарбия (тарбияи ахлоқӣ, меҳнатӣ, эстетикӣ ва навъҳои дигари тарбия) қайд кард, ки як таркиби хеле мураккаб дар нисбати ҷузъу кулл маҳсуб меёбад. Ин чиз дар навбати худ аз сабабҳои зерин вобаста аст:

- ✓ якум, шаҳрвандӣ, бахусус, агар пайдоиши он ба назар гирифта шавад, ҳамчун ҳиссиёт ба вуҷуд меояд ва инкишоф меёбад ва ҳар чи бештар хусусяти иҷтимоӣ касб мекунад ва бо афзоиши фоидабахшии ахлоқию маънавӣ боло меравад;
- ✓ дуюм, дарки инкишофи олии ҳисси шаҳрвандӣ бо фаъолият робитаи ногузастанӣ дорад, ки нисбатан мушаххастар дар фаъолияти ғайратмандонаи иҷтимоӣ, амалу рафтор, ки аз ҷониби шахс ба фоидаи Ватан анҷом дода мешавад, зоҳир мегардад;
- ✓ сеюм, шаҳрвандӣ, ки аз ҷиҳати моҳияти худ як падидаи иҷтимоӣ маҳсуб меёбад, на танҳо аломати фарққунандаи ҳаёти ҷомеа, балки сарчашмаи мавҷудият ва рушди он ба шумор меравад ва ҳамчун зарурати зиндагӣ ва баъдан ҳамчун мизони бақои ҷомеа арзи ҳастӣ мекунад;
- ✓ чорум, ба сифати субъекти асосии шаҳрвандӣ худи инсон маҳсуб меёбад ва вазифаи асосии иҷтимоӣ – ахлоқии он аз фаҳмиши мансубияти таърихӣ, фарҳангӣ, миллӣ, маънавӣ ва ғайраи худ ба Ватан иборат аст, ки ҳамчун эътиқоди олие, ки мақсад ва муҳиммияти ҳаёти ӯро муайян мекунад ва дар шакли хизмат ба Ватан зоҳир мегардад;
- ✓ панҷум, шаҳрвандии ҳақиқӣ аз маънавиёт вобастагии зиёд дорад.

Шаҳрвандӣ ҳамчун ҳисси олӣ, арзишу сарчашмаи беназир, сабаби асосии фаъолияти муҳимми иҷтимоӣ, нисбатан пурратар дар шахс ва гурӯҳи иҷтимоие зоҳир мегардад, ки сатҳи олии рушди маънавӣ – ахлоқӣ ва фарҳангиро соҳиб шудаанд. Шаҳрвандии ҳақиқӣ, ки бар пояи маънавиёт қарор дорад, хизмати беғаразонаю фидокорона ва ҳатто то

дараҷаи ҷоннисорӣ дар роҳи хизмат ба Ватанро дар назар дорад [163: 43].

Дар робита ба ин андеша, метавон гуфт, ки барои омӯзгор дар ташкили раванди таълиму тарбия лозим аст, ба андешаи Е. А. Ануфриев, доимо ғанӣ гардондани ҳамаи ҷанбаҳои кори тарбиявӣ бо муҳтавои шаҳрвандӣ шарти зарурии тарбияи шаҳрванд ба шумор меравад [139: 210].

Дар амалия татбиқ намудани тарбияи шаҳрвандӣ аз якҷоягии эътиқодот ва принсипҳое, ки қонуниятҳои умумӣ, принсипҳои раванди тарбия ва хусусиятҳои тарбияи шаҳрвандии хонандагонро дар мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ инъикос менамоянд, вобастагӣ дорад. Аз ҷумлаи чунин принсипҳо инҳо мебошанд:

- ✓ вобастагии муҳтаво, шаклу методҳо, воситаҳо ва усулҳои тарбияи шаҳрвандӣ аз хусусиятҳои синнусолӣ ва шахсии хонандагон;
- ✓ ягонагии диалектӣ ва робитаи табиии байни маводи таълимӣ ва муҳтавои чорабиниҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ;
- ✓ муттаҳид кардани тарбияи шаҳрвандӣ бо самтҳои дигари кори тарбиявӣ;
- ✓ такя ба афкори нави ташкилу роҳандозии раванди тарбия ва фаҳмиши нави мафҳумҳои асосии педагогӣ;
- ✓ такя ба сифатҳои фоидаовари шахсияти тарбиятгиранда ва фароҳам овардани фазои мусоиди психологӣ дар раванди ҳамкории педагогӣ;
- ✓ мувофиқа кардани ҳамкории мактаб, оила ва фаъолони ҷомеа дар системаи тарбияи шаҳрвандӣ.

Бо назардошти хусусиятҳои хоси тарбияи шаҳрвандӣ дар ҷомеаи муосир, метавон, зикр кард, ки мақсади ин раванд аз тарбияи шаҳрванди мутаъқид, дӯстдорандаи Ватани худ, ба Ватини худ содиқ, омода бо меҳнати худ хизмат кардан ба он ва ҳимоя кардани манфиатҳои он иборат аст.

Вазифаҳо ва муҳтавои тарбияи шаҳрвандӣ аз таркиби мафҳуми «шаҳрвандӣ» бармеояд, вале мафҳуми мазкур дар адабиёти педагогӣ тафсири ягона надорад. Ба ақидаи баъзе олимон, мувофиқи матлаб хоҳад

буд, ки агар шаҳрвандӣ ҳамчун маҷмӯи ҳиссиёт, принсипҳо ва сифатҳои шахсият фаҳмида шавад. Чунончи, Л. И. Мишенко собит менамояд, ки «сифатҳои ахлоқии шахс, ки самтгирии онро муайян мекунанд, бо се гурӯҳ ҷудо мешаванд, ки муносибати инсонро ба худаш, инсонҳои дигар ва ҷомеа, ба навъҳои мухталифи фаъолият ва ба арзишҳои гуногуни моддӣ муайян мекунанд» ва номбурда пешниҳод мекунад, ки «шаҳрвандӣ ҳамчун сифати мураккабу бисёрҷониба се гурӯҳи сифатҳоро фаро мегирад ва дар муносибати шахс ба инсонҳо, ҷомеа, меҳнат ва намудҳои дигари фаъолият, муносибат ба арзишҳои моддӣ зоҳир мегардад ва дар раванди амалишавии ин системаи муносибатҳои аз ҳам вобаста ташаккул меёбад» [88: 14].

Таъмини системавӣ ва педагогии тарбияи шаҳрвандӣ анҷоми корҳои зеринро дар назар дорад: коркарди бунёдии маҷмӯи барномаҳои таълимӣ ва махсус, нақшаҳо доир ба ташкил ва гузарондани тарбияи шаҳрвандӣ, ба кор бурдани тамоми шаклҳою воситаҳои гуногуни педагогӣ бо назардошти хусусиятҳои хоси ин ё он қишри аҳолӣ, инкишоф ва беҳтар намудани шаклу роҳҳои тарбия, ки аз ҷониби вазорату муассисаҳо ва созмонҳои ҷамъиятӣ анҷом дода мешавад, ҷамъбасткунии натиҷаҳои коркардҳои таълимӣ – методӣ, бохабар намудани намояндагони системаи маориф ва созмондиҳандагони корҳои оммавӣ доир ба тарбияи шаҳрвандӣ аз навгониҳои ин соҳа, нашри баробару дурусти адабиёти дахлдор, ки ин соҳаи донишҳоро бо назардошти таҷрибаи пешқадами педагогии ватанию хориҷӣ тавзеҳ медиҳанд, таҳлили нақшаҳои фаъолияти гуманитарӣ ва тарбиявӣ, то ки хусусиятҳои тарбияи ҳис ва шуури ватандӯстӣ дар кӯдакон, ҷавонон ва шаҳрвандони кишвар ошкор карда шаванд.

Таъмини маводи омӯзишии тарбияи шаҳрвандӣ ин таҳкими устувори шаҳрвандӣ, омодагӣ ба хизмати сазовор ба Ватан ба сифати арзишҳои асосӣ дар тафаккур ва ҳиссиёти шаҳрвандон; истифодаи беҳтари унсурҳои таркибии тарбияи шаҳрвандӣ мебошад.

Тарбияи шаҳрвандӣ дар худ ҳамаи зинаҳои корҳои тарбиявӣ, оғоз аз оила, муассисоти таълимӣ, меҳнатӣ, коллективҳои низомӣ ва ғайра то мақомоти олии давлатиро фаро мегирад. Он ташкили чорабинҳо доир ба тарбияи шаҳрвандиро ҳам дар сатҳи давлатӣ ва ҳам дар сатҳи минтақавӣ, дар сатҳи коллективҳои ҷудогона ва ҳам гузарондани корҳои тарбиявии инфиродӣ бо хонандагони ҷудогонаро талаб менамояд.

Дар системаи тарбияи шаҳрвандӣ оила мақоми муҳим дорад. Танҳо дар оила, ҳамчун воҳиди хурдтарини ҷомеа, бунёди тарбияи шахсият, ташаккул ва рушди муҳаббат ба Ватан гузошта мешавад ва баъдан дар муассисоти таълимӣ - тарбиявӣ, фарҳангӣ – маърифатӣ, коллективҳои меҳнатӣ ва низомӣ ва дар созмонҳои ҷамъиятӣ идома меёбад.

Дар таркиби тарбияи шаҳрвандӣ ҷузъи асосӣ кори оммавӣ доир ба ватандӯстӣ маҳсуб меёбад, ки ба таври доимӣ аз ҷониби мақомоти давлатӣ бо иштироки фаъолонаи воситаҳои ахбори омма, намояндагони иттиҳодияҳои илмию эҷодӣ, созмонҳои собиқадорони ҷангу меҳнат, ҷавонон ва дигар созмонҳои ҷамъиятӣ ва муассисоти динӣ ташкил ва гузаронда мешавад.

Қобили зикр аст, ки эҳёи худшиносии миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, имконияти маънавӣ – ахлоқӣ ва ватандӯстии ҷомеаи мо, ки онҳоро чандин насли одамон фароҳам овардаанд, заминаҳои асосӣ барои рушди он дар замони муосир маҳсуб меёбанд ва барои пурра таъмин намудани муттасилии таърихӣ, ки дар асри XX дар натиҷаи якчанд ҷангҳои харобовар ва харобиҳои иҷтимоӣ канда шуда буд, мусоидат менамояд. Дар айни замон рафти ҷустуҷӯ ва дарёфти фаҳмиши ҳақиқии шаҳрвандӣ бар пояи маънавиёт, таърих ва фарҳанги халқи тоҷик қарор дорад, ки он инъикоскунандаи масъалаҳои рушди муосир, хусусиятҳои фарққунандаи худшиносии миллӣ маҳсуб меёбад ва метавонад ба ҳам созгор будани манфиатҳои ҷомеа ва шахсро таъмин намояд, анҷоми қонуни худро интизор аст, аз ҷумла дар соҳаи назария ва амалияи педагогӣ

## 1.2. Мазмуни тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ

Дар шароити муосир ризоият ва қобилияти давлат доир ба татбиқи сиёсат дар соҳаи тарбияи шаҳрвандӣ дар навбати худ аз ақидаи он нисбати баъзе масъалҳои барои давраи ҳозира муҳим вобастагӣ дорад.

Аввалан, ин муайян намудани ғояи миллӣ ҳамчун як бахши ҷаҳонбинии умумимиллӣ ва парадигмаҳои ахлоқию маънавие, ки орзуҳои шаҳрвандони моро дар бораи идеали миллӣ, таҳким бахшидани давлатдорӣ таҷассум мекунад ва метавонад, ҳамватанони моро ба корҳои бузург ба хотири ободонӣ ва тағйири ҳаёти маънавӣ барои беҳбудии ҳамаи ҷомеа водор кунад.

Дуюм, ин устувор гардондани ҷойгоҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди ҷаҳонишавӣ, ҳамгироии холқҳои кишварҳои олам мебошад, ки баробаршавии ҳисси миллию ватандӯстӣ, маҳдудияти мустақилияти миллӣ ва суннатҳои фарҳангие, ки низоми зиндагии халқҳоро пойдор нигоҳ медоранд , дар назар дорад.

Сеюм, ин муайян кардани муҳтавои асосии хусусиятҳои ҳамкории мақомоти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ташкил ва тавзеҳи вазифаҳои барои давлат ҳаётан муҳим мебошад.

Худомӯзӣ фаъолияти мустақилонаи огоҳона ва мунтазами инсон аз болои худ ба мақсади ташаккули хусусиятҳои зарурии шахсӣ ва касбӣ, тарбияи сифатҳои баланди маънавӣ, дарёфти камолоти ҷисмонӣ, таҳким бахшидани қобилияту малакаҳои касбӣ, аз худ кардани малакаи идора намудани раванди худтакмилдиҳӣ дар асоси таҷрибаи худ ба шумор меравад. Ба ақидаи педагог ва тарбиятгари машҳури шӯравӣ В. А. Сухомлинский, «худомӯзӣ ин на ин ки як чизи ёрирасон дар тарбия аст, балки таҳкурсии он аст. Ҳеҷ кас наметавонад инсонро тарбия кунад, агар вай худ худашаро тарбия накунад» [155: 65].

Ба ҷумлаи масъалаҳои асосии методологии тарбияи шаҳравандӣ бо усулҳои худомӯзӣ, метавон, проблемаи ҳамгиросозии байнифаннии

машғулиятҳо ва махсусиятҳои истифодаи усулҳои умумиилмиро дохил кард.

Равандҳои ҳамгиросозӣ дар рафти тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ имрӯз ба сабаби мавҷудияти як қатор сабабҳои беруна афзалият пайдо карданд. Дар шароити рушди баъди саноаткунонӣ, вақте ки шакли нави сохтори ҷамъиятӣ бунёд мегардад, муттаҳид намудани донишҳо шарти зарурӣ барои аз худ кардан ва истифодаи самарабахши маълумоти нав, ҳам таълимӣ ва ҳам илмӣ, ба шумор меравад.

Талаботи бозори муосири меҳнат ба мутахассисони дорои донишҳои васеъ ва ба тағйироти хусусияти меҳнат зуд мутобиқшаванда, омода ва аз худ кардани технологияҳои нав зарурати созмон додани низоми нави омодасозии насли ҷавонро ба миён мегузорад, ки пояи онро ақидаҳои муттаҳид кардани донишҳо аз фанҳои мухталиф ташкил медиҳанд.

Усули асосии роҳандозии муҳтавои тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ ин дарс аст. Дар рафти тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ, метавон, хусусиятҳои зерини дарси ҳамгироро нишон дод:

- ✓ мавҷудияти шароит барои ҳамгиросозӣ (проблема, метод ва объекти омӯзиш);
- ✓ бархӯди ҳамагиросозӣ ба интихоби муҳтавои маълумот: донишҳо, қобилиятҳо, малакаҳо, самтҳо (донишҳои илмӣ, философия, санъат, диншиносӣ, мифология);
- ✓ интихоби шаклҳои ба муҳтавои дарс мувофиқ, ки метавонад, рушди ҳаматарафаи шахсияти хонандаро таъмин намояд.

Мисоли ҷолиби ҳамгиросозӣ, ки қоидаҳои баҳснопазири дар боло зикршударо таҷассум мекунад, ҳамгиросозии дарсҳо маҳсуб меёбад.

Масъалаҳои дигари илмии тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавссути худоӯзӣ масъалаҳои илмӣ - педагогӣ мебошанд, ки муҳимтаринашон инҳо ба шумор мераванд:

•таъсис ва рушди системаи тарбияи шаҳрвандӣ дар муассисаҳои таълимӣ ва муассисоти дигар;

•беҳтар кардани муҳтаво ва методикаи дорои тамоюли тарбияи шаҳрвандии рушди таълуму тарбия;

•ташкили шаклҳои таълими муттасил, ки ба таври лозима ба таълими шаҳрвандон равона шудаанд;

•беҳтар кардани сохтор ва идораи фазои иҷтимоӣ – педагогии чунин навъи тарбия;

•рушди ҷузъҳои иҷтимоии таркибии тарбия;

•тарбияи гароишҳои арзишии шаҳрвандӣ ва меҳвари онҳо – идеалҳо дар хонандагон ва ҷавонон;

•муҳтаво ва методҳои ташкили тарбияи шаҳрванд, муайян кардани меъёрҳои арзёбӣ ва нишондиҳандаҳои он;

•ба назар гирифтани ҷинс ва синни хонандагон ҳангоми ташкили раванди тарбияи шаҳрвандӣ;

•ҷойгоҳ ва нақши оила дар ин навъи тарбия ва ғайра.

Дар тарбияи шаҳвандии хонандагон масъалаи асоситарин ин масъалаи беҳтар кардани худомӯзӣ ҳамчун раванди тарбия дар сатҳи ҳамаи қисмҳои таркибии он – мақсаднокӣ, субъекту объект, муҳтаво ва асоснокии илмӣ аст, ки дар сурати дуруст ҳаллу фасл шудани он натиҷаи хуб ба даст меоянд.

Асосгузори марксизм Карл Маркс ҳанӯз ҳангоми навиштани иншо дар гимназия дар мавзӯи «Андешаҳои ҷавон ҳангоми интихоби касб» қайд карда буд: «...Табиати инсон чунин аст, ки инсон метавонад, танҳо барои камолоти муосирони худ, ба фоидаи онҳо кор карда, худаш ҳам ба дараҷаи камол бирасад» [86:5].

Агар инсон танҳо барои худ кор кунад, вай имкон дорад, олими машҳур, донишмани бузург, шоири барҷаста шавад, вале ҳеҷ гоҳ ба дараҷаи пурра инсони бузург ҳақиқӣ шуда наметавонад.

Таърих он шахсонеро бузург эътироф мекунад, ки барои манфиати умумӣ заҳмат кашида, худашон дорои ахлоқи баланд ва фидокор гардиданд. Таҷриба нишон медиҳад, ки хушбахтарини одам он аст, ки теъдоди зиёди одамонро хушбахт кардааст.

Педагоги машҳури советӣ А. С. Макаренко ба худомӯзӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, аҳамияти калони онро зикр карда буд. Мавсуф худомӯзиро ҳамчун сабаби худи рушди шахсият дар коллектив ҳисоб мекард. Дар ибтидо рушди шахсият дар зери таъсироти беруна, вале баъдан бошад, дар натиҷаи талаботи ҷиддӣ нисбат ба худ, яъне дар натиҷаи худомӯзӣ сурат мегирад. А. С. Макаренко исбот мекунад, ки худомӯзӣ ин амал кардан дар танҳоӣ нест, балки фаъолияти якҷояи ҳамаи коллектив аст. «Ба таври тамоман номаълум рафти тарбияе, ки Антон Семенович раҳнамоӣ мекард ва ҳайҳати муттаҳиди педагогҳоеро, ки ӯ интихоб карда буд, ба раванди худомӯзии дастҷамъӣ мубаддал гардид. Маҳз аз ҳамин иборат аст, он навгоние, ки А.С. Макаренко ба назария ва амалияи худомӯзӣ ворид карааст» [83 : 47].

Нависандаи бузурги рус Л. Н. Толстой ба худтарбиякунии қобилиятҳоюю хислатҳо ва хусусиятҳои зеҳнии худ аҳамияти калон медод. Аз синни наврасӣ сар карда вай ба навиштани рӯзнома оғоз мекунад, ки дар он камбудиҳои худро қайд мекунад ва барои муҳлатҳои гуногун нақшаи худомӯзиро тартиб медиҳад, аз рафти корҳои марбут ба такмили шахсияти худ анҷомдода ҳисобот менависад, хатоҳоро таҳлил карда, нақшаҳои нави умумию шахсии худомӯзиро тартиб медод. Аз рӯи он чизе, ки мавсуф худаш дар бораи худ навиштааст, маълум мешавад, ки ӯ дар хурдӣ тарбияю маълумоти хуб нагирифтааст. Ба шарофати кори ҳаррӯзаи собитқадамона аз болои худ ӯ тамбалию шуҳартпарастии беҳад, дурӯғгӯйӣ ва бисёр кабудиҳои дигари худро бартараф кард ва

ҳамзамон бисёр хислатҳои нек, ба мисли инсондӯстӣ ва махсусан, муҳаббат ба халқ ва деҳқононро касб кард ва қобилияту имкониятҳои худ, ба мисли мушоҳидакорӣ, зеҳни амиқ, тахаюли эҷодӣ ва хотираи худро вусъат бахшид [159: 58].

Тарбияи шахсияти инсон дар се соҳаи нисбатан муҳимми ҳаёт – шуур, муносибатҳо ва машғулиятҳо сурат мегирад. Вале агар натиҷаҳои тарбияи шаҳрвандӣ дар соҳаҳои шуур ва муносибатҳо дуруст нишон дода шуда бошанд, аммо дар бораи рафтори шаҳрвандӣ ва фаъолияти шаҳрванд дар барномаҳо ба таври равшан маълумот оварда нашуадааст ва чунин фикри бисёр муҳим, яъне шаҳравандӣ дар навбати аввал бояд дар рафтори шаҳрвандӣ ва фаъолияти ҷамъиятӣ зоҳир гардад, зикр нашудааст. Маҳдуд кардани соҳаҳои тарбияи шаҳрвандӣ дар доираи шуур дар назария ва амалияи ин навъи тарбия дар ҳамаи сатҳҳо – идеяҳо ва барномаҳо, таҳқиқоти илмӣ, китобҳои дарсӣ ва коркардҳои методӣ мушоҳида мешавад.

Бояд ҳаминро хотиррасон кард, ки дар сатҳи мақсад тарбияи шаҳарвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ, ба ғайр аз гароиш ба тарбияи сифатҳои аз лиҳози иҷтимоӣ муҳим, боз амалӣ гардондани мақсадҳои дигари вазифаҳои тарбия ҳам, яъне бомуваффақият ба ҳаёти иҷтимоӣ омода кардани насли наврас дар шароити имрӯза ва худинкишофдиҳии инсон ҳамчун мавҷуди фаъол, ҳамчун шахсияти эҷодкор ва ҳамчун фардро фаро мегирад.

Худи ҳаёт ва хусусиятҳои замони ҳозираи он нишон медиҳанд, ки самарбахшии тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ асосан аз тарбия дар оила вобаста аст. Танҳо дар оила кӯдак маълумоти ибтидоиро дар бораи муҳаббат ба ҷомеаи хурди худ (оила), ватани хурди худ касб мекунад ва танҳо тавассути оила робитаи ирсии наслҳо, мафкураи ватандӯстии халқҳо тавъам бо хусусиятҳои миллию динни таърихан шаклгирифтаи онҳо интиқол меёбанд. Ва маҳз оила дар маркази таъсири харобиовари механизмҳои иқтисоди бозории дар

давраи рушди пасошӯравии кишвар ва сиёсати ахлоқӣ – маънавии воситаҳои ахбори омма қарор гирифт ва маҳз оила ҳамчун хурдтарин ҷомеаи иҷтимоӣ ва такягоҳи маънавии давлат дар давраи ҳозира бо мушкилоти зиёд рӯ ба рӯ аст. Ба он додани мақоми яке аз субъектҳои пешбари тарбияи шаҳрвандии хонандагон, ворид намудани ҳифзи муҳити ахлоқӣ – маънавии оила ба мундариҷаи тарбияи шаҳрвандӣ илман асоснок ва зарурати ҳаётӣ ба шумор меравад.

Дар раванди тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ обрӯю эътибори оила ва таъсири он аз лиҳози давомияти замонии худ фарқ мекунад. Дар хона кӯдак наздики аз се ду ҳиссаи вақти худро мегузаронад. Дар хона ӯ бозӣ мекунад, мехонад, дарсҳоро тайёр мекунад, корҳои рӯзмарраи хонаро анҷом медиҳад, радиоро гӯш ва телевизорро тамошо мекунад, дар бораи таассурот, хурсандию андӯҳи худ ба наздиконаш нақл мекунад. Одатҳое, ки кӯдакон дар оила касб мекунанд, дар тамоми умр боқӣ мемонанд.

Қувваи тарбияи шаҳрвандӣ тавассути худомӯзӣ дар оила аз ҳассосияти амиқи он иборат аст. Муносибат бо волидони дӯстдоштаю дӯстдоранда ҳамеша пурра эътимодбахш аст. Агар падар ва модар дар тарбия ба хатогӣ роҳ надиҳанд, дили кӯдак ҳамеша барояшон боз аст. Ин имкон медиҳад, ки сари вақт рафтори ӯро ислоҳ кунанд, дар кӯдак хислатҳои мусбатро тарбия карда, зуҳуроти манфиро боздоранд. Таъсири волидаон ба тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути имкониятҳои худомӯзӣ хеле бузург аст, пеш аз ҳама, барои он ки онҳо нахустин шуда бо ӯ муошират мекунанд. Кӯдак ҳар қадар хурдсол бошад, ҳамон қадар вай аз муҳити атроф бештар таъсирпазир аст. Дуруст аст, ки таассуроти нахустин бештар пойдор мемонанд ва бунёди хислатҳои кӯдак, системаи муносибатҳои ӯ ба олам ва одамонро ташкил медиҳанд. Дар рушди тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ падару модар, аз яктараф, ва кӯдак аз тарафи дигар ҳамчун шахсиятҳои дар мувофиқа бо ҳам амалкунанда зуҳур мекунанд.

Писарону духтаронро тарбия карда, волидон дар бораи дар онҳо пайдо шудани хоҳишу рағбати фаҳмидану аз худ кардани дастурҳо ва бо камоли майл иҷро кардани супоришҳо аз ҷониби онҳо ғамхорӣ мекунанд, онҳоро ба мустақилият одат мекунонанд ва барои дар кӯдак тарбия кардани қобилиятҳои эҷодӣ кӯшиш мекунанд.

Муошırати колонсолону кӯдакон бояд барои ҳар ду тараф омӯзанда бошад, яъне онҳо бояд аз ҳамдигар омӯзанд. Волидон наметавонанд ба фарзандонашон таъсири мусбат расонанд, агар худашон ба фарогирии хислатҳои мусбат майл надошта бошанд, яъне барои такмили шахсияти худ кӯшише ба харҷ надиҳанд. Тарбияи шаҳрванддии хонандагон тавассути худомӯзӣ дар оила ин ҳамзамон худомӯзии падарону модарон низ маҳсуб мешавад.

Кӯдак орӣ аз хислатҳои шахсӣ ба дунё меояд ва ҳамчун шахсият дар рафти ҳаёти иҷтимоӣ ва аз худ кардани таҷрибаи меҳнатию ҷамъиятӣ ташаккул меёбад. Аломати асосии камолоти баланди шахсият қобилияти ӯ ба худидоракунӣ, яъне интихоби мустақилонаю бошууронаи амалу рафтори худ мутобиқ ба эътиқодот ва одатҳои психологии худ маҳсуб мешавад. Аз ин рӯ, шахсияти кӯдакро ташаккул дода, бисёр муҳим аст, ки волидон ҳангоми дар ӯ тарбия кардани шуурнокӣ ва хислатҳои дигари мусбат ба аз ҳад зиёд манъ кардану маҷбуркунӣ роҳ надиҳанд. Бешубҳа, тавассути зӯроварӣ ва хушунат кӯдакро тарбия кардан мумкин нест.

Дар рушди тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ нақши китобҳои дарсии фаннӣ хеле калон аст. Аз худ кардани мазмуни китобҳои дарсӣ аз ҷониби хонандагон боиси касб кардани чунин донишҳои марбут ба шаҳрвандӣ аз ҷониби онҳо мегардад:

- ✓ донистани таърихи ватани бузург ва хурди худ;
- ✓ донистани оинномаҳои мардумӣ ва расму оин;
- ✓ донистани сохтори давлатии кишвари худ ва рамзҳои он;
- ✓ донистани меъёрҳои иҷтимоии рафтор дар ҷомеа;

- ✓ донистани табиати ватан ва имкониятҳои ҳифзи он;
- ✓ донистани роҳҳои дар амал татбиқ кардани имкониятҳои шахсии худ ба фоидаи ҷомеа ва ғайра.

Ба ҳайси мақсад ва натиҷаҳои тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ дар раванди таълим, бешубҳа, ақидаҳо ва боварии (эътиқод) шаҳарвандӣ хизмат мекунанд. Калимаи боварӣ дар забони тоҷикӣ ба он гурӯҳи калимаҳои сермаъное дохил мешавад, ки дар онҳо ҳар яке аз маъноҳо яке аз тарфҳои ҳодисаҳои мураккабу чандпаҳлӯи олами воқеиро инъикос мекунанд. Калимаи мазкур се маъноро ифода мекунад:

- якум, боварӣ гуфта унсури муҳимми шуури ахлоқии одамон дар назар гирифта мешавад;
- дуюм, боварӣ гуфта, ақидаҳои нисбатан устувори дар таҷрибаи шахсӣ исботшудаеро меноманд, ки асоси ақидаҳои ҷаҳонбинии шахсро ташкил медиҳанд ва раҳнамои рафтори ӯ мебошанд. Бо ин калима худи рафти коркард шудани боварӣ дар шуури инсон ҳам ифода мешавад;
- сеюм, боварӣ ин усули асоситарини тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути методҳои худомӯзӣ аст.

Ақидаҳои шаҳрвандӣ хусусияти тағйирнопазири шахс маҳсуб мешавад, ки боварии устувори инсон ба дурустии эътиқодоти ҳосилшуда ва аз ҷониби ӯ ҳимояшавандаи марбут ба шаҳрвандиро ифода мекунад. Хоҳиши омодагӣ ба пайгирӣ намудани эътиқодоти шаҳрвандӣ дар ҳаёти воқеӣ дар эътиқодоти шаҳрвандӣ зоҳир мегардад.

Баъзе муҳаққиқон дар корҳои худ исбот мекунанд, ки хусусияҳои шаҳрвандии шахс дар худ нишондодҳоро фаро гирифтаанд (М. Н. Аплетаев, В. И. Руденко, И. В. Редина). Ба андешаи В. И. Руденко, ҳар як зинаи худмуайянкунии шахс (аз зинаи шахсӣ то ба зинаи давлатӣ) ҳамроҳ бо шаклгирии мақсади дахлдори шаҳрвандӣ сурат мегирад. Маҳз мақсадҳо, ба андешаи Д. Н. Узнадзе, сабаби на танҳо омодагию майли субъект ба дарки ҳодисаҳои оянда ва амал кардан дар самти муайян

мегарданд, балки онҳо хусусияти устувору мақсадноки сурат гирифтани рафтори ватндӯстиро низ таъмин менамоянд ва ҳамчун асоси интихоби мақсадноки фаъолияти инсон хизмат мекунанд.

Дарачаи ташаккули мақсад омодагии шахс ба анчоми амали мавриди назарро муайян мекунад. Дар заминаи мақсад фаъолияти ватандӯстӣ метавонад, бидуни мавчудияти амалҳои эмотсионалию иродавӣ тақвият ёбад.

Аҳамияти сифати ҳиссиёти шаҳрвандӣ дар таъсири тарбияи шаҳрвандӣ дар рафти омӯзиши хонандагон дар муқоиса ба ақидаҳою мақсади шаҳрвандӣ камтар нест.

Ҳиссиёт яке аз роҳҳои асосии эҳсос кардани муносибати худ ба предметҳо ва ҳодисаҳои олами воқеӣ ба шумор меравад. Онҳо бо хусусияти устуворӣ ва доимӣ будани худ фарқ мекунанд ва аз ҳамдигар ҳам мутафовит мебошанд. Ҳиссиётро баланд ҳисоб мекунанд, зеро онҳо ҳангоми қонеъ гардидани талаботи нисбатан баланд ба вучуд меоянд. Хусусиятҳои фарқкунандаи ҳиссиёт ҳама вақт бо дарки бештар ва ё камтари меъёрҳои чамъиятӣ, ки ба ин ё он тарафи ҳаёти инсоният мансубанд, алоқаманд мебошанд. Зеро дар ҳиссиёти баланд то андозае муносибати инсон дар мачмӯъ ба олам ва ба ҳаёт зоҳир мегардад, онҳоро баъзан ҳамчун унсурҳои чаҳонбинӣ маънидод мекунанд [130:200].

Ҳиссиёти шаҳрвандӣ, ки ин дар навбати аввал муҳаббат ба Ватан ва садоқат ба манфиатҳои он мебошад, хеле баланданд ва бо чанбаҳои ахлоқӣ, зеҳнӣ, эстетикӣ ва воқеият робита доранд ва паҳлӯи эмотсионалию ҳиссиро ҳам дар ақидаҳою мақсадҳои шаҳрвандӣ ва ҳам дар мавқеъҳои шаҳрвандии хонандагон ташкил медиҳанд.

Гароишҳои муҳимми шаҳрвандии хонандагон ҳам мақсад ва натичаҳои чамъбастии омӯзиши худтарбиякунии шаҳрвандӣ ба шумор мераванд. Зери онҳо мутобиқати гароишҳо ва эътиқодоти шахс, ки бар пояи арзишҳою идеалҳои шаҳрвандӣ қарор доранд, фаҳмида мешавад, ки мақсади онро ба меҳнат ва рафтори муҳимми ичтимоӣ муайян

мекунанд ва асоси худмуайянкунии ахлоқӣ ва шаҳрвандии хонандгон маҳсуб меёбад.

Муҳтавои тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ аз амалисозии мақсаду вазифаҳои бамиёнгузошта ва пешниҳоду риояи мақсадҳои асосии муайянгардида иборат аст.

Асоси тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзиро эътиқодоти зерин ташкил медиҳанд:

- хусусияти ба худ хоси таъриху фарҳанг, ки рушди тарбия дар асоси расму ойинҳои таърихию фарҳангии ватанӣ, арзишҳо ва меъёрҳои фарҳанги миллӣ, суннатҳои этникии маҳаллиро дар назар дорад, мувофиқат ва созгорӣ бо афзалиятҳои умумибашарӣ, ки омода намудани насли наврас ба воридшавӣ ба ҷомеаи ҷаҳонӣ дар асоси идеалҳои баробарӣ, фарҳанги муошırати байни миллатҳо, ҳамкорӣ, муколамаи фарҳангҳо, ҳамзистӣ дар ҷаҳонро дар назар дорад;
- равона будан ба нафъи равандҳои дигари тарбия, ки аз гароиши он ба идеалҳои инсондӯстӣ ва амалисозии тасаввурот дар бораи тарбиягиранда ҳамчун шахсияти рушди тарбия, дар хонандагон тарбия намудани муносибати инсонпарварона ба таърихи кишвари худ, объектҳои фарҳанг, табиат, одамон ва нисбати худ ибора аст. Он кӯшиши кӯдакро ба худинкишофдиҳӣ, ангезиши ҳавасмандии ташаббуси кӯдакона, худфаъолият, ба кӯдакон додани имконияти мавқеъгирии фаъолонаи шаҳрвандӣ, мувофиқи тавоноӣ иштирок кардан дар меҳнати дорои аҳамияти иҷтимоии кӯдаконро равона ва дастгирӣ менамояд;
- фаъолнокӣ ва фаъолият дар роҳандозӣ намудани омӯзиши худтарбиякунӣ дар бахши тарбияи шаҳрвандӣ;
- муттаҳид намудани тарбияи шаҳрвндӣ ва навъҳои дигари тарбия барои таъсири ҳаматарафа ба ақидаҳо ва мақсадҳои хонандагон доир ба олами атроф [24 : 12].

Тарбияи шаҳрвандӣ тавассути методоҳои худомӯзӣ дар ҳамаи сатҳҳо ҳамчун яке аз қисмҳои таркибии тарбия ва ба ҳайси ниҳоди

иҷтимоӣ ягонагии ҷомеаро тавассути амалӣ намудани вазифаҳои зерин таъмин менамояд:

- ✓ ба таври мақсаднок фароҳам овардани шароит барои аз ҷиҳати тарбияи шаҳрвандӣ нисбатан дуруст равона кардани рушди ҳамаи аъзоёни ҷомеа ва иҷро кардани талаботи вазифавии онҳо;
- ✓ мувофиқ ба рушди ҷомеа омода намудани «сармояи инсонӣ», ки то андозаи кофӣ муносиби фарҳанги ҷомеа бошад;
- ✓ таъмини суботи ҳаёти иҷтимоӣ тавссути интиқоли фарҳангу арзишҳои шаҳрвандӣ ва ғайра.

Дар робита ба вазифаҳои тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ метавон, қайд кард, ки онҳо дар худ бахшҳои иттилоотӣ - маърифатӣ, ташаккулу инкишофдиҳӣ, исоҳкунӣ, ангезиши водоркунӣ ба худшиносии шахсӣ дар муҳити иҷтимоӣ - фарҳангии ватани хурд ва ватини бузург, фароҳам овардани шароит барои худтакмилдиҳии хонандагонро фаро мегиранд.

Тарбияи шаҳвандии хонандагон тавссвути худомӯзӣ вобаста аз синни хонандагон ва дарҷаи маълумоти онҳо усулу шаклҳо ва методоҳои махсуси худро дорад.

Дар синфҳои 1 – 4 дар мактаб кӯдакон мафҳумҳо дар бораи табиат, донишҳои ибтидоӣ дар бораи гузашта ваояндаи Ватани худ аз худ мекунанд. Мактаб ба хонандагони хурдсол донишҳои одӣ дар бораи табиат ва ҷамъият дода, ба таври мунназам ба хонандагон мушоҳида кардани умумият байни ҳодисаҳои мавриди омӯзиш ва рушди онҳо, ёфтани сабабҳои воқеии ба ҳам наздик будани онҳоро ёд медиҳад. Дар рафти омӯзиши тарбияткунанда хоанадагон мафҳумҳои одитарин дар бораи қоидаҳои рафтор ва сифатҳои маънавиро аз худ мекунанд, дар онҳо ҳисси ватанпарварӣ, дӯстӣ ва рафоқат, коллективизм, софдилӣ ва ҳақиқатхоҳӣ, одатҳои интизомнокӣ ва муназзамӣ тарбия меёбанд.

Дар синфҳои миёна ва болоӣ бо ёрии омӯзиши амиқу доимии фанҳои табиӣ – риёзӣ ва гуманитарӣ сатҳи ҳамаи корҳо доир ба дар

наврасон ташаккул додани ҷаҳонбинии илмӣ, эътиқодоти шаҳрвандӣ, мақсад, нуқтаи назар, ақида ва гароиши арзишӣ, аз худ кардани меъёрҳои рафтори ахлоқӣ, рушди малакаҳо ва қобилиятҳои шаҳрвандӣ боло бурда мешвад.

Истифодаи имкониятҳои тарбияи шаҳрвандӣ тавассути усулҳои худомӯзӣ ба назар гирифтани хусусиятҳои синнусолии хонандагон, сатҳи рушди ҷаҳонбинии психологии онҳо, мафҳуми олам ва равандҳои иродавӣ, инчунин мувофиқ ба муҳтавои маводи мавриди омӯзиш интихоб намудани шаклу методҳо ва усулҳои таълим, ки имконияти воқеии муттасилӣ ва пайдарҳамии равандҳо ва муттасилии корҳои тарбиявиро доир ба дар хонандагон тарбия намудани хусусияҳои шаҳрвандиро талаб менамояд.

Ҳар як илм имкониятҳои зиёди тарбиявӣ дорад, ки муҳтавои дигари он ба шумор меравад. Дар тарбияи шаҳрвандии хонандагон илмҳои гуманитарӣ, яъне илмҳое, ки ҷамъият, фарҳанг, таърих ва амсоли инҳоро меомӯзанд, ҷойгоҳи хоса доранд.

Шинохти гуманитарӣ навъи махсуси омӯзиш аст, ки муносибати дигари субъекти омӯзандаро ба предмети мавриди омӯзиш талаб мекунад, назар ба оне, ки хоси илмҳои табиӣ ва илмҳои дигар мебошад. Дар маркази ин омӯзиш на ашёҳо, балки инсон қарор дорад, яъне дар онҳо муносибатҳои байни субъект – субъект, на ин ки муносибатҳои байни субъект – объект ҷой доранд. Шинохти ашёҳо ва шинохти инсон ду тарафи аз ҳам фарқунандаанд. Шинохти ашё то охир амали яктарафаи субъекти омӯзанда аст. Инсон ҳамчун объекти шинохташаванда, на «мувофиқат» – и шинохт, балки «расидан» ба умқи онро талаб мекунад. Боз як фарқияти дигари шинохти гуманитарӣ он аст, ки он аз рӯи принсип яксон нест ва на танҳо тафаккури илмӣ - ҷамъбасткунӣ, мантиқӣ ва то андозае қолабӣ аст, балки тафаккури бинои, бадеӣ, амали эҳтимолиро ҳам имконпазир медонад.

Дар асоси донишҳои гуманитарӣ ҷаҳонбинии инсон, ақидаи ӯ доир ба зиндагӣ ташаккул меёбанд, яъне мафҳуми ҷойгоҳи инсон дар олам, дараҷаи масъулияти ӯ барои амалҳо ва рафтори худ аз нуқтаи назари муҳиммияти иҷтимоӣ ба вуҷуд меояд. Фаро гирифтани донишҳои гуманитарӣ имкон медиҳад, ки фарҳанги умумии хоси инсони таҳсилкардаю соҳибмаълумот баланд бардошта шавад. Чунин донишҳо рушди ҳаматарафа ва ҳамаро фарогирандаи инсон: иҷтимоӣ, псхологӣ, ҷисмониро имконпазир мегардонанд ва омодагии ҳаматарафаи ӯро ба иҷрои вазифаҳои касбӣ ва инсонӣ таъмин менамоянд. Бешубҳа, ҳеҷ гуна донишҳои дигар наметавонанд, ба мисли донишҳои гуманитарӣ тағйирпазирии тафаккур, бархӯрди эҷодӣ ба меҳнати инсон, мустақилият дар интихоби стратегия ва роҳҳои рафтори ҳаётиро инкишоф диҳанд.

Маърифати гуманитарӣ инсонро бо донишҳо доир ба муносибатҳои байни ашхос ва ҳамкории байни онҳо мусаллаҳ мегардонад, меъёрҳои ҳаётии рафтор дар ҷомеа, ки шарти пешакии муносибатҳои муваффақона дар сатҳи «инсон – инсон» маҳсуб мешаванд, коркард мекунад. Танҳо бо такя ба донишҳои гуманитарӣ, мумкин аст, мутобиқан чунин хусусияҳои инсон, ба мисли шуурнокӣ, фаъолнокӣ, мустақилият, масъулият, ватнадӯстӣ ва ғайра, ки аз онҳо муваффақияти насли навраси муосир дар мутобиқшавӣ ба ҳаёти иҷтимоӣ вобастагӣ дорад, табия ва рушд ёбанд.

Бешубҳа, ҳар як фанни гуминитарие, ки дар мактаб омӯхта мешаванд, дорои имкониятҳои тарбиявӣ – инкишофдиҳӣ, аз ҷумла тарбияи шаҳрвандӣ ҳам мебошад.

Фанҳои ҷамъиятиро аз худ карда, хонандагон маълумоти таърихӣ, иҷтимоӣ, ва ҷуғрофиро ба даст меоранд, ки ба онҳо имкон медиҳанд, то донишҳои худро дар бораи инсон, давраҳои асосии таърихи инсоният ҳодисаҳои монанд дар таърихи рушди ҷумҳурии мо, муҳити ҷуғрофӣ, соҳаҳои асосии ҳаёти ҷамъиятӣ такмил ва ғанӣ гардонанд. Фанҳои ҷамъиятӣ имкон медиҳанд, ки фаҳмиши хонандагон доир ба таҷрибаи

муошират дар давраи ҳозира ва давраҳои гузашта таъмин карда шавад ва дар онҳо фаҳмиши арзишҳои одии ҷамъиятӣ, сифатҳои муҳимтарини шахс: таҳаммулпазирӣ, нуқтаи назари шаҳрвандӣ, ватандӯстӣ ва амсоли инҳо тарбия када шаванд. Имкониятҳои тарбиявии фанҳои ҷамъиятшиносӣ ва вазифаҳои мутобиққунонии хонандагон ба ҳаёти иҷтимоӣ ва таъмини зуд мутобиқшаваии онҳо ба шароитҳои тез –тез тағйирёбандаи ҳаёт бо истифода аз инмкониятҳои васее, ки онҳо ҳангоми бозии нақшҳо дар бозиҳои таълимии нақшдор доир ба мавзӯъҳои иҷтимоӣ дар ихтиёр доранд, бо ҳам алоқаманданд. Барои он ки вазифаҳои тарбия ба таври пурра ҳаллу фасл гарданд, зарур аст, ки хонандагон мавқеи шаҳрвандии худро амалӣ созанд. Ҳамзамон бо ин зарур аст, ки хонандагон ва наврасон ба ҳаёти созмонҳои худидоракунии мактаб ва бозӣ кардани модели муносибатҳои иҷтимоӣ – иқтисодии одамон ворид карда шаванд, ба хонандагон барои аз худ кардани таҷрибаи баҳсҳои сиёсӣ, иштироки шахсӣ дар фаъолияти муҳимми иҷтимоии иттоҳодияҳои таъриху кишваршиносии мактаб, осорхонаҳои мактабӣ, кори муштарак бо иттиҳодияҳою созмонҳои бачагонаи машғул ба корҳои башардӯстона ва иштирок дар фаъолияти ниҳодҳои иҷтимоию муассисаҳои давлатӣ имконият фароҳам оварда шавад.

Дар муҳтавои фанҳои гуманитарӣ таҷрибаи иҷтимоию фарҳангии инсоният, намунаҳои ахлоқи ҳақиқӣ, маънавӣ, шаҳрвандӣ, башардӯстӣ ва тафаккури эҷодӣ инъикос ёфтаанд. Танҳо дар сурати аз худ кардани асосҳои фанҳои гуманитарӣ, метавон, дар бораи дар хонандагон тарбия кардани сифатҳои асосии шахсӣ ва касбӣ, ташакули ҷаҳонбинии муосири илмӣ, ақидаҳои шаҳрвандӣ, мавқеи шаҳрвандӣ, шуури дохилии маънавӣ, фарҳанги умумӣ, аз ҷумла фарҳанги экологӣ, ҳуқуқӣ, ҷисмонӣ ва ғайра сухан ронд. Дар ҳақиқат, ҳангоми омӯзиши фанҳои гуманитарӣ дар рушди иҷтимоӣ-ахлоқӣ ва фарҳанги умумии хонандагон тағйироти муҳиммм сифатан хуб ба вуҷуд меояд ва онҳо муҳтавои асосии фанҳои гуманитарӣ ва методҳои худомӯзиро аз худ мекунанд.

Лаҳзаҳои муҳиме, ки дар тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ дар мавриди таълими фанҳои таълимӣ таъсиргузор маҳсуб мешаванд, аз инҳо иборатанд:

✓ муҳтавои маводи таълимӣ, ба хусус мазмуни идеявӣ-сиёсии мақсадноки он;

✓ ташкили дурусти машғулиятҳо, гуногунии шаклу методҳо ва усулҳои таълим;

✓ муносибатҳое, ки дар байни омӯзгор ва хонандагон, инчунин дар байни худи хонандагон сурат мегиранд;

✓ таъсири сифатҳои шахсии омӯзгор, таҷриба ва маҳорати педагогии ӯ;

✓ тартиботи умумӣ ва шароити муҳити раванди таълим дар мактаб.

Натиҷаҳои хуби ҳалли масъалаҳои тарбиявӣ аз он вобаста аст, ки то кадом дараҷа воситаҳои тарбиявии ҳамаи лаҳзаҳои дар боло зикршуда дар маҷмӯъ дар амал истифода мешаванд.

Ташкили оқилонаи машғулиятҳо ва корбурди методҳои гуногуни таълим дар сурате натиҷаҳои лозимаро медиҳанд, ки вақте ки:

✓ мақсадҳои таълимию тарбиявии дарс дақиқан муайян карда шаванд;

✓ пайдарҳамии дуруст ва боварибахши кори таълимӣ таъмин карда шавад;

✓ усулҳои гуногуни таълим, ки кори маърифатии хонандагонро ҷоннок менамоянд, хусусияти эъҷодӣ ва наздик ба кори илмӣ доштаи онро тақвият ва ҳам ба кори дастҷамъона ва ҳам ба кори инфиродӣ ангезиш мебахшанд, ба кор бурда шаванд;

✓ натиҷаҳои дарс ҷамъбаст ва ба тартиби ҳалли масъалаҳое, ки ба дарки муҳтавои маводи таълимӣ ва таъсири тарбиявии он мусоидат мекунанд, ислоҳот ворид карда шаванд;

✓ рағбати зарурӣ ва ногузири педагогоӣ ба кори таълимӣ ба вуҷуд биёяд.

Хусусияти тарбияи шаҳрвандии таълим тавассути худомӯзӣ на танҳо тавассути муҳтавои мақсадноки идеявӣ – тарбиявии таълим, балки тавассути методҳо ва шаклҳои ташкили кори таълимӣ ва роҳҳои ҳаракати хонандагон аз ҳолати нодонӣ ба сӯи донишҳо низ таъмин мегардад.

Дар рафти тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути методҳои худомӯзӣ дар раванди таълимӣ – тарбиявӣ ба кор бурдани усулҳои интерактивӣ ва ё худфаъоли таълимӣ аҳамияти калон дорад, ки дар онҳо ташкили ҳамкории педагогӣ на танҳо дар байни омӯзгор ва хонандагон, балки ташкили ҳамкорӣ байни худи хонандагон асосӣ ва муҳим ба шумор меравад. Инчунин дар методҳои мазкур ҳамкорӣ назар ба таъсиррасонӣ бартарият дорад [145 : 240].

Таълими интерактивӣ (анг.interactive learning) дар тарҷума ба забони тоҷикӣ маънои ташкили омӯзиш дар асоси ҳамкорӣ ва ё омӯзише, ки дар натиҷаи рефелексия ташкил карда шудааст, ифода мекунад. Аломати фарқкунанда ва асосии технологияи интерактивии таълим ҳамкории фанҳои таълимие, ки ба фаъолияти самарабахши эҷодӣ равона гардидааст, ба шумор меравад. Ба усулҳои интерактивии таълим инҳо дохил мешаванд: муҳокима, кейс – технология,[1] тамрин, бозиҳои нақшдору коршиносӣ, фаъолияти коркард, усули рушди тафаккури интиқодӣ. Дар ҳама гуна технологияи интерактивӣ хонандагон ҳамчун иштирокчиёни қонунии раванди таълим ширкат меварзанд ва таҷрибаи онҳо ба мисли таҷрибаи омӯзгор, ки на ин ки донишҳои тайёрро медиҳад, балки бештар хонандагонро ба ҷустуҷӯи мустақилонаи маълумот роҳнамоӣ мекунад, аҳамият дорад. Кори дастҷамъонаю

[1] Кейс-технология (аз анг. «case»-ҳолат,вазъият)- технологияи интерактивии таълиме, ки ба ташаккули донишҳо, қобилиятҳо, сифатҳои шахсӣ дар омӯзандагон дар асоси таҳлил ва ҳаллу фасли ҳолати проблемавии воқеӣ ва ё моделсозишудаи марбут ба фаъолияти касбӣ ва дар шакли кейс пешниҳод шуда равона гардидааст.

гурӯҳӣ, ки хоси ҳамаи методҳои таълими интерактивӣ мебошад, бегонагӣ ва канорачӯӣ дар байни хонандагонро пешгирӣ мекунад. Дар рафти кори якҷоя хонандагон ақидаҳо ва ҳиссиёти муштаракро соҳиб мешаванд. Бисёр одамоне дар гурӯҳ бо масъалаҳои монанд ва ҳатто аз онҳо мураккабтару душвортар дучор мешаванд, вале дар гурӯҳ боавриро аз даст надода, роҳҳои гуногуни ҳалли масъалаҳоро ба кор мебаранд. Худи ин ҳодиса барои бисёр омӯзандагон лаҳзае мебошад, ки барои боварӣ ҳосил кардан ба худ мусоидат ва ба худтарбиякунию худтакмилдиҳӣ водор мекунад. Ба ғайр аз ин, бегонагӣ байни омӯзгор ва хонандагон барҳам мехӯрад. Омӯзгор дар синф якҷоя бо дигарон барои натиҷаи ниҳоӣ кор мекунад, вай ҳам ба мисли дигарон иштирокчии ҳалли масъала маҳсуб мешавад. Дар рафти муошират ва фаъолияти умумӣ барои ба даст овардани натиҷаҳои мусбат ва ҷамъбасти умумӣ омӯзгор ва хонандагон аз наздик бо ҳам шинос мешаванд, бо ҳам муошират мекунанд ва ҳамдигарро хубтар мешиносанд. Бар иловаи ин, омӯзгор барои шогирдон намунаи ибрат мешавад ва он намунае мебошад, ки шогиридон кӯшиш мекунанд, дар рафти худомӯзӣ монанди вай рафтор кунанд. Дар усулҳои интерактивии таълим омӯзгор чанд нақши асосиро бозӣ мекунад. Дар ҳар кадоме аз онҳо ӯ фаъолияти иштирокчиёнро доир ба ин ё он соҳаи маърифатию маълумотдиҳӣ ба роҳ мемонад. Дар нақши мутахассис – шиноскунанда омӯзгор маводи таълимии дар шакли матн таҳияшударо баён менамояд, маводи видиоиро нишон медиҳад, ба саволҳои иштирокчиён ҷавоб медиҳад, натиҷаҳои кори иштирокчиёнро мушоҳида мекунад ва ғайра. Ҳамчун ташкилотчӣ – фасилитатор,[2] ӯ ҳамкории омӯзандагонро бо атрофиёни ҷамъиятӣ ва табиӣ ташкил мекунад: иштирокчиёни машғулиятро ба зергурӯҳҳо ҷудо мекунад, онҳоро ба мустақилона ҷамъ овардани маълумот моил месозад, дар мувофиқа кардани иҷрои супориш бо

[2] Фасилитатор (анг.facilitator, аз лот. facilis- осон, созгор)-шахсе, ки иртиботи муваффақонаи гурӯҳи одамонро таъмин менамояд.

ҳамдигар ва омода намудани пешниҳодҳо ба онҳо мадад мерасонад ва ғайра . Дар нақши мушовир омӯзгор ба таҷрибаи касбии иштирокчиён рӯ меоварад ва дар ҷустуҷӯи ҳалли масъалаҳои аллакай ба миёнгузошташуда ва мустақилона ба миён гузоштани масъалаҳои нав ва ғайра мадад мерасонад. Бартарияти муҳимми ҳамкорӣ дар гурӯҳҳо, ки хоси методҳои интерактивии таълим мебошад, моделсозии системаҳои аз ҳам вобаста ва муносибатҳои байниҳамдигарие, ки дар ҳаёти воқеӣ мавҷуданд, ба шумор меравад [160:60]. Инчунин ба хонандагон имкон медиҳад, ки мувофиқати психологии муошırату рафторро дарк ва баррасӣ намоянд, ки ба коркард кардани малакаҳои барқароркунии робита ва рушди иттиҳоди гурӯҳӣ мусоидат мекунанд. Ҳамзамон хонандгон бо чунин ҳодисаҳое мувоҷеъ мешаванд, ба мисли фишороварии гурӯҳӣ, муросокорӣ ва дар рафти тасмимгирии гурӯҳӣ ширкат варзиданд. Дар ҳолати ғайрирасмӣ ҳар як иштирокчӣ метавонад, нуқтаи назари худро баён намояд ва ҳамзамон хонандагон худро ва ҳамдигарро хубтар мешиносанд ва сифатҳоеро нишон медиҳанд, ки бароящон дар рафти муошират ва ҳамкорӣ бо дигарон монеъ мешаванд. Ин чиз дар раванди худомӯзӣ хеле муҳим аст.

Дар омӯзиши фанҳои таълимӣ имрӯз ҳам методҳои анъанавӣ ва ҳам методҳои худфаъолият ба кор бурда мешаванд. Масалан, ҳагоми таълими фанни ҷамъиятшиносӣ барои аз худ кардани малакаҳои фаъолияти маърифатӣ ва амалӣ аз ҷониби хонандагон лозим аст, методҳо ва усулҳои зерин ба кор бурда шаванд:

- ✓ гирифтани маълумоти ҷамъиятӣ аз сарчашмаҳои мухталиф, аз ҷумла маълумоти иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ;
- ✓ дарки бархӯрдҳо ва дидгоҳҳои мухталифе, ки дар онҳо пешниҳод шудаанд;
- ✓ ҳалли масъалаҳои назариявӣ, маърифатӣ ва амалие, ки шароит ва ҳолатҳои маъмулии ҳаётиро инъикос кардаанд;

✓ ба таври мухтасар ва дақиқ баён намудани ақидаи арзёбии худ доир ба ҷомеаи муосир дар асоси муқоисаи далелҳо ва тавзеҳи онҳо;

✓ арзёбии амалҳои худ ва амалҳои одамони дигар аз дидгоҳи маънавӣ, ҳуқуқ ва фоидабахшии иқтисодӣ;

✓ ширкат дар бозиҳои омӯзишӣ (бозиҳои нақшдор, вазъиятӣ, коршиносӣ), намоишҳое, ки дар асоси ҳолатҳои ҳаёти рӯзмарра таҳия шудаанд;

✓ ташкили корҳои эҷодӣ доир ба мавзӯъҳои ҷамъиятшиносӣ ва ғайра.

Чунин шаклу усулҳои фаъолияти таълим барои амиқтар аз худ кардани донишҳои марбут ба шаҳрвандӣ аз ҷониби хонандагон, дар онҳо ташаккул додани ақида ва мақсад мусоидат мекунад.

Дар мавриди таълими фанҳои дақиқ намудҳои махсуси фаъолият ба кор бурда мешаванд. Қобили зикр аст, ки ҳангоми омӯзиши адабиёт аз ҷониби хонандагон чунин усулҳо, ба мисли хониши мулоҳизакоронаю мустақилонаи асарҳои бадеии жанрҳои гуногун; хониши ифоданок, навъҳои гуногуни аз ёд кардани матнҳои назмӣ, ҷавоб ба саволҳое, ки дониш ва фаҳмиши матни асарро нишон медиҳанд, таҳлили ҳаматарафа ва тафсири матнҳо, тартиб додани нақшаҳо ва навиштани тақризҳо ба асарҳои бадаӣ, навиштани нақли хаттӣ бо унсурҳои иншо ва ғайра ба кор бурда мешаванд.

Дар беҳтар намудани фаъолияти таълимии омӯзгорон доир ба тарбияи шахрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ бояд ба таъминоти методии онҳо – донистани усулҳои гунонгуни педагогии онҳо таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуд.

Аз рӯи ҳаҷм, возеҳӣ, мақсаднокӣ ва самарабахшии педагогии истифодаи методҳои педагогӣ метавон, дар бораи маҳорати педагогии омӯзгор қазоват кард.

Усулҳои тарбияе, ки дар рафти тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассати методҳои худомӯзӣ ба кор бурда мешаванд, вобаста аз равия

ва хусусияти корбурди воситаю методҳо метавон, ба гурӯҳҳои зерин ҷудо кард:

- ✓ воридкунӣ ба муҳтавои маводи таълимии тавзеҳшаванда;
- ✓ усулҳое, ки асосашонро ибрати шахсӣ ташкил медиҳад;
- ✓ талаботи мустақим ва бевоситаи педагогӣ;
- ✓ талаботи педагогии ғайрирасмӣ;
- ✓ талаботи педагогии бавосита.

Ба ҳайси усулҳои муҳимми тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ метавонанд, усулҳои зерин хизмат намоянд:

✓ мисол овардан (қаҳрамонии аскарон, аз ҷумла ҳамдиёрони хонандагон, бартарияти техникаи ватанӣ, амалҳои мутахассисоне, ки дониши хуби касбӣ доранд дар шароитҳои фавқулоддаи душвор амал менамоянд, иҷрои бовиҷдонона ва фидокоронаи қарзи конститутсионӣ);

✓ истифодаи муқоиса ва муқобилгузорӣ (сиёсати хориҷии давлатҳои гуногун, имкониятҳои илму маориф дар кишварҳои мухталиф, сатҳи рушди фарҳанг ва ғайра);

✓ нақли равшану образнок (анъанаҳои халқӣ ва расму ойини ватан ва зодгоҳ, ҳодисаҳои гуногуни корнамоиҳои ҷангие, ки шуърати на онқадар зиёд доранд, нақшаҳои ояндаи рушди минтақа, тавсифи бартарияти хизмат ба Ватан, симои ахлоқии шаҳрванди муосир ва ғайра;

✓ шарҳу фош кардани маълумоти бардурӯғи марбут ба таҳрифи таърихи Ҷанги Бузурги Ватанӣ;

✓ таҳлили ҳаматарафаи далелҳо ва ҳодисаҳо (ҷиҳатҳои мусбату манфӣ дар рушди иқтисодии кишвар,ихтилофот дар рушди соҳаи маънавии ҷомеа.

Дар раванди тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути методҳои худомӯзӣ шакли муносибатҳое, ки дар рафти дарс сурат мегиранд, ба хонандагон таъсири тарбиявӣ мерасонад. Принсипнокӣ, риояи одоб ва некхоҳӣ ба фаъолияти ғайратмандонаи ҳар як иштирокчии раванди омӯзиш мусоидат мекунад, дар ӯ хусусиятҳои лозимаи шахсиро тарбия

мекунад. Ба хусусиятҳои хоси муносибатҳои мазкур шахсияти омӯзгор ва маҳорати педагогии ӯ таъсири ҳалкунанда мерасонанд. Аз ҷумлаи хусусиятҳои асосии таъсиргузори омӯзгор эътиқодмандии ғоявӣ, тафаккури хуб инкишофёфтаи гуманитарӣ, ватадӯстӣ ва сифатҳои хуби шаҳрвандӣ, ахлоқи хуб, дониши хуби илмӣ, дараҷаи баланди фарҳанги умумӣ ва маҳорати баланди касбии омӯзгор ба шумор мераванд.

Дар тарбияи шаҳрвандии хонандагон усулҳои фарққунандаи худомӯзӣ ва мавқеи шахсию иҷтимоии омӯзгор муҳим арзёбӣ мешаванд, ки аз инҳо иборатанд:

- ✓ муносибатҳои хуби шахсӣ ба муҳити калону хурд;
- ✓ мулоҳизаҳои созанда дар бораи стратегия ва афзалиятҳои рушди кишвар дар давраи ҳозира, амнияти экологии минтақа, зарурати хуб иҷро кардани вазифаи шаҳрвандию ҳарбӣ ва ғайра;
- ✓ муносибати хуб ба анъанаҳои мардумӣ, эътиқодоти динӣ, таърих ва ояндаи хатмкунандагони мактаб ва ғайра;
- ✓ суханони хуб дар бораи ҳолати корҳо дар мактаб ва аҳли синф;
- ✓ муносибати эҳтиромона ва боварибахш ба хонандагон, роҳ надодан ба маҳдудияти ҳуқуқҳои шахсии онҳо, гуфтори хубу пурэҳсос доир ба мавзӯъҳои ҷамъиятӣ ва ғайра.

Дар рафти тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути усулҳои худомӯзӣ муҳити атрофи хонанда, ки бо рӯҳия ва муҳтавои худ ба тарбияи ватандӯстии хонандагон мусоидат мекунад, ҷойгоҳи хоса дорад.

Дар мактаб ташкил кардани раванди таълиму тарбияи ҷудонопазир хеле муҳим аст, ки дар он баробари шакли муқаррарии машғулиятҳо, усулҳои дигари таълиму тарбияи дастҷамъона ва фаъолияти инфиродии хонандагон, ки ба ҷоннок кардани фаъолияти эҷодии ватандӯстию шаҳрвандии хонандагон, рушди андешаронии мустақилона, тарбияи сифатҳои шаҳрвандӣ ва маънавии шахс, фарҳанги ахлоқию эстетикии ӯ ва ғайра равона гардидаанд, ба кор бурда шаванд.

Дар раванди рушди тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ, бешубҳа, ба ҳисоб гирифтани машғулиятҳои таълимии хонандагон ҳамчун субъектҳо, ҳавасмандӣ ва имкониятҳои онҳо дар фаҳмиши мавзӯъҳои ватандӯстӣ ва тарбиявӣ муҳим дониста мешавад.

Кори фаъолонаи маърифатию амалии ба тарбияи шаҳрвандии хонандагон нигаронидашуда,тақвияти нақши корҳои мустақилонаи амалӣ ба дурусту бошуурона аз худ кардани донишҳо ёрӣ мерасонад ва барои эъҷодкорона дар амал татбиқ кардани онҳо шароитро фароҳам меорад.

### 1.3. Ташкили тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна

Тибқи исботи таҳқиқоти сершумори сотсиологӣ, ки дар вақтҳои охир анҷом дода шудаанд, қисми калони аҳолиро ҳисси муҳаббат ба хонаи падару модар, ба табиати зодгоҳ, ба халқи худ, ки ба ҳаёти ҳар як инсон алоқамананд, муттаҳид месозад.

Дастовардҳои фарҳангии бузурги ватанӣ, ҳам фарҳанги халқӣ ва ҳам фарҳанги классикӣ, бо қолабҳои одӣ – намунаҳои фарҳанги оммавие иваз карда мешаванд, ки ба тарзи зиндагии Ғарб, пеш аз ҳама, ба тарзи зиндагии америкоиён ба маънои воқеии ин мафҳум равона шудаанд. Бо ҳайси қаҳрамони даврони мо ва то андозае намуна барои ифтихор «пешвои манфӣ»- худпараст, бешарму ҳаё, ҷангҷӯю таъдидкунанда ва дорои ахлоқи паст пешниҳод карда мешавад, вале ӯ шахси муваффақ аст ва муваффақиятро бо ҳар роҳ, ҳатто бо роҳи ғайриқонунӣ ҳам ба даст меорад.

Вазифаи асосии худомӯзӣ дар раванди тарбияи шаҳрвандӣ ин рушди мустақилона ва такмили шахсият барои бештар ба ҳаёт омода намудани он ва тарбияи шахсе аст, ки метавонад, на танҳо олами воқеии мавҷударо дарк намояд, балки оқилонаю мақсаднок онро беҳтар гардонад. Асоси худомӯзиро усулҳои фаъолият, фикрҳои шахсӣ, мақсаду имконият ва қобилият ташкил медиҳанд. Намунаи олии қанеъ гардондани талабот ба маърифат, ба дарки ҳамаи чизҳои нав ин худомӯзӣ аст. Маҳз он бо зоҳир гардидани кӯшишҳои иродавӣ, дараҷаи баланди фаҳмиш ва интизомнокӣ, дарки сифатҳои хуби ботинӣ, масъулият барои худтакмилдиҳӣ алоқаманд аст. Донишҳое, ки бо роҳи худомӯзӣ ба даст меоянд, хеле хуб ҳифз мешаванд, дар хотира боқӣ мемонанд ва дар амал самарабахш татбиқ мешаванд. Дар худомӯзӣ усулҳои фаъолият, мақсадҳои шахсӣ, рағбат, қобилияту маҳорат ҳамчун нукоти бунёдӣ ба шумор мераванд:

✓ вазифаро ба миён гузоштан, муайян кардани роҳу усулҳои амалисозии онҳо, дарки моҳияти вазифаи ба миёнгузошташуда, таҳлил ва арзёбии кори худ, дуруст гузоштани задаи мантиқӣ;

✓ бепарво набудан нисбати воқеияти атроф, дар арзёбии рафтори худ ва амалҳои одамони атроф, интиқод ва худинтиқодкуниро ба кор бурдан;

✓ огоҳона инитихоб кардан ва масъулиятро барои он бар дӯш гирифтан;

✓ ба кор бурдани методҳои аллакай мавҷуда ва коркард кардани методҳои нави ботинии водоркунанда ба фаъолияти худомӯзӣ ва дар ин асос ба вуҷуд овардани воситаҳои ба худ таъсиррасон ва ба худ мададрасон;

✓ афзун намудани шавқу рағбати таълимии шахсӣ.

Дар амал маълум мешавад, ки сарчашмаҳои асосии тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ ҷанбаҳои зерин маҳсуб меёбанд:

**1. Телевизион.** Дар ибтидо телевизион дар Лондон соли 1925 дар натиҷаи таҷрибаи муваффақонаи Д. Бэерд ба вуҷуд омад. Дар Иттиҳоди Шӯравӣ намоиши доимии телевизионӣ соли 1931 аз бинои радиоузели Москва, воқеъ дар кӯчаи Николский, оғоз ёфтааст.

Инсони асри XXI дар фазои расонаҳое зиндагӣ мекунад, ки муҳити нави зиндагии он ва воқеияти фарҳангии муосир ба шумор мервад. Воситаҳои муошырати оммавӣ ба тамоми соҳаҳои ҳаёт ворид гардидаанд. Расонаҳо на танҳо чун дастгоҳи интиқол хизмат менамоянд, балки ба воситаи асосии эҷоди фарҳанги муосир мубаддал гардидаанд.

Таъсири аз ҳама пурқуввати телевизион доир ба тарбияи шаҳрвандии хонадагон тавассути худомӯзӣ – ин худи далели мавҷудияти он, дастрасии ҳамешагии он, мавҷудияти он дар ҳар як хона, ба дараҷаи тамошобини беҳаракат расондани миллионҳо шаҳрвандон дар тӯли бештари зиндагии онҳо аст. Телевизион ҳамкориҳои шахсиро дар дохили

оила ва ҷомеа кам мекунад. Ба воситаи телевизион арзишҳо ва тарзҳои рафтор, ки аз тарафи ҷомеа пазируфта шудаанд ва ё пазируфта нашудаанд, таъсири якҷояи фарҳанги видиоӣ ва арзишҳои афзалиятдоштаи муҳити ҷавонон талқин карда мешаванд.

Таъсири телевизион ба тарбияи шаҳравандии хонандагон тавассути худомӯзӣ набояд яксон ҳисоб кард. Аз як тараф, даромаднокии каналҳои телевизонӣ ба ҳукмронӣ дар экрани телевизион ва саҳифаҳои матбуоти даврӣ боиси нишону нашр намудани маводи дорои мухтавои қонуншиканӣ, зӯроварӣ ва реклама мегардад. Аз тарафи даигар, пайдоиши намудҳои нави техникаи телевизионӣ ба ҷавонон ҳам дар дарсҳо ва ҳам дар вусъат бахшидани ҳаҷми донишҳо мадад мерасонад, донишҳои навро доир ба тарбияи шаҳрвандӣ барояшон дастрас менамояд. Ҳамин тавар, телевизион дар ҳаёти насли наврас нақши муҳим мебозад, бо вуҷуди ин нақшу вазифаҳое, ки он иҷро менамояд, хеле гуногун мебошанд: онҳо ҳам ахбор, ҳам маълумоти ҷолиб, ҳам омӯзиш, ҳам истироҳат ва ҳам саргармиҳои мухталиф ба шумор мераванд.

Ҳозир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тамошо кардани каналҳои зиёди телевизионӣ имконпазир гардидааст. Дар тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути методҳо ва воситаҳои худомӯзӣ каналҳои «Телевизиони Тоҷикистон», «Сафина», «Ҷаҳоннамо», «Баҳористон», «Синамо», «Варзиш», «Пойтахт» ва телевизионҳои вилоятӣ нақши муҳим доранд. Дар ин каналҳо доимо барномаю намоишҳои дорои мазмуни ахлоқӣ нишон дода мешаванд.

Агар зиёда аз 50% наврасон дар ҷумҳурии мо телеканали «Баҳористон»-ро тамошо мекарданд, ҳозир теъдоди нафарони бесаводу нодон дар байни наврасону ҷавонон ба ин дараҷа зиёд намебуд. Ин каналро ҳамагӣ 18% наврасони ҷумҳурии мо тамошо мекунанд. Канали мазкур дар ҳақиқат, рӯҳияи ватандӯстӣ дорад ва барномаю филмҳои хубро намоиш медиҳад. Таассуфовар аст, ки ҳеҷ кас наметавонад

кӯдакро маҷбур созад, то ӯ як бор ҳам бошад, ин канали оличанобӣ барои хонандагони мо таъиншударо тамошо кунад.

Дар Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода мо доир ба истифодаи имкониятҳои мусбати телевизион барои тарбияи муносибати арзишгароии хонандагон таҳқиқот гузарондем. Таҳқиқот дар се марҳила гузаронда шуд. Дар марҳилаи якум барномаҳои телевизионии аз ҳама маъруфи ҷавонон муайян карда шуданд. Дар марҳилаи дуюм аҳамияти арзишии онҳо омӯхта шуд. Дар марҳилаи сеюм сатҳи омодагии педагогҳои оянда ба истифодаи имкониятҳои тарбиявии барномиҳои телевизионӣ муайян карда шуд.

Таҳқиқот нишон дод, ки дар се соли охир аз ҳама маъруфияти зиёд дар байни наврасон каналҳои телевизионии ТВТ, Музм – ТВ (Россия) ва Баҳористон доранд. Аз барномаҳои телевизионии нисбатан маъруф барномаҳои фароғатӣ (мусиқӣ ва ҳаҷвӣ), ба мисли «Лаҳзаҳои гуворо», «Ғарибшоҳ кампания», «Ханда» ва дигарон ба шумор меравенд. Дар ҷои дуюм аз ҷиҳати маъруфият барномаҳои телевизионии маърифатӣ, ба мисли «Поле чудес» (Россия), «Что? Где? Когда?» (Россия) меистанд. Тақрибан 58% овозҳоро барномаҳо дар бораи мавҷудоти зинда ва сайёҳат: «Вокруг света», «В поисках приключения» гирифтанд. 35% хонандагон бо хоҳишу рағбати зиёд филмҳоро (аз ҷумла филмҳои ҳаяҷонангези «Боевик») тамошо мекунанд.

Мо дар ҷумҳурӣ танҳо як канали варзишӣ дорем, инчунин дар баробари он каналҳои телевизионии Россия – 7 TV, Евро Спорт ва НТВ + футбол ҳам тамошо карда мешаванд. Вале, мутаассифона, ягонтое аз ин каналҳо барои ҳама дастрас нестанд. Албатта, бисёре аз ҷавонон кинофилмҳоро тамошо мекунанд, ҳол он ки бештар бартарият нисбат ба филмҳои ватанӣ ба филмҳои бадеии хориҷӣ дода мешавад (мутаносибан 22% 40%). Қариб ҳар як нафари сеюм аз шахсони мавриди назарпурсӣ қароргирифта силсилафилмҳои телевизионӣ ва ё мултфилмҳоро тамошо

кардааст. Қариб чоряки посухдиҳандагон мехостанд, ки гоҳ – гоҳ бозиҳо, озмунҳо ва викторинаҳоро тамошо кунанд.

Дар марҳилаи дуюми таҳқиқот барномаҳои аз ҷониби хонандагон зикргардида аз нуқтаи назари имкониятҳои тарбияви онҳо таҳлил карда шуданд, ки намунаҳои муносибат ба инсон, меҳанат, табиат, ватан ва касбро фаро гирифтаанд ва таъсири онҳо ба соҳаи арзишгарой, зеҳнӣ ва иродавии тамошобинон мавриди омӯзиш қарор дода шуд.

Бисёр ғамангез аст, ки муносибат нисбати шахси дигар ҳамчун муносибат ба усули ноил гардидан ба мақсади шахсӣ, аз ҷумла ҳамчун ба воситаи саргармкунӣ имрӯз дар телевизион ба таври васеъ нишон дода мешавад. Барои боварӣ ҳосил кардан ба ин суханон танҳо тамошои барномаҳои «Сарбози Ватан» (ТВТ), «Майдон аз далер аст» (Баҳористон) «Амвоҷи меҳр» (Сафина) кофӣ аст. Ҷиҳати манфии ин барномаҳо аз он иборат аст, ки дар тасаввуроти хонандагон фамиши имконпазирии муносибат ба инсон ҳамчун муносибат ба роҳи ноил гардидан ба мақсад устувор ҷой мегирад, ки бешубҳа, онҳо инро дар мунсибати байниҳамдигарӣ бо одамони дагар – дар синфхонаи мактаб, бинои истиқоматии аскарон ва дар оила амалӣ месозанд.

Дар вақтҳои охир дар телевизион як қатор лоиҳаҳои телевизионии сердаромад ба вуҷуд омадаанд ва муносибатҳое талқин мекунанд, ки бо меъёрҳои ахлоқ мувофиқат намекунанд ва таъсири манфии тарбиявӣ доранд. Мисоли барҷастаи чунин «дастовардҳо» – и кормандони телевизион силсилафилмҳои туркӣ ба шумор мераванд.

**2. Рӯзномаҳо ва маҷаллаҳо.** Воситаҳои ахбори омма дар тарбияи шаҳрвании хонандагон тавассути худомӯзӣ нақши муҳим доранд. Ин навъ тарбия дар ҳақиқат, бо тамоми соҳаҳои ҷомеаи муосир: иқтисодиёт, сиёсат ва фарҳанг робита дорад ва муносибатҳои байналмилалӣ, байни гурӯҳҳо ва байни ашхосро ҳам фаро гирифтааст.

Воситаҳои ҳамагонии иртиботот ин раванди таърихан шаклгирифта ва бо мурури замон инкишофёбанда ва бо воситаҳои

техникӣ муҷаҳҳазгардидаи пайдоиш, нигаҳдорӣ, тақсим, густариш ва дарки маълумот ва мубодилаи он байни субъекту объекти иҷтимоӣ мебошад.

Таъсири рӯзномаҳо ба тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути имконоти худомӯзӣ таваҷҷӯҳи олимонро ҳанӯз аз солҳои 20 – уми асри гузашта ба худ ҷалб карда буд. Нахустин ақидаҳое, ки масъалаи чӣ тавар таъсир расондан ба ҳазорҳо ва ё миллионҳо одамон ва водор кардани онҳо ба тасмимгириҳои ҷиддии илмӣ ба миён гузоштанд, принсипҳои тарғибот буданд. Натиҷаҳои нисбатан возеҳ ва муназзам дар корҳои илмии Горолд Лассуэл ва Уолтер Липпман дида мешаванд. Гарчанде ки дертар назарияҳои таъсиррасонӣ ба саҳти дигари рушд арзи ҳастӣ карданд, ки дар онҳо бисёре аз назарияҳои тарғибот рад карда шуданд , вале баъзе эътиқодот, маълумоту хулосаҳои таҷрибавӣ то ҳоло ҳам барои ҷомеа муҳим мебошанд.

Уолтер Липпман дар асари худ “Андешаи ҷомеа” зикр кардааст, ки олами беруна ва образҳое мавҷуданд, ки одамон онҳоро дар майнаҳояшон доир ба ин олам тасвир мекунанд. Ҳар як инсон наметавонад, ҳамаи донишҳои (маълумот) дар олам мавыудбударо фаро гирифта бошад. Аз ин рӯ, танҳо як қисми онро дониста, ӯ тасвири пурраи оламро мутобиқ ба он маълумоти мавҷуда месозад. Ин маънои онро дорад, ки олами дақиқ ва беғаразона вуҷуд надорад, ки аз ҷониби ҳар як узви ҷомеа якхела фаҳмида шавад. У. Липпман аз норасоиҳо орӣ набудани шуури инсон, ки мавариди таъсири рӯзномаҳо ва матбуот қарор гирифтааст, эътироф мекунад. Ба андешаи ӯ, ҷамъият дар давраҳои душвор, масалан, дар замони амалиёти ҳарбӣ ва ё вазъияти фавқулодда сохтори устувор маҳсуб намеёбад, онро ҳисси тарсу ваҳм фаро мегирад. Аз ин рӯ, инсон метавонад, ба мақсади худ онро идора намояд [11. 56].

Бо назардошти ин, метавон тазакур дод, ки воситаҳои ахбори омма, ки ҷузъи муҳимми системаи тарбияи шаҳрвандии хонандагон

тавассути худомӯзӣ маҳсуб меёбанд, ҳам бо ҷузъҳои дигари ВАО, ки барои хонандагону шунавандагони ҷавон таъин гардидаанд (журналистикаи радиою телевизион) ва ҳам бо ниҳодҳои мухталифи ҷамъиятӣ, ки дар раванди педагогӣ (таҳсилот, илм, фарҳаг) ширкат меварзанд, ҳамкорӣ мекунанд.

Ба ақидаи мутахассисон, рӯзномаю маҷаллаҳои барои истироҳату фароғат таъингардида ҳама вақт ба хонандагони сершумор нигаронида шудаанд ва аз рӯи таъиноти худ ба қатори воситаҳои маъмул ва ё оммавӣ дохил мешванд. Кайҳо маълум аст, ки ҷудо намудани гурӯҳи хонандагон дар нашрияҳои оммавӣ хеле мушкил аст. Аз ин рӯ, яке аз аломатҳои аз ҳама паҳнгардида ва маъмули таснифоти нашрияҳои мазкур ин синни хонандагони онҳо мебошад.

Аз ин бармеояд, ки адабиёти муосири фароғатӣ ва матбуот барои хонандагони мактаб таъингардида пурра ба талабот ва табиати истироҳати кӯдакон ҷавобгӯ мебошад. Бештари нашрияҳои чопии фароғатӣ аз фарқгузории «вақти дарс ва вақти фориғ аз дарс» дур мебошанд ва дар онҳо принсипи фаъолнокӣ, бо фарогирии машғулиятҳои сершумори бозидор ва таълимӣ– инкишофдиҳӣ амал менамоянд. Сохтори онҳо ҷавобгӯйи эътиқод ба фаъолияти озоду бемаҳдуд мебошад, муҳтавои жанрӣ ва мавзӯии онҳо шавқу рағбати кӯдаконаро қонеъ мегардонад ва ҳамчун як соҳаи махсусе мебошад, ки дар он дахолати калонсолон камтар ба назар мерасад.

Имрӯз хонандагони ҷавон имкон доранд, он нашрияҳоеро итихоб намоянд, ки барояшон ҷолибанд, барои дарки масъалаҳои мушкили муосир ва интихоби роҳи худ дар зиндагӣ ба онҳо мадад мерасонанд. Наздикии мавзӯи интишоротро дар матбуоти даврӣ ба шавқу рағбати шахсии худ эҳсос намуда, хонандаи ҷавон баосонӣ ба муошират бо идораи нашрия ворид мегардад ва бешари вақт мехоҳад ҳаммуаллифи нашрия шавад, яъне мехоҳад, ки дар он мактуб, саволҳо, асари бадеии худ, аксҳо ва латифаҳои худро ба нашр расонад.

**3. Адабиёт.** Адабиёти бадеи яке аз воситаҳои аз ҳама муҳимми ташкили тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ ба шумор меравад. Адабиёт ба ташаккули табияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ таъсири хеле калон мерасонад.

Ҳангоми гузарондани омӯзиши илмӣ мо он чизро ба назар гирифтем, ки , бешубҳа, шарти муҳимми истифодаи адабиёти бадеӣ дар табияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ, ин робитаи наздики он бо он вазифаҳои муайяни тарбияи шаҳрвандие аст, ки хонанда, омӯзгор ва ё волидон дар назди худ мегузоранд. Мо ба ин андешаем, ки ҳангоми интихоби дурусти китобҳо ва коркарди методикаи истифоди онҳо дар тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ зарур аст, ки зуҳуроти ахлоқии ҳар як коллективи бачагона ба назар гирифта шавад. Барои он ки таъсири тарбиявии адабиёти бадеӣ ба хонандагон дар рафти тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ пурзӯр гардад, бояд барои кӯдакон он китобҳоеро интихоб кард, ки дар онҳо ба таври гуногун таърифи мафҳуми ватандӯстӣ маънидон карда мешавад ва ягон мавзӯи ахлоқӣ шарҳ дода мешавад. Муқоисаи образҳои бадеӣ, арзёбии ахлоқии рафтор ва сабаби он дар қаҳрамонҳои гуногуни адабӣ барои беҳтар фаҳмидани асарҳои бадеӣ ва ғояи шаҳрвандие, ки онҳо таблиғ мекунанд, мадад мерасонад ва ин боиси самарбахш гардондани таъсири онҳо ба хонандагон мегардад.

Барои омӯзиши масъалаи мазкур вазифаҳои зерин ба миён гузошта шуда буданд: якум, таъсири адабиёти бадеӣ ба хонандагон дар рафти иҷрои вазифаҳои муайяни тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути методҳои худомӯзӣ санҷида шавад; дуюм, дақиқан муайян карда шавад, ки чӣ тавр асарҳои бадеиро барои тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ нисбатан самарабахш ва мақсаднок истифода бурд; сеюм, хусусиятҳои хоси усулҳои истифодаи китобҳои дорои мазмуни ахлоқан дуруст, ташкил кардани машғулиятҳое, ки дар онҳо чунин асарҳо омӯхта мешаванд, усулҳои тарбияи шаҳрвандии хонандагон ва

усулҳое, ки дарки озодонаи обрзҳои бадеиро аз ҷониби хонандагон амиқтар мекунанд ва барои хуб фаҳмидани мавзӯи ахоқии китобҳои бачагона мадад мерасонанд, муайян карда шаванд.

Воситаи хеле муассир дар тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ ин адабиёти бадеӣ мебошад, ки дар натиҷаи омӯзиши он дар хонандагон чунин ҳиссиёт, ба мисли ҳамдилӣ, ҳамдардӣ, ифтихор, виҷдон, некӣ ва ғайра тарбия меёбанд.

Тарбияи кӯдак тавассути сухани возеҳу образноки бадеӣ боиси тағйироти калони ҷамеаи шаҳрвандии атрофи хонанда мегардад, ки барои дар ӯ инкишоф ёфтани вокуниши хуб ба ҳодисиҳои мухталифи зиндагӣ ёрӣ мерасонад ва муносибати ӯро ба ашёҳою олами субъективии ӯ тағйир медиҳад.

Аз адабиёти бадеӣ ҳамчун воситаи рушди инсоният, сифатҳои хуби шахс, адолатхоҳӣ ва ҳисси шаҳрвандӣ зарур аст, ҳар чи бештар истифода бурда шавад.

Дар яке аз асарҳои худ А. С. Макаренко қайд карда буд: «... Ҷозибаи неруҳои маънавии инсон сабабҳои педагогии худро дорад. Ханандагони мо бояд шахсони мақсаднок ба воя расанд. Қаҳрамонони китобҳои бачагона бояд одамони мақсаднок бошанд ва байни онҳо бояд ҳамин хел мубориզаи мақсаднок ва шаддид бошад. Бидуни ягон дудилагӣ бояд хонанда ҷонибдори қаҳрамони мусбат гардад... Хонандгон бояд қаҳрамонҳои худро фарқ кунанд ва аз нигоҳи аввал онҳоро шиносанд. Ин қаҳрамонон бояд ҳисси мусбат ва ё манфиро ба вуҷуд биёранд, вале ҳатман бо тобишҳои гуногун. Баъзеи онҳо бояд қобили таъзим, дигарон сазовори эҳтиром, сеюмиҳо сазовори таҳсин, чорумиҳо боиси табассуму хурсандӣ гарданд ва панҷуминҳо сазовори ғамхорӣ ва меҳрубонӣ бошанд» [83: 41].

Яке аз навъҳои аз ҳама муҳиму таъсибахш ва паҳнгардидаи адабиёти бадеӣ ба мақсади табияи шаҳрвандии хонандагон тавассути методҳои худомӯзӣ афсона ба шумор меравад.

А. С. Макаренко маҳз ба афсона аҳамияти калон медод, аз ҷумла чунин қайд кардааст: «Афсонаи хуб нақлшуда, - навиштааст ӯ, - ин аллакай тарбияи фарҳангӣ аст. Мувофиқи матлаб хоҳад буд, ки агар дар ҳар як оила дар рафи ҷевони китоби маҷмӯаи афсонаҳо мебуд» [83: 21].

Сайр дар олами афсонаҳо фикрҳои эҷодӣ ва оризуҳои хонандагонро инкишоф медиҳад ва хоҳиши худи онҳоро ба эҷодкорӣ бедор менамояд. Онҳо кӯшиш мекунанд, ки ба қаҳрамонони адабиёт монанд бошанд ва дар «асарҳо» – и худ худро адолатхоҳ мебинанд, мазлумон ва заифонро ҳимоя мекунанд, золимонро ҷазо медиҳанд.

Афсонаҳо сабақҳои нахустини рушди тафаккури мантиқии хонандагон ва нахустин намунаҳои ифодаи моҳияти ҳаёти инсонро нишон медиҳанд, ки мувафиқи онҳо некӣ хуб ва қаҳру макр бад аст, ёрии нафари хурду заиф метавонад, масъаларо ҳал намояд.

Дар кори худ бо хонандагон мо доимо суҳбат доир ба шаҳрвандӣ аз рӯи асарҳои хондашударо истифода мебарем.

Ба суҳбат бо бачаҳо тайёрӣ дида, педагог бояд фикр кунад, ки кадом намуди рафтори шаҳрвандиро дар назди хонандагон бо ёрии маҳз ин асари бадеӣ тавзеҳ диҳад ва мувофиқ ба ин саволҳоро интихоб намояд. Масалан, ҳангоми хондани афсонаи «Шераки Бобакон» хуб мешуд ба хонандагон чунин саволҳо пешниҳод намояд:

- нисбати қаҳрамонҳои афсона дар шумо чӣ гуна ҳиссиёт бедор шуд?
- чаро Шерак пеш аз марг хурсанд мешавад?
- оё Шерак метавонист ба таври дигар рафтор кунад? Натиҷаи ин чӣ мешуд?

Дар ин ҳолат мо дар назди худ чунин вазифаҳоро гузоштем:

- ташаккул додани мафҳум дар бораи некӣ, ҳамчун хусусияти шаҳрвандии бисёр муҳимми инсон;
- дар хонандагон инкишоф додани худбаҳодиҳии мусбат, хоҳиши дар гуфтору рафтор зоҳир намудани некӣ;

- тарбияи муносибати хубу мерубонона нисбат ба атрофиён;
- устувор гардондани мафҳуми «ёрии беғаразона».

Саволҳои мазкур бояд ба хонандагон дар фаҳмиши образ, баён намудани муносибати худ нисбати он образ (агар арзёбии образ душвор бошад, саволҳои иловагӣ дода мешаванд, ки барои ҳалли он масъала ёрӣ мерасонанд); онҳо бояд ба педагог дар ворид шудан ба ҳолати рӯҳии тарбиятгиранда дар вақти хондани асар, фаҳмидани қобилияти хонандагон, муқоиса кардану ҷамъбаст намудани чизҳои хондашуда ва ҷалб намудани онҳо ба баҳс доир ба баррасии маводи хондашуда мадад расонанд.

Меъёрҳои интихоби китобҳо барои тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ аз инҳо иборатанд:

- маҳорати баланди бадеии муаллиф, арзиши бадеии асар (ягонагии мазмуни асар ва шакли он);
- осонии фаҳмиши асари бадеӣ, мувофиқати асар ба хусусиятҳои фарққунандаи синнусолӣ ва психологии хонандагон. Дар мавриди интихоби китоб зарур аст, ки хусусиятҳои диққат, хотира, тафаккур, ҷаҳонбинӣ, шавқу рағбати хонандагон ва таҷрибаи ҳаётии онҳо ба назар гирифт шаванд;
- вазифаҳои дақиқи педагогӣ.

Бо назардошти мулоҳизаҳои дар боло овардашуда метавон, ба чунин натиҷа расид: суҳбатҳо доир ба мазмуни асари бадеӣ ба ташаккул додани сабабҳои шаҳрвандии рафтори маданӣ дар хонандагон, ки онҳоро минбаъд дар рафтори худ истифода мебаранд, мадад мерасонанд. Маҳз адабиёти бадеӣ ба хонандагон имкон медиҳад, ки гуногунии муносибатҳои байниҳамдигарии одамон, махсусиятҳои хислатҳои инсонӣ ва ин ё он ҳиссиётро дарк намоянд. Инчунин намунаҳои рафтори шаҳрвандиро нишон медиҳад, ки хонандагон метавонанд онҳоро ҳамчун намуна барои тақлид ба кор баранд.

Барои хуб донистани мазмуни асарҳои бадеӣ, барои тарбия намудани муҳаббат ба онҳо истифодаи усулҳои зерини кор бо афсонаҳо зарур аст:

- ✓ бо навбат нақл кардани афсонаи шинос;
- ✓ ба саҳна гузоштани афсона;
- ✓ афсонаро аз рӯи суруди қаҳрамонон ёфтан;
- ✓ афсонаро давом додан;
- ✓ дар асоси сюжет бозии хореографиро эҷод кардан.

Театркунонии афсона дар дарсҳои ҳамгиро барои ба хотир овардани мазмуни он, ҷалби таваҷҷуҳи хонандагон ба қаҳрамонони он, ба ҳолати ҳиссии онҳо ва бо ёрии қиёфабозӣ ифода кардани онҳо ёрӣ мерасонад. Сипас дар шакли суҳбат аз рӯи мазмуни афсона масъалаҳои шиносоии хонандагон бо мафҳуи муҳимми оила, муносибати байниҳамдигарии онҳо ҳаллу фасл мешуданд, мисолҳоро аз хонандгон мепурсидем.

Бар асоси корҳои анҷомдодашуда, метавон чунин хулосаҳои педагогӣ баровард:

1. Адабиёти бадеӣ яке аз воситаҳои муҳимтарини тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути методҳои худомӯзӣ ба шумор меравад. Таъсири тарбиявии адабиёти бадеӣ аз исботи ҳаётӣ будани он, таъсири эмотсионалӣ ба хонанда ибората аст. Ҳақиқати зиндагиро дар шакли образҳои бадеии равшан ба хонандагон нишон дада, адабиёт ба онҳо фаҳмидану фарқ кардани «чӣ хуб асту чӣ бад» дар хусусиятҳои ахлоқии одамон, муносибатҳои байниҳамдигарӣ ва рафтори онҳо ёд медиҳад.

Ҳамчун як навъи махсуси санъат, адабиёт дар тарбияи шаҳрвандии хонандагон ҷойгоҳи махсус дорад ва корбурди методҳои махсусро талаб менамояд, ки таъсири тарбиявии онро қувват мебахшанд.

2. Хонандагон метавонанд, афкори ахлоқии асари бадеиро дарк намоянд, сифатҳои ватандӯстона ва рафтори қаҳрамонҳои адабиётро

арзёбӣ намоянд, дар онҳо кӯшиши ба қаҳрамонҳои дӯстдошта монанд будан мушоҳида мешавад.

Дарк кардани образҳои асарҳои бадеӣ ва ба вуҷуд омадани кӯшишу хоҳиши ба онҳо тақлид кардан роҳ ба сӯи касб кардани малакаҳои шаҳрвандӣ ва тарбияи эътиқодоти шаҳрвандӣ маҳсуб меёбад.

3. Шарти зарурии ба кор бурдани адабиёти бадеӣ дар тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ робитаи аслии хондани китбҳои бачагона бо он вазифаҳои дақиқу равшани тарбияи шаҳрвандӣ, ки омӯзгор ҳал менамояд, ба шумор меравад. Ҳангоми ба миён гузоштани масъалаҳои тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ лозим аст, ки таҳкимбахшӣ ва рушди минбаъдаи сифатҳои арзишманди ахлоқии умумибашарӣ, ки дар маҷмӯъ ҳам дар коллектив ва ҳам дар хонадагони ҷудогона мавҷуданд ва ҳамроҳ бо ин тарбияи сифатҳои мавҷуднабуда, вале зарурии шаҳрвандӣ ва бартараф кардани зуҳуроти номатлуб таъмин карда шавад.

4. Байни эҳсоси ахлоқии асари бадеӣ ва хусусиятҳои шаҳрвандии хонандагон вабастагии муайяне ба вуҷуд меояд. Агар ғояи шаҳрвандӣ, сифатҳои ахлоқӣ ва рафтори қаҳрамонони асари бадеӣ ба зуҳуроти ахлоқии коллектив, сифатҳои ахлоқию маънавии он ҷавобгӯй бошанд, хонандагон ба осонӣ онҳоро мефаҳманд посухи онҳо равшантару гуногунтар мешавад ва баръакс. Аз ин хусусияти фарққунандаи идроки китоби бачагонаи дорои мазмуни баланди ахлоқӣ вобаста аз сифатҳои маънавии ханандагон чунин зарурате ба миён меояд, ки дар он ҳолате ба кӯдак таваҷҷуҳи хоса зоҳир гардад, ки вақте ки афкори ахлоқии асари бадеӣ, образҳои он ба зуҳуроти ахлоқии хонандагон мувофиқ меоянд. Барои мураббӣ зарур аст, ки дар интихоби асари бадеӣ ба ҷиҳати ғояи ахлоқию эстетикии асар бешатар диққат диҳад ва ба тадриҷ хоандагонро ба мафҳуми ҳодисаҳои нисбатин мураккаби шаҳравандӣ ва образҳо ошно созад.

5. Ҳангоми истифодаи адабиёти бадеӣ дар рафти тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ набояд ба хондани порчаҳо аз китоб маҳдуд шуд. Бисёр муҳим аст, ки барои такрори таассуроти шаҳрвандӣ бо роҳи хондани асарҳои бадеии дар ҳамон як мавзӯи шаҳрвандӣ эҷодшуда шароит фароҳам оварда шавад. Дар он сурат таъсири адабиёти бадеӣ эҳсос хоҳад шуд, зеро такрори чандинборaи мафҳумҳои ахлоқии устуворгардида боиси аз ҷониби хонанда хуб фаҳмидани онҳо ва аз рӯи онҳо рафтор кардани ӯ мегардад.

6. Дар мавриди ба кор бурдани китобҳои бачагона барои тарбияи шаҳрвандӣ тавассути худомӯзӣ дарсҳо ва машғулиятҳои дигари иловагӣ доир ба хониши бадеӣ, ки хондани якчанд асарро дар бар мегиранд ва ҳамроҳ бо хониши ифоданок истифодаи методҳои дигари иловагиро дар шакли саволҳо, суҳбати муфассал, шарҳи омӯзгор бо назардошти хусусиятҳои хоси асари бадеӣ ва зуҳуроти рӯҳии хонандагонро талаб менамоянд, аҳамияти калон доранд.

7. Зарур аст, ки хондани асарҳои бадеӣ дар дарсҳо бо хониши иловагии берун аз дарс пурра карда шавад. Инчунин зарур аст, ки образҳои бадеӣ бо зуҳуроти гуногуни ҳаёти мактаб алоқаманд карда шаванд, дар мавриди мувофиқ ба хонандагон хотиррасон карда шаванд, баъзан дар ёфтани ҳалли дурусти масъалаи марбут ба зуҳуроти хонандагон бо истифодаи воқеиятҳои монанд аз асари бадеӣ ба онҳо ёрӣ расонда шавад.

Таҷрибаи кор бо хонандагон ва гузарондани таҳқиқоти илмӣ нишон медиҳанд, ки хонандагон дар рафтори худ ба образҳои китобҳои бачагона тақлид мекунанд.

Бо фармоиши вазири маъориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон феҳристи китобҳои бадеӣ барои омӯзиши мустақилонаи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тасдиқ шудааст. Барои мисол метавон, феҳристи адабиёти бадеии барои синфи панҷумро дар ин ҷо овард:

1. Муқаддимаи «Шоҳнома» – и Абӯмансурӣ

2. Расул Ғамзатов «Доғистони ман»

3. Ҳанс Кристиан Андерсен. Ҳикояҳо

4. Марк Твен. «Шоҳзода ва гадо»

5. Баҳром Фирӯз. «Аз арш то фарш»

6. Даниэл Дифо. «Робинзон Крузо»

7. Ф. Муҳаммадиев. «Минбар ва ҷорӯб» (қисми 2)

8. С. Айнӣ. «Аҳмади Девбанд»

9 .Абдулмалик Баҳорӣ. «Аҷоиботи Нодар», Фантастика

10. Афсонаҳои қаҳрамонӣ – тилисмотӣ

11. Афсонаҳои ҳаҷвӣ – маишӣ

12. Афсонаҳо дар бораи ҳайвонот

13. Латифаҳо

14. Нақлу ривоятҳои халқӣ

15. Зарбулмасалу мақолҳои халқӣ

16. Чистонҳои халқӣ

17. Рубоиёт ва дубайтиҳо

18. Суруду таронаҳои наврӯзӣ

19. Рубоиёти нарӯзӣ

20. Афсонаи «Алибобо ва чил роҳзан»

21. Абӯабдуллои Рӯдакӣ ва Робияи Балхӣ. «Маҷмӯаи шеърҳо»

22. Ашъори Дақиқӣ ва Абӯшакури Балхӣ

23. Маҷмӯаи ашъори Фаррухӣ, Унсурӣ ва Манучеҳрӣ

24. Дар бораи баҳору Наврӯз

25. Носири Хусрав. «Сафарнома»

26. Абдуллоҳи Ансорӣ. «Андарзнома»

27. Зиёвуддини Нахшабӣ. «Тӯтинома»

**4. Интернет**. Интернет ин роҳи нав ва хеле фаъоли пешниҳоди фарҳанг дар воситаҳои муоширати оммавӣ бо шумор меравад. Аз ҷиҳати дараҷаи таъсиррасонии худ ба фарҳанги ҷаҳонӣ падидаи ғайриодии

Интернет танҳо бо ихтирои хат ва китобчопкунӣ муқоисашаванда аст. Агар фарҳанги муқаррарии китобӣ дар асоси матн вуҷуд дошта метвонад, вале бо пайдоиши Интернет сохтори ташкили матни фарҳангӣ ба фароматн (гипертекст) мубаддал мегардад. Ба ивази матни мураттаби китобии дорои мазмуни ягона матни ҳаҷман беохир афзоянда, чандин бор қатъшаванда ва аз нав пайвастшаванда дар шабакаи беохири фазои маҷозӣ пахшшаванда меояд. Интернет барои шахс, пеш аз ҳама, ҳамчун фазо барои мухобира лозим аст. Муоширaт дар интернет барои ношиносу беном бидуни мусоҳиб ҷолиб аст. Инсон дар муаррифии худ озод аст. Вай метавонад, худро дар симои дигар, бо хусусиятҳои барои худаш писандида муаррифӣ кунад. Ихтиёрдорӣ ва хоҳишмандӣ дар муошират интернетӣ маънои онро дорад, ки инсон имконият пайдо мекунад, то бо хоҳиши худаш бо нафарони дигар дар фазои маҷозӣ иртибот барқарор кунад ва ё онро қатъ кунад. Интернет ҳамчун як таркиби фавқулоддае, ки аз ҳудуди муайяни шабакаҳои компютрии минтақавӣ, миллӣ ва умумиҷаҳонӣ берун намеравад, як роҳи унверсалии мубодилаи донишҳо ва воситаи муҳимми фазои итилоотии ҷашонӣ бо шумор меравад. Интернет як воситаю усули мубодилаи иттилоот байни миллионҳо одамон дар тамоми минтақоҳо гардид.

Омӯзиш нишон дод, ки ҳолати шабакавӣ, ба мисли шароитҳои иҷтимоӣ дар маҷмӯъ, ба тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ таъсиргузор мебошад ва ангезаҳои зарурии рафтор, интихоби воситаҳои муайяну дақики расидан ба мақсадро ба вуҷуд меорад. Маҳз барои ҳамин муҳити шабака ҳар чи бештар предмети таҳқиқоте, ки ба фаҳмидани хусусиятҳои муошират ва ҳамкории истифодабарондагон, методҳои худмуаррификунонии шахс, хусусиятҳои ҷомеаи махсуси «фазоӣ» равона гардидаанд.

Қобили зикр аст, ки муҳити дар шабакаҳои умумиҷаҳонӣ бавуҷудомада метавонад, ба ташаккули идеяҳои манфии психологӣ дар наврасон мусоидат кунад.

Таъсири захираҳои иттилоотии шабакавии тарбияи шаҳрвандии хонандагонро баррасӣ намуда, Интернетро метавон ҳамчун як муҳити махсуси муносибатҳои ҷамъиятӣ ҳисоб кард. Дар ин шароит аслан ҳамаи табақаҳои иҷтимоӣ ва гурӯҳҳои синнусолии аҳолӣ ҳузур доранд, дар ин ҷо дар ин ё он шакл навъҳои зиёди фаъолияти ҷомеа инъикос ёфтаанд ва дар асоси умумияти шавқу рағбат ва манфиатҳо гурӯҳҳои сершумори маҷозии одамони воқеъ дар маҳалҳои аз ҳам дур ба вуҷуд омадаанд. Дар чунин гурӯҳҳо тартиботи иҷтимоии дохилии худ, пешвоҳои расмию ғайрирасмӣ ва роҳбарон ба вуҷуд меоянд. Дар ин ҷо роҳҳои қаблан номаълуми муошират ва ҳамкории одамон равнақ меёбанд ва рафти пайдоиши фарҳанги махсуси иҷтимоӣ (субкултур) идома меёбад.

Маълум мегардад, ки раванди пайдоиши муносибатҳои иҷтимоӣ дар муҳити нави иттилоотӣ, ки ба дараҷаи пурра на заминаи қонунгузорӣ ва на меъёрҳои ахлоқӣ дорад, шаклҳои нави манфии дар собиқа номаълум, махсусан, дар байни ҷавононро ба вуҷуд меорад.

Ба ақидаи муҳаққиқон, Интернет вусъати раванди муоширати бавоситаи одамонро суръат мебахшад, ки иштирокчиёни он бештар муносибати сатҳии байниҳамдигарӣ доранд. Имконияти иштиркчии номаълум будан дар муошırати шабакавӣ бештар вақт дар ҷавонон мафҳум дар бораи ҳама чиз мумкин аст ва беҷазо мондан барои ҳар гуна амал дар муҳити шабакавӣ ташаккул медиҳад. Равоншиносон дар ин ақида бо ҳам мувофиқанд, ки беномӣ ва мамнӯъ набудан камбудиҳои пӯшида, ақидаҳоеро (дар навбати аввал алоқаманд ба хушунат ва шаҳватпарастӣ) - ба вуҷуд меоранд, ки боиси тағйир ёфтани шеваи рафтори одамон мегарданд. Онҳо бештар озодона рафтор мекунанд ва ҳатто аз ҳадди баъзе меъёрҳои ахлоқии аз ҷониби омма эътирофшуда берун мебароянд.

**5. Дарсҳои устоди коршинос (мастер - класс).** Дар марҳилаи ҳозираи рушди таҳсилот кашфу ҷамъбаст ва густариши таҷрибаи навъи педагогӣ муҳим арзёбӣ мешавад. Яке аз шаклҳои амалкунандаи интиқоли

таҷрибаи педагогии худ чунин шакли муосири кори методӣ – дарси устоди коршинос ва ё ба истиллоҳ мастер – класс ба шумор меравад.

Ин мафҳум бештар дар бисёр соҳаҳои ҳаёти инсон, аз ҷумла дар соҳаи маориф ҳам, истифода мешавад. Бештари вақт дар доираи педагогҳо таҳти дарси устоди коршинос дарс ва ё чорабиние фаҳмида мешавад, ки аз ҷониби омӯзгори варзида гузаронда мешавад. Вале дар асл ин тавр нест.

Дар адабиёти педагогӣ якчанд таърифи мафҳуми «мастер – класс» мавҷуд аст. Дар ин тавсияҳо мо ба таърифҳои зерини мафҳуми мазкур такя мекунем, зеро, ба андешаи мо, дар онҳо фарқиятҳои асосии дарси мастер – класс зикр гардидаанд. Дар навбати аввал, дарси мастер – класс ин шакли кушодаи амали педагогие мебошад, ки имкон медиҳад, имкониятҳои навъи рушди педагогӣ ва озодиро таъмин намуда, роҳҳои бартараф намудани ҳамаи чизи кӯҳнаи дар амалияи педагогӣ ҷойдоштаро нишон диҳанд. Дарси мастер – класс ин усули махсуси ҷамъбаст ва паҳн намудани таҷрибаи педагогӣ аст, ки аз коркарди усули махсуси бунёдӣ ва ё методикаи муаллиф иборат аст, ки принсипҳо ва сохтори ҷудогонаи худро дорад. Аз ин нуқтаи назар, дарси мастер – класс аз дигар шаклҳои интиқоли таҷриба бо он фарқ мекунад, ки дар рафти гузарондани он баррасии бевоситаю озодонаи тавсияҳои методӣ ва ҷустуҷӯи роҳи ҳалли эҷодкоронаи масъалаи педагогӣ ҳам аз тарфи иштирокчиёни дарси мазкур ва ҳам аз ҷониби устоди коршинос сурат мегирад.

Усули мазкури кори методӣ роҳи бомуваффақияти интиқоли таҷрибаи таълиму тарбия ба шумор меравад, зеро ҷузъи асосӣ дар он ин нишон додани усулҳои ғайримаъмулии аз худ кардани мазмуни муайян ҳангоми нақши фаъол доштани ҳамаи иштирокчиёни дарс мебошад.

Ба ин тариқ, дарси мастер – класс ин шакли ҷудогонаи дарсест, ки чунин хусусиятҳо дорад:

- ✓ рақобатпазирӣ дар муқобили педагогикаи маъмулӣ;

- ✓ шахсияти омӯзгор, ки дорои донишҳои нав мебошад;
- ✓ донишҳои нав баён нашуда, балки роҳҳои мустақилонаи касб кардани онҳо бо ёрии ҳамаи иштиркчиёни дарс нишон дода мешаванд;
- ✓ гуногунии ақидаҳо.

Дарси мастер – класс ҳамчун усули ҷудогонаи интиқоли таҷрибаи педагогӣ бояд роҳи методии дақиқ ва ё методикаи таълим ва усули таълиму тарбияро нишон диҳад. Он бояд аз донишҳое иборат бошад, ки ба рушди фаъолияти иштиркчиён барои ҳалли масъалаи педагогии бамёгузошташуда мусоидат намояд, вале дар доираи иштирокчиёни ҳалли ҳар як масъала иштирокчиён тамоман озоданд: барои онҳо лозим аст, ки роҳи таҳқиқи масъала ва воситаҳо барои ноил гардидан ба натиҷаи ниҳоиро интихоб намоянд.

Дарси мастер – класс одатан аз муайян кардани муҳиммияти дониши ҳар як иштирокчӣ доир ба масъалаи мавриди баррасӣ оғоз меёбад, ки имкон медиҳад, аз дараҷаи дониши иштиркчиёни дигар бохабар шавад.

Қисмҳои асосии усулҳои гузарондани дарси мастер – класс дар рафти тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути методҳои худомӯзӣ роҳҳои мулоҳизаронӣ, худсозӣ (таҳияи инфиродии фарзияҳо, ҳаллу фасл, тартиб додани матн), таҳияи дастҷамъонаи корҳои мазкур (сотсиоконструксия), иҷтимоикунонӣ (сотсиализатсия), ҷудокунӣ, муайян кардани камбудиҳо, эҷодкорона таҳия намудани таркиби донишҳо ва фикр кардан эътироф карда мешаванд.

Маҷмӯи тахминии амалҳо барои гузарондани дарси мастер – класс ҷиҳати тарбияи шаҳрвандии хонандагон ба тариқи зайл аст:

- ✓ ҷудо намудани масъалаи асосӣ;
- ✓ таҳияи лавҳа (табло);
- ✓ муттаҳидшавӣ дар гурӯҳҳо барои ҳалли масъала;
- ✓ кор бо мавод;
- ✓ пешниҳоди натиҷаҳои кор;

- ✓ баррасӣ, ислоҳкунӣ ва дақиқ кардани натиҷаҳои кор;
- ✓ барномарезӣ (муайян кардани роҳи мураккабу дарозмуҳлат);
- ✓ интихоби шаклҳои кор, ки педагог дар кори худ истифода мебарад;
- ✓ усулҳои кор;
- ✓ лаҳзаҳои нави фаъолият.

Усулҳои гузарондани дарси мастер – класс доир ба тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути методҳои худомӯзӣ аз инҳо иборатанд: 1) лексия; 2) машғулиятҳои амалӣ.

Ҳангоми тайёрӣ ва гузарондани дарси мастер – класс доир ба тарбияи шаҳрвандии хонандагон зарур аст, ки на танҳо пайдарҳамии амалҳои дар боло зикршударо риоя кард, балки нуқтаи назари устоди коршинос ҳам бояд дақиқан муайян карда шавад.

Мавқеи устоди коршинос ин, пеш аз ҳама, ақидаи мушовир аст, ки барои ҷамъбаст кардани кори омӯзишӣ, мулоҳиза кардани мавҷудияти пешравӣ дар азхудкунии методҳои фаъолияти педагогӣ мадад мерасонад.

Ҳамгоми гузарондани дарси мастер – класс устоди коршинос ҳеҷ вақт намехоҳад, ки танҳо ба интиқоли одии донишҳо машғул шавад. Вай мехоҳад, иштирокчиёнро вориди кор намояд, онҳоро фаъол гардонад ва дар онҳо он чизеро бедор намояд, ки ҳатто барои худашон ҳам ноаён аст, яъне дарк кардану бартараф кардани он чизе, ки барояшон дар роҳи худинкишофдиҳӣ халал мерасонад. Ҳамаи супоришҳои устоди коршинос ва амалҳои ӯ ба он чиз равона мегарданд, ки тахайюли иштирокчиёнро бедор намояд ва чунин ҳолатеро ба вуҷуд биёрад, ки онҳо худро ҳамчун эҷодкорон нишон диҳанд.

Устоди коршинос шароити озодбаёнкунӣ, некхоҳӣ, эҷодкории якҷоя дар муоширатро фароҳам меорад. Устоди коршинос ҳамроҳ бо ҳамаи иштирокчиён кор мекунад, вай ҳам ҳамон хел иштирокчии дарси мастер – класс ҷиҳати дарёфти донишҳо ва методҳои нави кор мебошад. Устоди мазкур ба арзёбии рӯякии кори ҳамаи иштирокчиёни дарси

мастер- класс роҳ намедиҳад, вале ба воситаи иҷтимоикунонӣ (сотсиализатсия) ва ошкоро нишон додани кор имкони роҳи худбаҳодиҳии педагог ва ислоҳи онро фароҳам меорад.

Дар муносибати байниҳамдигарӣ бо ҳамкорон барои устоди коршинос лозим аст, ки тарзи махсуси рафтореро ба кор барад ва дар ин маврид чунин сифатҳои шахсӣ, ба мисли хушмуомилагӣ, рушди умумӣ, фарҳанги ботинӣ ва ақидаҳою эътиқодоти худ, ҷаҳонбинӣ, хислатҳои хуб, ирода, нерӯи ҳаётӣ ва ғайраро зоҳир намояд.

Коркардҳои муаллиф, ки дар чаҳорчӯби талаботи дарси мастер – класс пешниҳод мешаванд, хусусияти такрори айнан надоранд, вале ҳар кадоме аз онҳо маънои ба худ хос доранд ва дорои ҷузъҳои ҷудогонаи сершумори такрорёбанда, усулҳо ва қисмҳои ҷудогонаи маҳорати омӯзгорӣ мебошад. Ин маҳсули эҷодии шахсии муаллифро дар коғаз сабт кардан хеле мушкил аст, вале интиқоли он тавассути ибрат, тақлид ва тавассути лазаҳои зерин имконпазир аст:

- нутқ ва овоз (лаҳн, қувва, возеҳгӣ, талаффуз, оҳанг, усулҳои нутқ);
- қиёфабозӣ ва ҳаракатҳо, идоракуниии эҳсосот, фаҳмидани ҳолати эмотсионалӣ аз рӯи чеҳра;
- пантонимика (ҳолати ҷисм, қобилияти истодан, нишастан, мушоҳида кардани рафтори иштирокчиён);
- қобилияти ҷалб намудани таваҷҷуҳ ба масъалаи мавриди суҳбат, дар хотир нигоҳ доштан, тамрини дарунӣ ва шарм накардан;
- маҳорати муошират кардан бо одамони дигар, интихоби психологӣ, қобилияти таваҷҷуҳи педагогӣ, ҳисси ҳамдардӣ;
- амали беомодагӣ ва ё бадоҳатани (импровизатсия) педагогӣ: қобилияти аз рӯи нақшаи дар майна суратгирифта амал кардан, идора кардани ҳолати ногаҳон бавуҷудомада; ҳушёрии ровоншинохтӣ (психологӣ), қобилияти муайян кардани «нобиғаҳо» ва сари вақт дастгири кардани «қафомондагон»;

- ➢ фарҳанги маълумотдиҳӣ, қобилияти ба роҳ мондани суҳбат ва баррасии масъала;
- ➢ ҳисси вақт.

Аломатҳои сифати омодагӣ ва гузарондани дарси мастер – класс доир ба тарбияи шаҳрвандии хонандагон аз инҳо иборатанд:

**1. Тасаввурот ва донишҳо**. Возеҳгӣ, муҳиммияти идеяи нав, сатҳи фаҳмишҳо, фарҳангӣимуаррифи кардани мақсад, маъруфияти идея дар илми педагогика, методика ва амалияи таълим.

**2. Ғайримаъмул будан**. Хусусияти равшан ифодаёфта (андоза ва сатҳи иҷрои идея). Интихоб, пуррагӣ ва ғайриодӣ будани ҳалли идеяҳои нав.

**3. Мукаммал будан аз лиҳози рушд.** Муҳиммият ва илмӣ будани мундариҷа ва усулҳои таълим, мавҷуд будани идеяҳои нав, ки аз чаҳорчӯби намуна берун ва ба талаботи таҳсилоти муосир ва методикаи таълими фан созгор; қобилияти на танҳо аз ҷиҳати методӣ, балки аз ҷиҳати илмӣ ҳам, ҷамъбаст намудани таҷриба.

**4. Асоснокӣ**. Мавҷудияти усулҳо, шароит ва далелҳое, ки аз ҷониби ҳар як иштирокчӣ ба фаъолияти эҷодӣ доир ба тавлиди натиҷаи нави эҷодкорӣ дар дарс ворид карда мешавад.

**5. Шароити мусоиди ҳар чи бештар**. Кофӣ будани воситаҳои мавриди истифода дар дарс, мувофиқат ва робитаи онҳо бо мақсад ва натиҷаҳои мавриди назар (фосилавӣ ва ниҳоӣ).

**6. Самарае**, ки ҳар як иштирокчии дарси мастер – класс ба даст овардааст. Натиҷаи рушд чӣ гуна аст? Барои иштирокчиён чӣ чиз дақиқан фоида меорад? Қобилияти ба таври лозима аз назар гузарондани натиҷаҳои кори худ.

**7. Технологӣ будан.** Рафти дурусти гузарондани дарсҳо (риояи фосилаҳо, марҳилаҳо, тартиби лаҳзаҳои дарс), мавҷудияти усулҳои ғайриодӣ, муҳиммият, зарурат, проблемагузорӣ, усулҳои ҷустуҷӯ ва

кашф, тааҷҷуб, шавқ, мулоҳизакунӣ (худтаҳлилкунӣ, худназораткунӣ ва худислоҳкунӣ).

**8. Ҳунарпардозӣ.** Услуби амиқу барҷаста, нуфузи баланди педагогӣ, қобилияти амал кардан дар лаҳзаҳои ғайричашмдошт, дараҷаи таъсиррасонӣ ба шунавандагон, дараҷаи омодагӣ ба машҳуру маъруф гардидаи таҷрибаи худ.

**9. Фарҳанги умумӣ**. Идроки амиқ, тафаккури ғайриодӣ, услуби муошират, фарҳанги ифшои таҷрибаи худ.

**6. Расму оин ва анъанаҳои миллӣ**. Анъанаҳои миллӣ одамонро муттаҳид ва алоқаманд мекунанд ва пояи фазои ахлоқӣ – маънавии халқҳо ба шумор меравад. Он чизе, ки аз насли калонсол ба насли ҷавон мерос мондааст, маҳз такя бар анъанаҳои миллӣ дорад. Ҳар қадар расму оин гуногун бошад, ҳамон қадар халқ сарвати маънавии пурғановат дорад. Ягон чиз халқро ба мисли анъанаҳо муттаҳид намесозад. Маҳз онҳо ба бозгашти мероси ҳоло аз байн мусоидат мекунанд ва чунин эҳёкунӣ метавонад, наҷотбахши тамоми инсоният бошад. Ҳамаи анъанаҳо ва расму оинҳои халқи тоҷик, ки дар тӯли солҳои зиёд ба вуҷуд омадаанд, як бахши муҳиму нозуки ҳаёти маънавии халқи тоҷик ба шумор меравад. Бинобар ин, ҳанӯз аз замони таваллуд шуданаш дар тасаввуроти хонанда расму оини қадима ба ҳайси асоси барномаи ҳаёт ҷой дода мешаванд. Маросимҳою анъанаҳо, расму оинҳо ҳамаи инҳо дар якҷоягӣ вижагиҳои шарқӣ ва мафкураи хоси мардуми Осиёи Миёнаро ташкил додаанд. Дар Тоҷикистон намояндагони 20 миллат – тоҷикон, ӯзбекҳо, қирғизҳо, осетинҳо, тоторҳо, русҳо, украинҳо ва намояндагони дигар миллатҳои гуногун зиндагӣ мекунанд. Ҳамаи онҳо шаҳрвандони баробарҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор мерванд. Аз ин рӯ, ҳар як инсон ҳақ дорад он дину суннатҳоеро эътироф кунад, ки аз гузаштагонаш ба ӯ марос мондаанд. Тоҷикон насли қабилаҳои эрониҳои бостон мебошанд ва бинобар ин, бар ин асос бисёр одобу рафтор, тарзи

зиндагии нафари тоҷик, хоҳ зан бошад хоҳ мард, хоси мафкураи шарқии осиёии ӯ мебошанд.

Ҳамаи сарчашмаҳои дониш ба тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ мусоидат мекунанд.

Дар байни усулҳои тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ асостаринашон инҳо маҳсуб меёбанд:

**1.Кори инфиродӣ .** Кори ҷудогона бо ҳар як кӯдак доир ба тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ метавонад, аз навъҳои зерини фаъолият иборат бошад:

- ✓ кори илмӣ – таҳқиқотӣ доир ба масъалаҳои ҷудогона;
- ✓ кор дар китобхона, омӯзиши адабиёти таълимӣ;
- ✓ иштирок дар маҳфилҳо, баррасии масъалаҳо, конфиренсияҳо, семинарҳо ва ғайра;
- ✓ мубодилаи афкор доир ба масъалаҳои гуногун;
- ✓ коркарди назариявӣ ва истифодаи амалии шаклҳои гуногуни корҳои эҷодӣ.

**2. Ширкат дар олимпиадаҳо ва озмунҳо.** Аҳамияти ин навъи кор хеле калон аст. Озмунҳои омӯзишию маърифатӣ ва олимпиадаҳо на танҳо ёрӣ мерасонанд ва шавқу рағбат ба фанҳои мавриди омӯзишро зиёд мекунанд, балки ба фаъолнокӣ, ташаббускорӣ ва мустақиляти кӯдакон ҳангоми тайёр намудани масъалаҳо доир ба мавзӯъҳои мавриди назар ва ба кор бо адабиёти иловагӣ водор мекунанд, онҳо дар корҳои берун аз синфӣ хеле созгор мебошанд. Бо ёрии чунин озмунҳо ва олимпиадаҳо хонандагон метавонанд, донишу қобилият ва малакаҳои на танҳо кӯдакони дигарро санҷанд, балки сатҳи омодагии худро бо дигарон муқоиси кунанд. Олимпиадаҳои омӯзишӣ доир ба фанҳои гуногун ва озимунҳо хонандагону омӯзгоронро муттатҳид мекунанд, онҳоро ба ҳамкорӣ маҷбур месозанд ва барои омӯзиш аз рӯи майлу хоҳиши шахсӣ ва фаъолият аз рӯи нақша имконияти зиёдеро фароҳам меоранд.

**3. Технологияи фаъолият аз рӯйи барнома.** Усули фаъолият аз рӯйи барнома дар воқеъ дар педагогикаи ҷаҳонӣ падидаи нав маҳсуб намеёбад. Мақсади ин технология рушди озодонаи шахсияти эҷодкори хонанда аст. Асоси фаъолияти мазкурро меҳнати мустақилонаи хонандагон – пажӯҳишӣ, омӯзишӣ ва тавлидӣ ташкил медиҳад, ки дар рафти он хонанда олами атрофро меомӯзад ва дар корҳои воқеӣ донишҳои навро меофарад. Дар ин маврид нақша ҳар гуна коре, ки бо хоҳиш, аз тахти дил, бо андозаи зиёди мустақилият аз ҷониби гурӯҳҳои хонандагони дар ин замон аз рӯйи шавқи умумӣ муттаҳидшуда анҷом дода мешавад, ба шумор меравад. Ба кор бурдани ин метод ҳангоми тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ на танҳо хонандагонро ба ҳаёти оянда омода месозад, балки барои дуруст ташкил кардани зиндагӣ дар давраи ҳозира ҳам ёрӣ мерасонад.

**4. Корҳои мустақилона.** Дар байни хусусиятҳои муҳимми инсони муосир фаъолияти мақсадноку фаъолонаи фикрӣ, арзёбии тафаккур, ҷустуҷӯи чизҳои нав, хоҳишу қобилияти мустақилона ба даст овандани донишҳо фарқ карда мешаванд. Бинобар ин, ба омӯзиш боз як нақши дигаре вогузор шудааст, ки он ба рушди мустақилият ва масъулияти шахс барои рафтори худ мусоидат мекунад ва бояд он ба худинкишофдиҳии шахс, худомӯзӣ, амалисозии донишу қобилият ва малакаҳои ӯ равона шуда бошад.

Бинобар ин, тавре ки педагогҳо дуруст қайд мекунанд, иваз намудани намунаи дидактикии мавҷудае, ки ба иваз намудани намунаи дидактикии мавҷудае, ки ба омӯзиши мустақилонаи одӣ равона гардидааст, ба шаклу методҳои тағйирёфтаи омӯзиш, тамоюли он ба шахсият, зиёд намудани маҷмӯи воситаҳои навтарини техникӣ ва истифодаи васеи усулҳои нави таълим зарурат эҳсос мешавад. Илова бар ин, истифодаи наъҳои нисбатан фаъолонаи кори мустақилонаи инфиродӣ низ таъкид карда мешавад.

Барои тарбияи шаҳрвандии хонандагон кори мустақилона ҳамчун ҷузъи ҳатмии раванди омӯзиш бо усулҳои зиёди омӯзишии муосир (омӯзиш аз рӯйи матнҳои касбӣ, омӯзиш тавассути методҳои фаъолгардонии хонандагон, омӯзиши пажуҳишӣ ва ғайра) ҷудо карда мешавад, зеро кори мустақилонаи омӯзишӣ имкон медиҳад камбудиҳо дар фаҳмиши мавзӯи мавриди омӯзиш дар дарсҳои мактабӣ бартараф карда шаванд. Кори мустақилона қобилиятҳои гуногуни хонандагонро ошкор месозад, барои ба вуҷуд овардани сабабҳои водоркунанда ба омӯзиш мадад мерасонад. Мустақилият дар амалҳо имкон медиҳад, ки гузариш аз сатҳи «бемаҳсулӣ» (репродуксӣ) ба сатҳи «эҷодкорӣ» ба сатҳи «қобилият» ва «эҷодкорӣ» ҳамчун манбаъҳои донишҳо сурат гирад.

Кори мустақилона ба рушди қобилияту малака, ки ба ташкили кори худ аз ҷониби хонандагон иртибот доранд, мадад мерасонад. Кори мустақилона ин, пеш аз ҳама, ба нақша гирифтани кори худ, фаҳмидани инмкониятҳои воқеии худ, қобилияти кор бо маълумот дар соҳаҳои гуногуни ҳаёт мебошад, ки вобаста ба зиёд шудани ҳаҷми маълумоти илмӣ – техникӣ ва босуръат нав шудани донишҳо хеле муҳим арзёбӣ мешавад.

Ба маънои маҳдуд истилоҳи кори мустақилона иҷрои мустақилонаи ягон супориш аз ҷониби хонандагонро ифода мекунад, ки ҳам ҳангоми дарс дар мактаб ва ҳам берун аз мактаб дар шаклҳои гуногун: хаттӣ, шифоҳӣ, ба таври инфиродӣ, дар гурӯҳ ва ё ба таври умумӣ анҷом дода мешавад. Кори мустақилона яке аз бахшҳои асосии тарбияи шаҳрвандии хонандагон бо истифода аз имкониятҳои худомӯзӣ, як такони махсус ба касб кардани қобилияти кор ва афзун намудану таҳким бахшидани донишҳо ба шумор меравад.

Ба маънои нистбатан васеъ истилоҳи кори мустақлона маънои усули паҳнгардидаи фаъолияти омӯзишии хонандагонро ифода мекунад, ки на таҳо бо мафҳуми маҷмӯи донишҳо, балки ба васеъ гардидани ҳудуди дарк кардани инсон олам ва худро низ алоқаманд аст.

Шартҳои асосию муҳимтарини ташкили дурусти **кори мустақилонаи** хонандагон доир ба тарбияи шаҳрвандӣ метавон инҳоро ном бурд:

- ✓ ҳатман ба нақша гирифтани корҳои мустақилона;
- ✓ кори ҷиддӣ бо маводи таълимӣ;
- ✓ муназзамии худи машғулиятҳо;
- ✓ худназораткунии ҳатмӣ.

Фароҳам овардани заминаҳои зерини педагогӣ ҳам муҳим дониста мешавад, ки риояи онҳо боиси боз ҳам сермаҳсулу самарабахш ва бомуваффақият гардидани тарбияи шаҳрвандии хонандагон хоҳад гардид:

1) мавҷудияти ангезаи мусбат дар хонандагон;

2) дуруст ба миён гузоштани супоришҳое, ки барои маърифати хонандагон мусоидат мекунанд ва шарҳ додани роҳҳои иҷрои онҳо;

3) аз ҷониби омӯзгор муайян гардидани шаклу усулҳои ҳисобот, ҳаҷми кор ва муҳлати супоридан;

4) муайян кардани навъҳои маслиҳатҳо барои ёрӣ ва меъёрҳои баҳогузорӣ;

5) дарки донишҳои нави аз ҷониби хонандагон фарогирифта ҳамчун арзишҳои худӣ ва аҳамияти онҳо.

## Хулосаи боби якум

Тарбияи муҳаббат ба Ватан яке аз самтҳои муҳимми тарбияи ахлоқӣ ба шумор меравад. Яке аз аввалинҳо шуда, мафҳуми «ватандӯстӣ» – ро В. И. Дал шарҳ додааст. Ба андешаи ӯ, ватандӯстӣ аз мафҳумҳои зерин иборат аст: дӯст доштани зодгоҳи худ ва ҷои истиқомати доимии худ ба мисли Ватини худ, муҳаббат ва ғамхорӣ дар бораи ин ҳудуди ҷуғрофӣ, эҳтироми анъанаҳои маҳаллӣ, то охири умр содиқ мондан ба ин ҳудуди ҷуғрофӣ, муҳаббат ва таҳаммулпазирӣ нисбати ҳамдиёрони худ ва доштани хоҳиши ёрӣ расондан ба онҳо.

Афкори педагогии халқи тоҷик дар ҳама шаклҳои зуҳуроти он, хоҳ дар шакли назм ва ё наср, хоҳ дар шакли асари илмӣ ва ё асари бадеӣ, ки ҳазор сол ва ё сад сол пеш ва мумкин аст, дирӯз таълиф ёфтааст, дар худ рӯшноии абадии ҳикмати халқ ва некии инсониро фаро гирифтааст.

Ба ақидаи асосгузори адабиёти классикии тоҷик Абӯабдулло Рӯдакӣ, муҳаббати худро нисбат ба Ватан дар шакли назм ба тариқи зайл метавон, чунин ифода кард:

Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён ояд ҳаме,
Ёди ёри меҳрабон ояд ҳаме.
Реги Омуву дурштиҳои Ӯ,
Зери поям парниён ояд ҳаме.
Оби Ҷайҳун аз нишоти рӯйи дӯст,
Хинги моро то миён ояд ҳаме......

Худи мафҳуми ватандӯстӣ бо ғояҳои зиёд: миллӣ, таърихӣ, фарҳангӣ, ҷуғрофӣ ва ғайра вобастагӣ дорад. Махсусан, ин вобастагӣ дар ҷумҳурии мо, ки хонаи умумӣ барои халқҳои зиёде маҳсуб меёбад, равшан зоҳир мегардад. Аз ин рӯ, ватандӯстии муосир хусусиятҳои хоси худро дорад, ки дар байнашон нисбатан муҳимтар инҳо мебошанд:

- ✓ инсонгаро будани афкори ватандӯстӣ;
- ✓ муттаҳидӣ ва риояи қонунҳо;

- ✓ иҷтимогароӣ ҳамчун хоҳиши устувор ва зарурати шаҳрвандони мо ба ҳаёти иҷтимоӣ;
- ✓ муҳаббати махсус ба табиати зодгоҳ.

Дар асоси таҳлили адабиёти педагогӣ мо маъноҳои зерини мафҳуми шаҳрвандиро муайян кардем:

- ✓ муҳаббат ба Ватан;
- ✓ садоқат ва муҳаббат ба Ватан ва ба халқи худ;
- ✓ муҳаббат ба Ватан, садоқат ба Ватани худ, ба халқи худ;
- ✓ ҳисси муҳаббат ба Ватани худ, афзалтар донистани манфиатҳои умумии кишвар назар ба манфиатҳои шахсӣ, садоқатмандона хизмат кардан ба Ватан ва ҳимоя намудани он;
- ✓ муҳаббат ба Ватан, садоқат ба он, кӯшиши бо амалҳои худ хизмат намудан ба манфиатҳои он;
- ✓ принсипи ахлоқӣ ва сиёсӣ, ҳисси иҷтимоӣ, ки мазмуни он муҳаббат ба Ватан, садоқат ба он, ифтихор аз гузашта ва ҳозираи он, кӯшиш барои ҳимоя намудани манфиатҳои Ватан;
- ✓ муҳаббат ба Ватан, ба халқи худ;
- ✓ муҳаббат ба Ватан, зодгоҳ ва халқи худ;
- ✓ ҳисси муҳаббат ба Ватан, идея, дарки маъсулияти шаҳрвандӣ барои тақдири Ватан, ки дар кӯшиши хизмат кардан барои халқи худ, ҳимояи манфиатҳои он ифода меёбанд;
- ✓ муҳаббат ба Ватан, ба сарзамине, ки дар он ҷо инсон таваллуд ва ба воя расидааст, ифтихор аз корнамоиҳои таърихии халқи худ.

Дар ин боб мо қонуниятҳои умумӣ ва принсипҳои раванди тарбия ва хусусиятҳои хоси тарбияи шаҳрвандии хонандагон дар мактаби таҳсилоти миёнаи умумиро дақиқан муайян кардем. Ба ҷумлаи онҳо дохил мешаванд: вобастагии тарбияи шаҳрвандӣ аз рушди ҷомеа ва ҳодисаҳое, ки дар он сурат мегиранд; вобастагии байни мазмуни шаклҳою методҳо, воситаҳою усулҳои тарбияи шаҳрвандӣ ва хусусиятҳои синнусолӣ ва шахсии хонандагон; ягонагии диалектикӣ ва

робитаи табиӣ байни маводи таълимӣ ва мазмуни чорабиниҳои беруназсинфӣ ва буруназмактабӣ; муттаҳид кардани тарбияи шаҳравндӣ бо равияҳои дигари кори тарбиявӣ; такя ба андешаҳои нав доир ба ташкил ва роҳандозии раванди таълиму тарбия ва такя ба фаҳмиши нави мафҳумҳои асосии педагогӣ; такя ба сифатҳои фоидабахши шахсияти тарбиягиранда ва фароҳам овардани фазои мусоиди психологӣ дар раванди ҳамкориҳои педагогӣ; мувофиқа кардани ҳамкории мактаб, оила ва ҷомеа дар системаи тарбияи шаҳрвандӣ.

Дар тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ методҳое, ки мавқеи иҷтимоӣ – шахсии омӯзгорро нишон медиҳанд, муҳим худониста мешаванд, ба мисли муносибати хуби шахсӣ ба муҳити калону хурд; мулоҳизаҳои созанда доир ба стратегия ва афзалиятҳои рушди кишвар дар шароити муосир, бехатарии экологии минтақа, зарурати иҷрои босифати вазифаи шаҳрвандӣ ва ҳарбӣ ва ғайра; муносибати хуб ба суннатҳои мардумӣ, эътиқодоти динӣ, таърих ва ояндаи хатмкунандагони мактаб ва ғайра; суханони хуб дар бораи ҳолати корҳо дар мактаб, аҳли синф, муносибатҳои эҳтиромонаю боварибахш ба хонандагон, роҳ надодан ба паст задани шаъну эътибори онҳо; оҳанги мусбату таъсирбахши гуфтор доир ба мавзӯъҳои ҷамъиятӣ ва ғайра.

# БОБИ II. МОДЕЛИ ПЕДАГОГИИ ТАРБИЯИ ШАҲРВАНДИИ ХОНАНДАГОНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ТАВАССУТИ ХУДОМӮЗӢ

## 2.1. Модели тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ

Яке аз масъалаҳои муҳимми тарбияи асосҳои шаҳрвандӣ дар хонандагон ин муайян кардани муҳтавои таълим ва воситаю методҳои он аст. Воситаи муҳимтарини тарбияи шаҳрвандӣ худомӯзӣ ба шумор меравад.

Маълум аст, ки проблемаи худомӯзӣ ба мисли худи ҳаёт ҳам қадимӣ ва ҳам нав аст, агар аз мавқеи илми муосир ба он назар андозем. Худомӯзӣ ҳамчун падида ҳама вақт таваҷҷуҳи файласуфон, равоншиносон, физиологҳо ва бахусус, педагогҳоро ба худ ҷалб мекард ва ҷалб карда истодааст.

Файласуфон асосан масъалаи ҷойгоҳи худомӯзӣ дар рушди ҷомеа ва шахс баррасӣ менамоянд. Таваҷҷуҳи равоншиносонро моҳият, сарчашмаҳо ва равандҳои худомӯзӣ ба худ ҷалб менамоянд. Олимони соҳаи педагогика вобастагии тарбияю худомӯзӣ аз ҳамдигар, нақши худомӯзӣ дар низоми умумии воқеиятҳо, ки шахсияти насли наврасро ташаккул медиҳанд, мавриди омӯзиш қарор медиҳанд. Дар илми мазкур ба коркарди принсипҳо ва методҳои роҳнамоӣ ба фаъолияти худомӯзии хонандагон таваҷҷуҳ зоҳир мегардад.

Масъалаҳои моҳияти тарбия ва нақши он дар рушди шахсият ба таври мухталиф баррасӣ мешаванд.

Ба ақидаи файласуфи фаронсавӣ Сартр, «инсон танҳо он чизест, ки худро аз худ месозад» [178: 9].

Худомӯзӣ аз ҷомеа вобастааст ва барои манфиатҳои мушаххаси ҷамъиятӣ хизмат менамояд: «Ҳастии худи ман ин фаъолияти ҷамъиятиест, - қайд карда буд К. Маркс, - ва бинобар ин, он чизе, ки ман аз корҳои худ анҷом медиҳам, аз худ барои ҷомеа анҷом медиҳам ва

худро ҳамчун мавҷуди ҷамъиятӣ мефаҳмам» [86: 190]. Ва ин чиз пурра фаҳмо аст. Инсон узви ҷомеа маҳсуб мешавад ва бо он аз ҳама ҷиҳат: моддӣ ва фарҳангӣ, сиёсӣ ва идеологӣ алоқамандӣ дорад. Барои зиндагии муътадил дар коллектив ва ҳамкорӣ бо дигарон, ҳар як инсон уҳдадор аст, ки рафтори худро тибқи қоидаҳо ва меъёрҳои ахлоқии дар ҷомеа амалкунанда ба роҳ монад. Ҳар як инсон, ки худро як шахсият ҳисоб мекунад, бояд тарзи зиндагии дар ҷомеа муқаррааргардидаро пеш гирад ва ҳаракату рушди он гурӯҳи иҷтимоиеро пайравӣ кунад, ки ба он мансуб аст.

Бо назардошти ин, бояд зикр кард, ки худомӯзӣ, умуман ба мисли тарбия, вазифаи ҷамъиятиро доир ба ташаккули шахсият анҷом медиҳад. Ба мисли тарбия, худомӯзӣ ҳам як раванди мақсадноку ихтиёрона ва бошууронаи ташаккули сифатҳои ахоқӣ – психологии шахс ба шумор меравад. Аз ин рӯ, худомӯзиро метавон, ҳамчун кори огоҳонаю мақсаднок аз болои худ маънидод кард, ки ба ташаккули чунин сифатҳои шахс равона гардидааст, ки он сифатҳо ба талаботи ҷомеа ва барномаи шахсии рушд ҷавобгӯ мебошанд.

Метавон гуфт, ки худомӯзӣ дуюмдараҷа аст, он вақте ба амал меояд, ки вақте ки фард вориди ҷараёни ҳаёт ва тарбияи барои ӯ пешбинишуда мегардад, яъне вақте ки ӯ ба шинохти худ ҳамчун шахсият оғоз мекунад ва дар бораи нақши худ дар ҳаёти ҷомеа дар давраи ҳозира ва оянда андеша кунад ва дар зиндагии рӯзмарра мустақилияти муайянеро зоҳир намояд. Ба ибороти дигар, вақте ки вай дараҷаи муайяни рушди шуур, худшиносӣ ва таҷрибаи ҳаётиро соҳиб мешавад.

Аз мулоҳизаҳои дар боло овардашуда бармеояд, ки талабот ба худтарбиякуниро ҳолатҳои беруна ва тарбия ба миён меоранд. Он ҳамчун зарурати табиии шахсияти инкишофёбанда ба амал меояд ва ҳамчун ангеза барои худинкишофдиҳии минбаъдаи инсон хизмат менамояд.

Барои кӯдакон лозим аст, на танҳо таърих, балки анъанаҳои фарҳангиро ҳам хуб донанд ва дар эҳё намудани фарҳанги миллӣ

фаъолона ширкат варзанд, имконияҳои худро ҳамчун шахси дӯстдори Ватини худ, халқи худ амалӣ созанд ва ҳамаи он чизе, ки ба фарҳанги мардумӣ алоқаманд аст, ба мисли суруду рақсҳои халқии тоҷикӣ, ки аз онҳо кӯдакон одоби шарқиёна, расму ойин ва рӯҳи озодхоҳӣ ва мафкураи шарқиро ёд мегиранд ва эҷодиёти шифоҳии мардумӣ ва бозиҳои холқӣ, ки кӯдакон бозӣ кардани онҳоро дӯст медоранд, бояд донанд.

Нақшаи тарбияи асосҳои шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ аз ҷузъҳои зерини таркибӣ иборат аст:

1) мақсадҳо;

2) вазифаҳо;

3) мухтавои тарбияи шаҳрвандӣ;

4) шарҳи меъёрҳо ва сатҳҳои ташаккули асосҳои шаҳрвандии хонандагон;

5) заминаҳои ташкилӣ – педагогӣ, роҳнамоии ҳатмии худомӯзӣ (бахши тайёркунӣ, бахши таълимӣ ва бахши эҷодӣ);

6) субъектҳои фаъолият;

7) асосҳои шаҳрвандӣ.

**Гурӯҳи якуми** самтҳои ташаккули шаҳрвандӣ тавассути худомӯзиро самтҳои зерин ташкил медиҳанд:

1. **Самти идеологӣ** – ба ҳайси яке аз арзишҳои муҳимтарини иҷтимоӣ – сиёсии шаҳрвандон муқаррар кардани шаҳрвандӣ. Ин амр эҳёи пурраи ғояҳи ватандӯстӣ ва ба манфиатҳои ҷомеа, давлат ва ҳар як инсон равона кардани онҳоро дар назар дорад, ки анҷоми корҳои зеринро талаб менамояд:

✓ фаъолона ба кор бурдани унсурҳои тарбияи шаҳрвандӣ;

✓ ба ин кор ҷалб намудани воситаҳои ахбори омма ва дар ин маврид бартараф кардани баъзе андешаҳои қолабӣ ва дорои хусусиятҳои манфӣ;

✓ роҳ надодан ба кӯшишҳои истифода бурдани ғояҳои ватандӯстӣ аз ҷониби қувваҳои мухталифи сиёсӣ ба мақсади ба тарафи худ ҷалб намудани қишрҳои гуногуни ҷомеа (махсусан, артиш ва ҳайати афсарони он);

✓ пешгирӣ кардани кӯшиши бадному беқурб кардани ғояҳои ватандӯстӣ аз ҷониби ходимони давлатию ҷамъиятӣ дар воситаҳои ахбори омма, адабиёт ва санъат, ки имкониятҳои зиёди зеҳнию эҳсосотии таъсиррасонӣ ба шуури омма доранд;

✓ истифодаи мақсадноку эҷодкоронаи имкониятҳои мусбати ғояҳои ватандӯстӣ дар раванди ба роҳ мондани фаъолияти тарбиявӣ бо ҳамаи шаҳрвандони кишвар ва бо иштироки фаъолонаи ниҳодҳои давлатию ҷамъиятӣ ва ғайра.

2. **Самти илмӣ – назариявӣ**, ки аз ҷоннок намудани таҳқиқи назариявии асосҳои ташаккули шаҳрвандӣ тавассути воситаҳои худомӯзӣ, ҳамчун проблемаи илмӣ ва ҳамчун фаъолияти амалӣ, ба мақсади алоқамандона ба муҳимтарин тағйироте, ки дар ҷомеа ба вуҷуд омадаанд ва ба вуҷуд омада истодаанд, бо иловаҳои сифатан нав пурра кардани он иборат аст. Ин кор бо далелҳои нав ғанӣ гардондани муҳтавои тарбияи шаҳрвандӣ тавассути ба он дохил намудани ҷузъҳои таърихӣ – фарҳангӣ, ахлоқӣ, психологӣ ва ҷузъҳои дигар, инчунин дастовардҳои нави илмҳои иҷтимоӣ – гуманитарӣ ва тавассути ин шинос намудани хонандагон бо арзишҳои ватнадӯстӣ, ки дар соҳаҳои асосии ҳаёти ҷомеа ҷой доранд ва аз худ кардани онҳо, коркарди намунаҳои шаҳрванд – ватандӯсти дорои маҷмӯи сифатҳои интернатсионалии шахс ва амсоли инҳоро дар назар дорад.

3. **Самти педагогӣ ва методологии** тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ, ки анҷоми корҳои зеринро дар назар дорад:

✓ коркарди бунёдии маҷмӯи барномаҳои таълимӣ ва махсус, методикаи ташкил ва гузарондани тарбияи шаҳрвандӣ бо назардошти хусусиятҳои хоси ин ё он гурӯҳи шаҳрвандон;

✓ ҷамъбасткунии доимии натиҷаҳои ин кор ва огоҳкунии мақсадноки субъектҳои тарбияи шаҳрвандӣ, пеш аз ҳама, муассисаҳои таълимӣ ва созмондиҳандагони корҳои оммавии ватандӯстӣ ва ғайра;

✓ рушд ва такмили шаклҳою методҳои тарбияи шаҳрвандӣ ва муносиб гардондани кори тарбиявӣ ба ҳамаи қишрҳои аҳолии кишвар;

✓ нашри мунтазами адабиёти мувофиқ, ки асосҳои педагогии ташкил ва анҷоми фаъолияти мазкур бо назардошти навгониҳо, таҷрибаи пешқадами таълиму тарбияи ватанию хориҷиро фаро мегиранд;

✓ ташкили омодасозии кадрҳои педагогие, ки метавонанд, фаъолона, бо сифати баланд масъалаҳои тарбияи шаҳрвандӣ ва ғайраро ҳаллу фасл намоянд.

4. **Ташкили самти дурусти тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзиро** ташкили механизмҳои зарурӣ барои пай дар ҳам амалӣ намудани як қатор чораҳо доир ба тақвият бахшидан ба раванди тарбияи шаҳрвандӣ дар хонандагон имконпазир мегардонад.

Самти мазкур анҷоми амалҳои зеринро талаб менамояд:

- хеле баланд бардоштани сатҳи ташкил ва фаъолияти ҳам ҷузъҳои алоҳидаи системаи тарбияи шаҳрвандӣ ва ҳам фаъолияти тамоми система дар маҷмӯъ;
- таъмини робитаю ҳамкории он бо системаи ҳамаи навъҳои тарбия (ахлоқӣ, ҷисмонӣ, экологӣ, ҳарбӣ ва амсоли инҳо) ва бо бахшҳои марбутаи сохтори давлатӣ ва ниҳодҳои иҷтимоӣ;
- ташкили асосҳои созмондиҳии идора карданди раванди тарбияи шаҳрвандӣ ба мақсади ташаккул ва татбиқи стратегияи умумии чунин фаъолият, муттаҳид кадани фаъолияти субъектҳои мухталиф, инчунин ба онҳо расондани ёрии зарурӣ ва дастгирии онҳо, бахусус, дар ҳалли проблемаҳои мушаххас ва ғайра.

5. **Самти меъёрӣ – ҳуқуқии тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ,** ки ҳамзамон бо самтҳои дигар сурат мегирад ва

ҳалли масъалаҳои ташкили асоси қонунгузории муайян кардани мақоми иҷтимоӣ – ҳуқуқии тарбияи шаҳрвандӣ ҳамчун яке аз муҳимтарин самтҳои фаъолияти аз ҷиҳати иҷтимоӣ аҳамиятноки давлат ва субъектҳои дигари ташаккули тарбияро дар назар дорад. Ин самт анҷоми корҳои зеринро дар бар мегирад:

- муайян кардани нақшу ҷойгоҳ, мақоми иҷтимоӣ – ҳуқуқӣ, вазифаҳо, вазифаи ҳар як мақом, созмон, идора ҳамчун ҷузъҳои таркибии системаи ягонаи тарбияи шаҳрвандӣ бо назардошти хусусиятҳои фарқкунандаи онҳо, инчунин тағйироте, ки дар солҳои охир дар кишвар ба вуҷуд омаданд ва дар ҳоли ҳозир ба вуҷуд омада истодаанд;
- ташкили заминаи воқеии меъёрӣ – ҳуқуқии тарбияи шаҳрвандӣ;
- коркрди маҷмӯи муқарраароти меъёрӣ – ҳуқуқии робитаи байниҳамдигарӣ ва ҳамкории субъетҳои тарбияи шаҳрвандӣ дар низоми умумии ин фаъолият ва ғайра.

**Гурӯҳи дуюми** самтҳои ташаккули тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути воситаҳои худомӯзӣ аз кӯшишҳои ҷомеа ва давлат доир ба ташкили заминаҳои зарурӣ барои дарёфти варианти беҳтарини роҳандозии ин раванд дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ва, пеш аз ҳама, дар соҳаҳои иқтисодоӣ, иҷтимоӣ – сиёсӣ ва маънавӣ иборат аст.

Дар **соҳаи иқтисодӣ** вазифаи тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ аз ташкили шароити нисбатан мусоид барои қонеъ гардондани талаботи хонандагон ва беҳтар кардани вазъи некӯаҳволии моддии онҳо иборат аст.

Дар соҳаи **муносибатҳои иҷтимоӣ – сиёсӣ** барои тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути воситаҳои худомӯзӣ масъалаи асосӣ таъсиси давлати ҳақиқатан демокиратӣ ба шумор меравад, ки вазифаҳои худро баробари давлатҳои тараққикарда анҷом медиҳад.

Дар **соҳаи маънавӣ** барои тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути воситаҳои гуногуни худомӯзӣ масъалаи асосӣ эҳёи сифатҳои баланди маънавӣ ва иқтидори маънвии хонандагон маҳсуб мешавад.

Бешубҳа, самтҳои мазкур барои ташаккули тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути воситаҳои худомӯзӣ умумӣ ба шумор мераванд.

**Гурӯҳи сеюми** самтҳои тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути воситаҳои худомӯзӣ дар худ корҳои тарбиявии аҳамиятноки бартариятдоштаро фаро мегирад. Дар байни онҳо муҳимтаринашон инҳо мебошанд:

- ✓ ташкили равияҳои муҳим ва афзалиятҳои наврасон ва ҷавонон дар таҳсилоти расмӣ ва ғайрирасмӣ;
- ✓ бо донишҳои амиқи аз ҳама асосӣ ва донишҳо аз таърихи Ватан мусаллаҳ гардондани хонандагон;
- ✓ тарбияи ҳисси ватндӯстӣ;
- ✓ тарбияи сифатҳои иродавӣ ва ахлоқӣ, ки амалисозии ғояҳо ва ҳисси ватандӯстиро дар зиндагӣ таъмин менамоянд.

Ҳамин тавр, идиологияи давлатии ватандӯсӣ ин системаи низариявие аст, ки аз боло яктарафа ва бо иродаю хоҳиши ашрофи ҳукмрон таҳмил намешавад. Дар маҷмӯъ, ин системаи донишҳо, ақидаҳо, идеяҳо, мавқеъ ва ҳиссиёти иҷтимоие мебошад, ки дар шакли арзишҳои умумидавлатии аз ҷиҳати назариявӣ асоснок ва ба таври возеҳ ифодашаванда зоҳир мегарданд ва манфиатҳои ҳаётан муҳимми инсонҳо, ҷомеа ва давлат маҳсуб мешаванд, ки ба шукуфоии Ватан, таъмини мақоми устувори ҷумҳурӣ дар ҷаҳон равона гардидаанд.

Бешубҳа, раванди тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути воситаҳои худомӯзӣ идомаи табиии анъанаҳои мавҷуда буда, дар ҳар як марҳилаи рушди ҷомеа аз дараҷаи сифр оғоз намеёбад. Аз ин рӯ, роҳи нисбатан мусоид барои ислоҳи системаи тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути воситаҳои худомӯзӣ ин ошкор кадани шароитҳои нисбатан аҳамиятноку таъсиргузор ба раванди тарбияи ватандӯстон,

коркарди моделҳои тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ дар асоси ба назар гирифтани ин ҳолатҳои муҳим ва коркарди тавсияҳо доир ба таъмини шароити амалисозии моделҳои мазкур мебошад.

Дар асоси таҳлили сохтори умумии зерини модели тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути воситаҳои худомӯзӣ дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад:

1. Ҷузъҳои иттилоотии модел (махзанҳои иттилоот, дастгирии информтсионӣ, манбаъҳои итттилоот ва амсоли инҳо).

2. Алоқамандии сохторӣ – системавии қисмҳои таркибӣ (мақсадҳо, табақабандӣ, манбаъҳои иттилоот).

3. Қисмҳои таркибӣ (субъектҳои тарбияи шаҳрвандӣ – созмонҳо, коллективҳо, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, иттиҳодияҳои эҷодӣ).

4. Ҷузъи методӣ (методикаҳо, маҷмӯи методикаҳое, ки барои кор дар он фазо – митақавӣ, фарҳанги иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва амсоли инҳо мусоид мебошанд).

Мутаххасисиони муассисаҳои таълимие, ки модели эҳтиётии тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути воситаҳои худомӯзиро истифода мебаранд, бояд дорои сифатҳои хуби шахсию касбӣ ва мавқеи устувори шаҳрвандӣ бошанд.

Чунин ҳолат дорои сохтори бисёрсубъект аст.

Аввалан, педагог – субъекти таъсири тарбиявӣ дар ҳамкорӣ (бевоста ва ё бавосита) бо кӯдак ва ҷомеаи кӯдакони мактаб, ки омодагию қобилияти ӯро дар барқарор кардани робита бо хонандагон дар назар дорад:

1. Муошират бо кӯдакон дар асоси принсипҳои зерини инсондӯстӣ сурат мегирад:

✓ истифодаи муколама ва мавҷудияти ҳамдилӣ ҳангоми ҳамкории омӯзгору хонандагон;

✓ боварии омӯзгор ба имкониятҳо ва қобилиятҳои кӯдак;

✓ муносибати бидуни баҳодиҳӣ ба кӯдак ҳамчун шахсияти мустақил;

✓ худифшокунии мувофиқ (ошкор будани эътиқодоти ахлоқию этникӣ, арзишҳои шахсӣ ва шавқу рағбати омӯзгор барои кӯдак).

2. Ба роҳ мондани фаъолияти якҷоя бо кӯдакон ҳамчун тарбиягар ва ҳамчун шаҳрванди ватандӯсти ҳақиқӣ, дар асоси муносибатҳои ҳамкорӣ ва эҷодкории якҷоя (масалан, дар раванди тайёрӣ ва гузарондани чорабиниҳои мактабӣ ва синфӣ, инчунин дар раванди дарс ва амсоли инҳо).

3. Ташкил кардани ҳолатҳои гуногун (ихтилоф, дастовард ва ғайра), ки дар дарс, фаъолиятҳои меҳнатӣ, бадеӣ, бозӣ ва фаъолияҳои дигари хонандагон дар онҳо сифатҳои шаҳрвандӣ ва ватандӯстиро тарбия мекунанд.

4. Ошкору амалӣ намудани имкониятҳои тарбиявии раванди таълим (ба воситаи муҳтаво, шаклу методҳои таълим) ва муҳити фаннӣ-эстетикие, ки кӯдаконро иҳота кардааст.

5. Мувофиқа кардани кор бо хонандагон ҳачун субъектҳои худидоркуни мактаб.

6. Дастгирӣ кардани равандҳои худомӯзӣ, худинкишофдиҳӣ, ҷустуҷӯи аҳмиятнокию арзишмандии кор аз ҷониби кӯдак ҳангоми ташкили кори зарурии гурӯҳию инфиродӣ.

7. Додани имкониятҳои амалӣ ба кӯдак барои амалисозии қобилияту имкониятҳои худ, худмуайянкунии ахлоқӣ ва шаҳравандии кӯдак дар фазои раванди таълимӣ,

8. Таъсирпазир будани омӯзгор аз таъсири тарбиявии кӯдакон.

Дуюм, омӯзгор – субъекти аз лиҳози шахсият ва касбӣ инкишофёбанда ҳамчун тарбиятгар, шаҳрванд ва ватандӯст, ки дар навбати худ омодагии омӯзгор ба чунин фаъолиятро дар назар дорад. Педагог муаззаф аст:

1. Таҷрибаи шахсии худро ғанӣ гардонад, яъне нисбати дастовардҳою нокомиҳои худ ҳамчун ба мушкилот, вазифаҳои худ, масъалаҳое, ки ба ӯ – тарбиятгар имкон медиҳанд, ки аз таҷрибаи шахсии худ омӯзад ва худро шиносад, муносибат кунад.

2. Шахсияти худро такмил диҳад ва дар бораи ҳифзу рушди фарҳанги худ, иқтидори ахлоқию эҷодӣ, шаҳрвандӣ ва психолигию физиологии худ ғамхорӣ зоҳир намояд (ин махсусан, дар шароити ноустувору ихтилофоти иҷтимоӣ муҳим аст).

3. Баланд бардоштани донишу қобилиятҳои касбии худ, ки ба ташаккул ва рушди шахсияти кӯдак таъсири мусбат мерасонанд (донишҳою тасаввуроти худро доир ба ҷиҳатҳои арзишӣ ва аҳамиятнокии «олами кӯдакон» такмил додан, аз худ кардани усулҳои нави муоширату ҳамкорӣ, корҳои пажӯҳишӣ, ёд гирифтани омезиши анъанаҳо ва навгониҳо дар тарбия, мулоҳиза кардани фаъолияти худ ва амсоли инҳо).

Сеюм, педагог – субъекти таъсисдиҳанда ва инкишофдиҳандаи коллективи педагогӣ ҳамчун коллективи тарбиятгарон, умумияти шаҳрвандӣ, ки омодагӣ ва қобилияти онро ба иҷрои вазифаҳои зерин талаб мекунад:

1. Раванди таълиму тарбия дар мактабро ҳамчун система донистан, дар ташкилу рушди системаи тарбияи шаҳрвандӣ мавқеъ ва нақши худро муайян кардан.

2. Дар раванди худмуайянкунии коллективи педагогӣ дар мактаб, дар мавридҳои арзишгароию аҳамиятнокӣ ва шаҳрвандӣ худро ҳамчун шахси озоду масъулиятнок ва ҳамчун иштирокчии фаъоли худидоракунии педагогӣ нишон додан.

3. Дастгирӣ кардани хусусияти пайдарҳамии муносибатҳо дар коллективи педагогӣ ҳамчун умумияти касбии педагогҳо – тарбиятгарон ва иттиҳоди шаҳрвандии одамон.

4. Бо истифода аз имкониятҳои илми педагогика ва илмҳои дигари ҷамъиятӣ аз ҷиҳати илмӣ – назариявӣ ва амалӣ мулоҳиза ва баррасӣ намудани масъалаҳои бисёр муҳимми тарбияи шаҳрвандӣ дар мактаб.

5. Таҳқиқу тартиб додан ва пешгӯйӣ кардани рушди тағйирот дар фаъолияти педагогии худ ва дар фаъолияти коллективи педагогӣ доир ба тарбияи шаҳрвандӣ.

6. Муттаҳид шудан бо педагогҳои дигар ба мақсади ҳалли проблемаҳои асосии омӯзиш ва тарбияи шаҳрвандӣ, инчунин барои худомӯзии педагогӣ.

7. Ба ҳамкорон додани имконияти шинос шудан бо таҷрибаи худ доир ба тарбияи шаҳрвандӣ («таҷрибаи худро кушода нигоҳ доштан») ва истифода бурдан аз чунин имкониятҳои пешниҳодшуда.

8. Мусоидат кардан ба ҷалби омӯзгорони ҷавон ба коллективи педагогӣ.

Чорум, педагог – субъекти робитаи байниҳамдигарӣ бо оилаҳо, намояндагони ҷомеа, иттиҳодияҳои иҷтимоие, ки бо кӯдакон сарукор доранд ва ба тарбияи шаҳрвандию ватандӯстии онҳо мусоидат мекунанд. Асоси фаъолияти ӯро ба ҳайси субъекти педагогӣ омодагӣ ва қобилияти ӯ ба анҷоми корҳои зерин ташкил медиҳанд:

1. Доимо ва бо ҳавасмандӣ нав кардани маълумоти худ доир ба ҳаёти тарбиягирандагон дар оила, дар байни ҳамсолон, дар бораи ҳолати муҳити иҷтимоие, ки онҳоро иҳота мекунад («амиқӣ»-и он ва «муҳити маъмулӣ»).

2. Дастгирӣ кардани кӯшиши оила доир ба тарбияи шаҳрвандӣ ва ватандӯстӣ дар кӯдакони худ, ислоҳ кардани зуҳуроти манфии эҳтимолӣ дар тарбияи оилавӣ.

3. Дар шароити мактаб ташкил кардани фаъолияти якҷояи педагогҳо, волидон ва кӯдакон, ки ба якрангии тарбияи шаҳрвандӣ нигаронда шудааст.

4. Дар ҳалли масъалаҳои тарбияи шаҳрвандӣ ҳамкорӣ кардан бо педагогҳою равоншиносони иҷтимоӣ, педагогҳои дорои маълумоти иловагӣ, кормандони соҳаи тиб, намояндагони муассисиҳои фарҳангӣ, варзиш ва ғайра.

5. Манфиатҳои кӯдаконро ҳифз кардан, мусоидат намудан ва барқарор намудани саломатии кӯдаке, ки дар шароити низои иҷтимоӣ қарор гирифтааст.

Мавқеи шаҳравандии тарбиятгарро метавон таҳқиқ кард.

Дар ду вараќи назарпурсӣ амалҳои имконпазири педагог – тарбиятгар оварда шудаанд, ки ба чор бахш тақсим карда шудаанд:

1) амалҳои педагог ҳамчун шахси таъсиргузори тарбиявӣ ба кӯдак ва камолоти кӯдак;

2) амалҳои педагог ҳамчун субъекти худинкишофдиҳии шахсияту касби худ ва ҳамчун тарбиятгар;

3) амалҳои омӯзгор ҳамчун субъекти ташаккул ва рушди коллективи педагогӣ ҳамчун коллективи тарбиятгарон;

4) амалҳои педагог ҳамчун субъекти ҳамкорӣ бо ҷамъиятҳои иҷтимоие, ки бо кӯдакон сару кор доранд, ба мақсади ҳавасманд намудани онҳо ба истифодаи имконоти худ дар корҳои тарбиявӣ.

Дар рафти корҳои озмоишӣ – таҷрибавӣ модели тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути воситаҳои худомӯзӣ коркард шуд, ки дар расми 1 оварда шудааст.

Мақсади чунин кор аз тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути методҳои худомӯзӣ иборат аст.

Вазифаҳо: ҳар кадоме аз се қисми модели тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ (асосноқӣ – арзишӣ, фаъолият ва эҷодкорӣ) – ро дар рафти ҳалли вазифаҳои зерин инкишоф додан:

1) бунёди муносибатҳои саршор аз эҳсосот нисбати тарбияи шаҳрвандии хонандгон тавассути воситаҳои худомӯзӣ;

2) ошкор кардани усулҳо ва роҳҳои худомӯзӣ дар дарсҳо ва чорабинҳои берун аз дарс;

3) рушди қобилиятҳои эҷодӣ тавассути худомӯзӣ дар дарсҳо ва чорабиниҳои берун аз дарс.

Дар мавриди ташкили кор доир ба табияи шаҳрвандии хонандагон тавссути имкониятҳои худомӯзӣ мо ба бархӯрдҳои зерини умумиметодологӣ такя намудем:

- системавӣ;
- фаъолият;
- шахсиятгароӣ;
- фарҳангшиносӣ.

**Бархӯрди системавӣ** – ин, пеш аз ҳама, таркиби методҳои маърифат ва сохтани тарҳи воқеият, усули тасвир ва тавзеҳи объектҳои мавриди омӯзиш ва ё ба таври сунъӣ сохташуда ва ё намунаҳои онҳо аст. Асоси назариявию пайдарҳамии бархӯрди батартибдорориро принсипи системанокии диалектӣ – материалистӣ ташкил медиҳад.

Вазифаҳои асосии омӯзиш аз нуқтаи назари бархӯрди системавӣ дар рафти рушди тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути воситаҳои худомӯзӣ инҳо ба шумор меравад: коркарди воситаҳои таҷзия ва синтези объктҳои сохташаванда ҳамчун система, сохтани моделҳои умумии тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути усулу воситаҳои худомӯзӣ бо ҷудо кардани хусусиятҳои хос, таҳқиқи консепсияҳо ва коркардҳои мухталифи системавӣ.

**Бархӯрди банизомоварӣ** дар рафти тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути усулҳои худомӯзӣ имкон медиҳад, ки ҳар як қисми системаро ҷудо карда, дар алоҳидагӣ бодиқат омӯхта шавад ва ҳамаи қисмҳои система ҳаматрафа омӯхта шуда, ба ҳамдигар муқоиса шаванд ва дар як дастгоҳи воҳид муттаҳид шаванд. Ҳамзамон ҳамаи хусусиятҳою фарқиятҳо, ихтилоф ва хусусияҳои онҳоро бо ҳам алоқамандкунанда, аввалӣ будани баъзе ҷузъҳо нисбат ба ҷузъҳои дигар,

рафти инкишофи ҳар як ҷузъ ва дар маҷмӯъ тамоми система ошкор карда мешаванд.

**Бархӯрди барномарезии воқеӣ** дар раванди тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути воситаҳои худомӯзӣ ҳамчун яке аз принсипҳои омӯзиш ҳангоми ташкили муҳтавои таълим ва дар рафти тарбияи шаҳрвандии хонандагон – тарафи пайдарҳамии он ба кор бурда мешавад. Таваре, ки амалия нишон медиҳад, шакли дарс дар синф, ки аз дер вақат боз дар таълим истифода мешавад, аз рӯи доираи фаъолияти худ барои фаъолона аз худ кардани донишҳо кифоя нест, бинобар ин, зарурат ба методҳои омӯзиши фаъолона эҳсос мешавад. Вале имкониятҳои бархӯрди системавӣ дар раванди тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути воситаҳои худомӯзӣ, баланд бардоштани сатҳи азхудкунии маводи таълимӣ аз ҷониби онҳо ва ташаккули системанокии дурусти тафаккури онҳо хеле кам ба кор бурда мешаванд.

Аҳамияти ин бархӯрд дар раванди тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути воситаҳои худомӯзӣ аз он иборат аст, ки мафҳуми «система» назар ба мафҳумҳои «объект», «предмет», «ҳодиса» ва ғайра моро дарров ба фаҳмиши ҳамаи робитаҳои байни қисмҳое, ки ин мафҳумро ташкил медиҳанд ва ба муносибати ин объект ва ё ҳодиса бо муҳити беруна равона месозад. Минбаъд, ҳангоми баррасии ягон объект ва ё ҳодиса онро ҳамчун система меомӯзем.

**2. Бархурди фаъолият дар раванди тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ**

Дар мавриди ин бархӯрд дар раванди тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути воситаҳои худомӯзӣ қисми асосии кори хонандагонро ҳалли масъалаҳо ташкил медиҳад, яъне ёд гирифтани фаъолият, бахусус, намудҳои нави он:

- ✓ таълимӣ – таҳқиқотӣ;
- ✓ ҷустуҷӯӣ – тарроҳӣ;
- ✓ эҷодӣ ва ғайра.

Дар ин маврид донишҳои амалӣ натиҷаи кори масъалаҳое мегарданд, ки ба системаи оқилонаю самарабахш ва амалкунанда дароварда шудаанд. Ҳамзамон бо аз худ кардани фаъолият хонанда метавонад, системаи арзишҳои худро созад, ки аз ҷониби ҷомеа эътироф ва дастгирӣ мешаванд. Дар натиҷаи ин хонандагон аз истифодабарандагони ғайрифаъоли донишҳо ба субъекти фаъоли фаъолияти таълимӣ мубаддал мегарданд. Ҳамин тавр, ҳангоми ёд гирифтани ягон намуди фаъолияти инсонҳо хонандагон тавассути дарки фаъолияти таълимӣ ва ҳангоми ташкили мувофиқ ва интихоби муҳтаво барои таълим нахустин бор ҷойгоҳи худро дар ҳаёт, дар ҷомеаи хонандагон муайян мекунанд, ки минбаъд метавонад, роҳи муайяни ҳаракат дар зиндагиро барояшон нишон диҳад. Равшании фаъолият бо чунин бархӯрд дар раванди тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути воситаҳои худомӯзӣ асосноку амиқ ва мақсаднок будани тамоми раванди омӯзиш ба шумор меравад.

Мақсади ҳалкунандаи «омӯзиш тавассути фаъолият»-ро олими барҷастаи америкоии соҳаи педагогика Д. Дюи пешниҳод кардааст, ки принсипҳои асосии системаи ӯ аз инҳо иборатанд:

- ✓ ба назар гирифтани манфиатҳои хонандагон;
- ✓ таълим тавассути омӯзиши фикрҳо ва амал;
- ✓ идрок ва дониш – натиҷаи бартараф кардани мушкилиҳо;
- ✓ кори озодонаи эҷодкорӣ ва ҳамкорӣ [30:46].

Барои он ки рушди ҳаматарафаи хонандагон таъмин гардад, зарур аст, ки иштироки онҳо дар навъҳои гуногуни фаъолият ва муносибатҳои доимо вусъатёбанда – аз робитиҳои байни хонандагон дар синф сар карда то ҷалб намудани онҳо ба ҳаёти ҷамъиятӣ – сиёсии клонсолон ташкил карда шавад.

Ҷанбаи амалкунандаи фаъоли муҳтавои таълим дар раванди тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути воситаҳои худомӯзӣ дар он ифода меёбад, ки муҳтавои таълим меҳнат аст ва он алоқамандона бо

ҳалли проблемаҳо ва фаъолияти ғайратмандонаи муошират ҳамчун аз худ кардани меъёрҳои иҷтимоӣ ва дар шакли шифоҳию хаттӣ ифода намудани афкори худ сурат мегирад, яъне раванди таълим аз амалҳои зерин иборат аст:

1. Ҳамкорӣ.
2. Ҳаллли масъалаҳои марбут ба барқарор кардани робитаҳо.

Робитаи байниҳамдигарӣ дар ин маврид тарзи мавҷудият - муошират ва усули амал кардан бошанд, худи ҳалли масъалаҳо аст.

Дар яке аз асарҳо чунин гуфта шудааст: «Муҳити таълим фаъолиятест, ки аз ҷиҳати муҳтаво гуногун, сабабаш хонанда ва аз рӯи тарзи аз худ кардани фаъолият проблемавӣ ва шарти асосӣ барои ин муносибатҳо муҳити таълимӣ аст, ки дар асоси боварӣ, ҳамкорӣ, баробарии шарикон ва муошират ба роҳ монда мешаванд» [70:15]. Дар ҳамкории «омӯзгор – хонанда», «хонанда - хонанда» қабули инсони дигар, гурӯҳ, худро, андешаи дигар ва муносибатҳою далелҳои воқеият нақши муҳим доранд. Фаҳмишу қабули ҳамдигар онҳоро ба фаъолият, на ба ихтилофу моҷаро равона месозад ва дар маркази диққати хонандагон на проблема, балки ҳалли масъала тавассути муошират қарор мегирад.

Масъалаи мазкур дар рафти раванди тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути воситаҳои худомӯзӣ мушкил маҳсуб мешавад, ки ҳалли манфиати муқобилро талаб мекунад, яъне ман намедонам, ту метавонӣ, ман наметавонам, вале ман бояд донаму тавонам (ман ба ин чиз ниёз дорам). Ҳалли масъалаҳои иртиботу муошират дар раванди тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути воситаҳо ва усулҳои худомӯзӣ дар ибтидо коркарди зарурат (масъалан, дар шакли саволҳо) – ро ва сипас роҳи ҳалли он талаботро талаб менамояд. Субъект метавонад, онро худаш анҷом диҳад ва метавонад, ба нафари дигар муроҷиат кунад. Дар ҳар ду маварид ӯ муошират мекунад: бо худ ва ё бо дигарон. Ҷавобҳо ба саволҳо масъаларо ҳал менамоянд ва ё боиси ба вуҷуд омадани ягон масъалаи мушкилтар мегарданд. Барои ташкили

фаъолияти таълимӣ он масъалае аз ҷиҳати зеҳнию маърифатӣ ҷолиб мебошад, ки худи хонандагон ташнаи донистани он бошанд, яъне донистани онро хеле зарур мешуморанд. Эҳсоси зарурат ба аз худ кардани он маълумот доир ба масъалаҳои гуногуни воқеият ҳам кӯшиш ба васеъ кардани ҷаҳонбинӣ ва амиқтар гардондану ба низом даровардани донишҳо ба шумор меравад. Ин чунин фаъолиятест, ки мутаносиб ба таълаботи оқилонаи маърифатии хоси инсон буда, бо эҳсоси мусбати ботинии водоркунадаи худ фарқ мекунад, ки ба боварӣ ҳосил кардани хонандагон ва бо шавқу рағбати зиёд кор кардан аз болои масъалаҳои таълимӣ мусоидат мекунад ва дар муқобили сабабҳои водоркунандаю ҷалбкунада қарор мегирад. Бо вуҷуди ин мафҳуми масъалаи таълимӣ яке аз масъалаҳои марказӣ маҳсуб мешавад ва дар фаъолияти таълимӣ чунин масъала ҳамчун воҳиди раванди таълим зоҳир мегардад. Бо назардошти ин, Д. Б. Элконин қайд кардааст, ки «фарқияти асосии масъалаи таълимӣ аз ҳаргуна масъалаҳои дигар дар он зоҳир мегардад, ки мақсад ва натиҷаи он аз тағйир ёфтани худи субъекти амалкунада иборат аст, на аз тағйир ёфтани предметҳое, ки бо онҳо субъект сарукор дорад» [174:18].

Дараҷаи баланди проблемагузорӣ дар рафти тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути воситаҳои худомӯзӣ хоси чунин масъалаи омӯзишие мебошад, ки ҳангоми ҳалли он хонанда метавонад, корҳои зеринро анҷом диҳад:

- ✓ худаш ба таври мухтасар ва дуруст масъалаи мушкилро баён (муайян намояд);
- ✓ худаш роҳи ҳалли онро меёбад;
- ✓ худаш онро ҳал мекунад;
- ✓ дурустии ҳалли онро худаш месанҷад мекунад.

Ба ин тариқ, ба таври доимӣ ҳал кардани чунин масъалаҳои таълимӣ ба фаъолияти доимии мустақилонаи ҷустуҷӯӣ табдил меёбад ва худомӯзӣ ба фаъолияти саволгузорию инкишофдиҳанада мубаддал

мегардад, ки дар он моҳияти фаъолият мақсаднок равона гардидани ин фаъолият ба шахсият мансубият пайдо мекунад, ки шахс бояд ба ягон тарз дар натиҷаи анҷоми ин кор инкишоф ёбад.

**3. Бархӯрди шахсиятгароӣ**

Бархӯрди шахсиятгароӣ дар раванди тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути воситаҳои худомӯзӣ ин самтгирии методологӣ дар фаъолияти педагогӣ мебошад, ки имкон медиҳад, бо такя ба системаи мафҳумҳои бо ҳам алоқаманд, идеяҳо ва усулҳои амал кардан раванди фаҳмиши пурраи худ, ташаккули шахсияти кӯдак ва рушди сифатҳои нотакрори ӯро таъмин гардад.

Аввалан, бархӯрди ба шахсият нигаронидашуда ва ё шахсиятгароӣ дар рафти тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути воситаҳои худомӯзӣ бевосита ба қонеъ гардондани талабот ва манфиатҳои ҳар чи бештари кӯдак равона гардаидааст, назар ба муассисаҳои давлатию ҷамъиятие, ки бо кӯдакон сарукор доранд.

Дуюм, ҳангоми ба кор бурдани ин бархӯрд дар раванди тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ педагог кӯшишҳои асосии худро на ба тарбияи сифатҳои қолабии иҷтимоӣ дар кӯдакон, балки ба рушди сифатҳои шахсии нотакрори ҳар кадоме аз онҳо равона месозад.

Сеюм, ба кор бурдани ин бархӯрд дар раванди тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути воситаҳои худомӯзӣ тақсими ҳуқуқҳои инсон дар раванди таълиму тарбияро дар назар дорад, ки он ҳуқуқҳо барои танзими муносибатҳои субъкт – субъекти байни педагогҳо ва тарбиятгирандагони онҳо мадад мерасонанд. Инчунин фарқиятҳои дигар ҳам дар байни бархӯрди шахсиятгароӣ ва тамоюлоти пештараи методологӣ ҷой доранд.

Ба қатори **мафҳумҳои асосии бархӯрди ба шахсият нигаронида шуда ва ё шахсиятгароӣ** дар рушди тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути усулҳои худомӯзӣ метавон, инҳоро дохил кард:

**- хусусияти хоси шахс –** фарқияти нотакрори инсон ва ё гурӯҳи инсонҳо, ки дар онҳо ҳамоҳангии хусусиятҳои ягона, махсус ва умумӣ мавҷуданд, ки онҳоро аз шахсони дигар ва хусусиятҳои умумии одамони дигар фарқ мекунонад;

**- инсон** – мавҷуди системавии доимо тағйирёбандае мебошад, ки ҳамчун маҷмӯи устувори хусусиятҳои фард зоҳир мегардад ва моҳияти иҷтимоии инсонро муайян мекунад;

**- шахсияти арзишманд** – инсоне, ки огоҳона ва фаъолона хоҳиши беназир будани худро амалӣ месозад ва нисбатан пурратар имконияту қобилиятҳои худро зоҳир менамояд;

**- худзоҳиркунии ҳар кадоме аз мо** – раванд ва натиҷаҳои рушди фард ва зоҳир намудани сифату имкониятҳои танҳо хоси ӯ;

**- субъект –** фард ва ё гурӯҳи одамоне, ки ғайрати огоҳонаи эҷодӣ ва озодӣ дар маърифат доранд ва сифатҳои хубро касб карда, воқеияти атрофи худро тағйир медиҳад;

**- хусусияти хос** – сифати хоси шахси ҷудогона ва ё гурӯҳи одамоне, ки қобилияти мавҷуди нотакрор ва ё гурӯҳи мавҷудотро инъикос мекунад, дар андозаи фаъолнокӣ доштану озод будан дар интихоб ва амалисозӣ дар ҳаёт зоҳир мегардад;

**- Ман – консепсия (системаи ақидаҳо) –** маҷмӯи тасаввуроти инсон дар бораи худ, ки дар асоси он фаъолияти ҳаётии худ, муносибат бо одамони дигар, робита бо худ ва олами атрофро ба роҳ мемонад;

**- интихоб** – аз ҷониби инсони ҷудогона ва ё гурӯҳи одамон амалӣ гардидани имконияти аз якчанд чизҳо интихоб намудани варианти нисбатан афзалиятнок барои зоҳир намудани фаъолияту ғайрати худ;

**- дастгирии педагогӣ –** кори педагогҳо доир ба мадади пешгирикунанда ва фаврӣ ба кӯдакон дар ҳалли мушкилоти шахсии онҳо, ки бо вазъи саломатии ҷисмонӣ ва равонӣ, муоширaт ва пешрафти муваффақона дар фарогирии сифатҳо иртбот доранд.

Таълими ба шахсият нигарондашуда дар раванди тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути воситаҳои худомӯзӣ самтгирӣ ба омӯзиш, тарбия ва рушди ҳамаи хонандагон бо назардошти хусусиёти шахсии онҳоро талаб менамояд, ки аз инҳо иборатанд:

- ✓ хусусиятҳои синнусолӣ, физиологӣ, равонӣ, зеҳнӣ;
- ✓ талаботи омӯзишӣ, ки ба дараҷаҳои гуногуни мураккабии маводи барномавӣ, ки барои хонанда дастрас аст, равона гардидааст;
- ✓ ҷудо кардани хонандагон аз рӯи дониш ва қобилиятҳо;
- ✓ тақсим кардани хонандагон ба гурӯҳҳои яккхела: аз рӯи қобилият ва равияҳои касбӣ;
- ✓ муносибат ба ҳар як кӯдак ҳамчун шахсияти дорои хусусиятҳои нотакрор.

**4. Бархӯрди фарҳангшиносӣ дар раванди тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути воситаҳои худомӯзӣ**

Фарҳанг ҳаёти инсонро бо ҳамаи аниқиҳои бешак хоси он инъикос мекунад: ин аз лиҳози фалсафӣ, илмӣ, эстетикӣ, ахлоқӣ, диннӣ ва амсоли инҳо андозагирӣ кардани ин ҳастӣ мебошад. Ҳар гуна предмет, ашё ва ҳодиса дар худ дар шакли пинҳонӣ ин «андозагириҳо»-ро фаро гирифтааст ва ҳар як метавонад, ҳамчун олами хурди хоси худ зоҳир гардад. Ва омӯзиши онҳо (предмету ҳодисаҳо) аз ҷиҳати гуногунии робитаҳою муносибатҳои воқеии онҳо исботи ташаккули шахсияти ҷудонопазир ба шумор меравад.

Баробарии маълумот дар фарҳанг маънои онро дорад, ки илм дар пеши хонандагон на танҳо дар шакли натиҷаҳои арзишманди он, балки дар шакли таърихи донишҳои илмӣ, рафти ташаккул ва таҳаввули он ва нақши одамони таърихӣ дар рушди он ҷилвагар мешавад. Бигзор, ин порчаҳои таърихи илм бошанд, аммо барои ошкор кардани баҳси олимони гуногун, дидгоҳҳои гуногун, ки боиси дарёфти моҳияти асосӣ гардидаанд, муҳим арзёбӣ мешаванд. Зеро

вазъи баҳсҳои илмӣ қонунан андешаронихҳои озодона ва далеронаро тарбия мекунад.

Дар чаҳорчӯби бархӯрди фарҳангшиносӣ дар раванди тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавасути воситаҳои худомӯзӣ, албатта, мавқеи иштирокчиёни раванди тарбия, на танҳо мавқеи хонандагон, балки мавқеи омӯзгорон ҳам тағйир меёбад. Аз ин рӯ, ба кор бурдани бархӯрди шахсиятгароӣ имрӯз боисрор талаб карда мешавад. Равона намудани фаъолияти педагогӣ ба хонанда ҳамчун «инсони дарккунанда» ба самтгирии ба шахсият нигаронидашуда иваз мешавад, ки аҳамияти онро ҳамаи педагогҳо ва равоншиносон эътироф мекунанд, вале ин мафҳум маъноҳои гуногунро фаро гирифтааст. Дар адабиётҳои педагогӣ таърифи бархӯрди шахсиятгароиро ҳамчун бархӯрди инсондӯстона (иҷтимоӣ-ахлоқӣ), ки ба эҳтироми хонанда, сарфи назар аз ҳар гуна хислату рафтори ӯ нигаронида шудааст, дучор шудан мумкин аст. Чунин фаҳмиши ин мафҳум дар худ анъанаҳои қадимаи омӯзишро фаро мегирад ва хеле ҷолиб аст.

Бо ёрии бархӯрди маърифатӣ дар рафти тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути усулҳои худомӯзӣ дар ҳақиқат, дар байни матолиби зерин вобастагии тарафайн мушоҳида мешавад, ки аз нуқтаи назари педагогика муҳим арзёбӣ мешавад:

- ✓ байни интернатсионализм дар соҳаҳои асосии ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳанги дорои хусусиятҳои хоси ҷамъиятӣ;
- ✓ байни донишҳои муайяни шахсӣ ва ҳаҷми захираҳои фарҳангӣ;
- ✓ байни ба стандартҳо мувофиқ кардани таълим ва якхела набудани самтҳои фарҳанги иҷтимоии хонандагон;
- ✓ байни азнавсозиҳои фарҳанги иҷтимоӣ ва ойинҳои арзишӣ;
- ✓ байни ҷаҳонишавии таълиму тарбия ва фардикунонии таъсироти педагогӣ.

Бархӯрди фарҳангшиносӣ дар рушди тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути методҳои худомӯзӣ барои ошкор кардани роҳҳо ва самтҳои рушди мансубияти байнифарҳангии хонанда аҳамияти калон дорад. Дар бораи бархӯрди мазкур ҳамчун бахши назариявӣ – амалӣ дар соҳаи омӯзиши забонҳо он иловатан як қатор таъиноти иҷтимоӣ – педагогиро соҳиб мешавад.

Аввалан, бархӯрди фарҳангӣ дар раванди тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути воситаҳои худомӯзӣ омӯзишро бо асосҳои умуминазариявии рушди шахси бисёрзабонаро дар раванди омӯзиши забонҳо, фарҳанг ва зинаҳои рушди ҷомеа таъмин менамояд.

Дуюм, бархӯрди фарҳангӣ дар раванди тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути воситаҳо ва имкониятҳои худомӯзӣ таваҷҷуҳро ба самти арзишии муҳтавои маълумоти фарҳангшиносӣ тавассути методҳои омӯзиши ҷалб намуда, ҳаҷми таъсири иҷтимоии муоширатро бо забонҳои хориҷӣ таҳқиқ мекунад.

Сеюм, бархӯрди фарҳангшиносӣ дар раванди тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути воситаҳои худомӯзӣ имкон медиҳад.

Чорум, бархӯрди фарҳангшиносӣ дар раванди тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути методҳои худомӯзӣ имкон медиҳад, ки ба масъалаи интихоби маводи фарҳанҳшиносӣ ба мақсади таълимӣ ноил гардем.

Ба шарофати ба кор бурдани маводи фарҳангшиносӣ дар раванди тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути методҳои худомӯзӣ ҳамчун воситаҳои амалисозии вазифаи илҳомбахшии педагог, ташаккули чунин малакаҳои зеҳнӣ, ки ба хонанда имкон медиҳанд, мустақилона дар ҳаёт маълумоти зарурииро ҷустуҷӯ намояд ва вобаста аз вазифаҳои воқеии омӯзиш онро пурра ва азнавсозӣ кунад.

Ҳамин тавр, модели тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути методҳои худомӯзӣ дар шароити мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷузъҳои зерин иборат аст.




**Расми 1. Модели тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути усулҳои худомӯзӣ.**

Дар чаҳорчӯби бархӯрдҳои дар бола зикршуда дар раванди тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути методҳои худомӯзӣ мо ба принсипҳои зерин такя намудем:

- ✓ принсипи мукаммалии (комплексӣ) раванди таълуму тарбия;
- ✓ принсипи системанокӣ ва пайдарҳамӣ дар таълим;
- ✓ принсипи идрок дар фаъолият;
- ✓ принсипи идрок тавассути лоиҳаҳо ва супоришҳои эҷодӣ;
- ✓ принсипи ҳамкорӣ;
- ✓ принсипи ҳавасмандӣ;
- ✓ принсипи рушди муносибатҳои эҳсосотӣ – арзишӣ дар натиҷаҳои фаъолияти дигарон;
- ✓ принсипи аҳамияти фарҳангӣ;
- ✓ принсипи сабабҳои мусбат барои амал ҳангоми дарки фарҳанги бадеӣ.

## 2.2.Ташкили тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ дар оила

Халқ тарбиятгар ва халқ педагог аст. Асрҳо ва ҳазорсолаҳо ин ҷониб масъалаҳои зерин: андешидан, ҷамъоварӣ кардану ба наслиҳои оянда интиқол додани он чизи умумие, ки пояи тамоми инсониятро ташкил медиҳад ва он чизи хусусие, ки зоҳири ин ё он халкро ташкил медиҳад, ҳаллу фасл гардидаанд.

Дар ҷомеаи муосири тоҷик мақсади тарбияи шаҳрвандии хонандагон дар оила бо роҳи худомӯзӣ аз поягузории рушди муфассалу ҳаматарфаи шахсият иборат аст ва он асосҳои онро инҳо ташкил медиҳанд:

- ✓ зеҳнӣ;
- ✓ идеявӣ – сиёсӣ;
- ✓ ахлоқӣ;
- ✓ эстетикӣ,
- ✓ ҷисмонӣ;
- ✓ ба хонандагон ёд додани меҳнат, дар онҳо инкишоф додани шавқи ҳақиқӣ ба фаъолияти мустақилонаи эҷодӣ.

Тарбиаяи шаҳрвандии хонандагон бо усулҳои худомӯзӣ дар шароити оила ташкили фаъолиятҳои гуногуни хонандагон (бозиҳо, меҳнати хонагӣ, хондан ва ғайра), батадриҷ зиёд намудани ҳаҷми маълумот ва мураккаб гардондани муҳтавои он, пурзӯр намудани талабот нисбати хонандагон вобаста аз синну сол ва хусусиятҳои инкишофро дар назар дорад.

Тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ дар оила поягузорӣ мешавад ва минбаъд рушд мекунад. Дар синни хурдсолӣ инкишофи зеҳнӣ бо инкишофи ҷисмонӣ робитаи зич дорад. Хотира, диққат ва тахайюли хонандагон хусусияти гузаранда ва нобаста аз ирода дорад ва гӯё бо меҳнати онҳо пайвастагӣ дорад. Роҳи бисёр

дурусти рушди зеҳнии хонанда ин ворид намудани ӯ ба доираи беҳудуди фаъолиятҳои ба синни ӯ мувофиқ, муоширати ҳар чи бештар бо калонсолон ва кӯдакони синнашон калонтар, ки ба рушди нутқи мураттаб мадад мерасонад, ба шумор меравад.

Зарурат ба муҳиммияти тарбияи шаҳрвандии хонандагон дар оила бо ёрии суннатҳои мардумӣ баҳснопазир аст.

Даврони муосир ин давраи муносибатҳои нав аст. Дар давраи ҳозира барои ҷомеа одамоне заруранд, ки метавонанд, масъалоҳоро ба таври ғайриодӣ ва ғайримаъмулӣ баррасӣ ва тасмимгирӣ кунанд ва ба таври оқилона мулоҳиза ва андешаронӣ намоянд.

Дар давраи ҳозира, дар ҳолати ноустуворӣ дар ҷомеа зарурати бозгашт ба расму ойинҳои беҳтарини халқи мо, ба сарчашмаҳои чандинасраи он, ба чунин тасаввуроти абадӣ, ба мисли авлод, хеш ва Ватан ба миён омадааст.

Дар тӯли рушди чандинасраи таърихии инсоният идеали тарбияи шаҳрвандӣ ба вуҷуд омадааст. Одамон ҳама вақт дар бораи узви комили ҷомеа, пурра ба талботи ҷомеа мувофиқро оризу мекарданд. Чунин инсони идеалӣ бояд дорои сифатҳои фарқкунанда бошад, ки яке аз муҳимтарини онҳо дар ҳама давру замон ин «падари боодобу бовиҷдон ва ё модари хонавода» будан маҳсуб меёбад. Хислату хусусиятҳои волидон аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки оилаи онҳо чӣ гуна хоҳад буд ва аз зиндагии ин иттиҳоди хурдтарини одамон дар ҷомеа бақои ҳамаи давлатҳою халқҳо ва дар маҷмӯъ инсоният вобаста аст.

Дар вақтҳои охир масъалаи омадасозии насли наврас ба ҳаёти оилавӣ ва иҷрои вазифаҳои волидон, ба сабаби вайрон гардидани «мактаби хонаводагӣ», ки дар он тӯли тамоми рушду таҳаввули ҳаёти одамон одатан тарбияи волидони оянда сурат мегирифт, муҳим дониста мешавад.

Хусусияти хоси тарбияи шаҳрвандии хонандагон дар оила тавассути худомӯзӣ ҳамкории доимию ҳамарӯзаи калонсолон ва

хурдсолони оила бидуни муҷозоти онҳо ба шумор меравад. Дар оила хонанда вориди ҷараёни фаъолият мегардад ва дар рафти он донишҳои гуногунро аз худ мекунад, ки дар худ мафҳумҳо дар бораи табиат, инсон, ҷомеа, аз ҷумла дар бораи оила ва аъзоёни он, гузаштаи авлод, корҳои хонагӣ ва ғайраро фаро мегиранд.

Вазъи оилавӣ ба рушди эҳсосоти ӯ (ҳамдардӣ, ғамхорӣ, хурсандӣ ва шарики андӯҳи ҳамдигар будан), ки барои рушд ва устувор гардидани намунаи хуби оила дар шуури кӯдак заруранд, мусоидат мекунанд.

Муҳаққиқони муосир исбот мекунанд, ки образи оила дар кӯдак дар солҳои нахустини ҳаёти ӯ ташаккул меёбад. Вале санҷиши хонандагон нишон медиҳад, ки онҳо дар бори наздикони худ тасаввуроти ночиз доранд ва ба рағбату ҳиссиёт, рафтор ва машғулиятҳои аъзоёни оилаи худ хеле кам таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд.

Нокифоя будани муошират бевоситаи эмотсионалию шахсии волидон бо кӯдакон, ки сабаби асосиаш фаъолияти касбии волидон ва дигар калонсолони оила мебошад, боиси эҳсоси танҳоии кӯдакон мегардад, ҳол он ки онҳо дар оила дар байни волидон ва дигар пайвандони худ зиндагӣ мекунанд.

Оила дорои тартиботи муқарраргардидаи худ, эътибор, дидгоҳи худ ба ҳаёт, расму ойинҳо ва ҷашнҳои худ мебошад, ки тавассути онҳо халқ бақои худро таъмин менамояд, фарҳанги маънавӣ, хусусиятҳои психологияи ба худ хосро ба вуҷуд меорад ва аз насл ба насли дигар интиқол медиҳад.

Дар тарбияи шаҳрвандӣ дар оила тавассути худомӯзӣ анъанаи ба хонандагон додани донишҳо дар бораи баромади худ (шаҷараи авлодии худ) ва робита бо гузаштагони худ мақоми хоса дорад. Тамоми ахлоқи халқ, асосан, ба ҳифзи хусусиятҳои дохилии оила, ки бар пояи ҳисси хешигарӣ қарор дорад, равона гардидааст ва муттасилию робитаи байни наслҳо, ҳифзи шаъну эътибори оила ва эҳтироми гузаштагон ва умуман эҳтироми шахсони калонсол ҳам аз ҳамин иборат аст.

Ҳамаи ин чизҳое, ки дар мавриди аҳамияти оила дар тарбияи кӯдакон, аз ҷумла дар тарбияи шаҳрвандии онҳо дар боло зикр шуданд, дар «Қобусном»-и Унсурумаолии Кайковс (асри XI) низ оварда шудаанд. «Қобусном» аз 44 боб иборат буда, пур аз панду ҳикмат аст. Дар он нишон дода мешавад, ки чӣ тавр дар ҳолатҳои гуногуни ҳаёт бояд рафтор кард. «Қобусном» бо забони зиндаю бадеӣ, дар шакли ҳикоятҳои ба ҳам алоқаманд навишта шудааст ва яке аз ёдгориҳои хаттии насри бадеии фарсу тоҷик бо шумор меравад.

Масалан дар бораи эҳтироми падару модар мутафаккир чунин баён намудааст: «Бидон, эй писар, ки Офаридагор чун хост, ки ҷаҳонро ободон дорад, асбоби насли падид кард ва шаҳвати ҷонудипадару модарро сабаби вуҷуди фарзанд гардонид. Пас, аз мӯҷиби хирад бар фарзанд воҷиб аст, асли худро тааҳҳуд (нигоҳубин) кардан ва ҳурмат доштан ва асли ӯ ҳам падару мадар аст. Ва то нагӯйи падару модарро бар ман чӣ ҳақ аст, ки эшонро ғараз шаҳват буд, на мақсад ман будам. Ҳарчанд ғараз шаҳват буд, музоифи шаафи (хурсандии аз ҳад зиёд) эшон аст, ки аз баҳри ту хештанро ба куштан диҳанд. Ҳаққи камтари падару модар он аст, ки воситаанд андар миёни ту ва Офаридагори ту. Пас, бояд ки ҳамчунон ки Офаридагори худро ҳурмат дорӣ, воситаро дар хурди он ҳурмат дор. Ва он фарзандро, ки мудом хирад раҳнамуни ӯ бувад, аз ҳаққу меҳри падару модар холӣ набошад ва Худои аззу ҷал инҳоро аввалуламр мегӯяд ва ба як қавл дар тафсир чунин хондаам, ки аввалуламр модарон ва падаронанад, ки ҳақиқат амр ба тозӣ (арабӣ) ду аст, ҳам фармон аст ва ҳам кор аст. Ва аввалуламр он бувад, ки ӯро ҳам фармон бувад ва ҳам тавон. Ва падару модарро тавон аст ба парвардани ту ва фармон аст ба некӣ омӯхтани ту. Ва зинҳор, эй писар, ки ранҷи падару модар хор надорӣ, боиси дарди дили онҳо нашавӣ, зеро Офаридагор барои дарди дилашон сахт муҷозот мекунад ва дар Қуръони шариф мегӯяд: «Ва ба онҳо сухани носазо магӯ ва онҳоро аз худ дур макун, балки ба онҳо эҳтиромона сухан кун». Пас, ҳаққи модару падар,

агар аз рӯи дин нанигарӣ, аз рӯи хиради мардумӣ бингар, ки падару модар сабаби некиву асли парвариши нафси туанд. Чун ту дар ҳаққи эшон муқассир (гунаҳкор) бошӣ, чунон бувад, ки сазои ҳеҷ некӣ набошӣ ва он кас, ки вай ҳақшиноси некии асл набошад, некии фаръро ҳам қадр надонад. Бо носипосон некӣ кардан аз хирагӣ бошад ва ту низ хирагии худ маҷӯй ва бо падару модари худ чунон бош, ки аз фарзандони худ тамаъ дорӣ, ки бо ту бошанд. Зеро ки он, ки аз ту зояд, ҳамон тамаъ дорад, ки ту аз падар дорӣ, ки масали одамӣ чун масали мева аст ва модару падар чун дарахт. Ҳарчанд дарахтро тааҳҳуд (нигоҳубин) бештар кунӣ, мева накӯтар диҳад. Ва чун падару модарро ҳурмату озарм бештар дорӣ, дуову офарини эшон дар ҳаққи ту зуд мустаҷоб гардад ва ба хушнудии Худои аззу ҷал ва ба хушнудии эшон наздиктар бошӣ. Ва зинҳор, ки аз баҳри мерос марги падару модар нахоҳӣ, ки бе марги падару модар он чӣ рӯзии ту бошад, ба ту бирасад, ки рӯзӣ мақсум (тақсимшуда) аст, ба ҳар кас он расад, ки дар азал қисмат шудааст. Ту аз баҳри рӯзии худ ранҷ бисёр бар худ манеҳ, ки ба кӯшиш рӯзӣ афзун нагардад, ки гуфтаанд: ризқ ба кӯшиш вобастааст, на ба машаққат.

Ва агар хоҳӣ, ки аз баҳри рӯзӣ аз Худои аззу ҷал хушнуд бошӣ, ба касе манигар, ки ҳоли ӯ беҳтар аз ҳоли ту бошад, ба касе нигар, ки ҳоли ӯ аз ҳоли ту бадтар бошад, ки то доим аз Худои аззу ҷал хушнуд бошӣ. Ва агар ба мол дарвеш бошӣ, дар он кӯш то ба хирад тавонгар бошӣ, ки хирад аз тавонгарӣ беҳтар бошад, ки ба хирад мол тавон ҳосил кард ва аз мол хирад натавон ҳосил кард. Ва ҷоҳил аз мол зуд муфлис шавад ва хирадро дузд наметавонад бурдан ва обу оташ ҳалок наметавонад кардан. Пас, агар хирад дорӣ, бо хирад ҳунар омӯз, ки хирад бе ҳунар чун тане бошад бе ҷома ва шахсе бувад бе сурат, ки гуфтаанд: «Ал – адабу сурат – ул - ақли (адаб нишонаи хирад аст)».

Нақши модар дар оили аҳамияти калон дорад ва ивазнашаванда аст. Модар ягона шахсест, ки муҳаббати ӯ ба фарзандонаш олиҳиматона, беғаразона ва беинтио аст ва ӯ аз ҷиҳати хирад, таҷрибаи зиндагӣ ва

шуҷоат тааҷҷубангез ва беҳамто аст. Маҳз модар ба хонандагон некӯкорӣ ва муҳаббатро ёд медиҳад, нахустин сабақҳои инсондӯстӣ, муносибати самимӣ ба одамонро меомӯзад, зеро модар аз таъсири махсуси эмотсионалӣ, самимият ва гармӣ, мерубонӣ, ҳалимӣ ва ҳамдардӣ бархурдор аст. Модар оинаест, ки кӯдак ба он нигоҳ мекунад.

Дар ҳамаи давру замон хусусияти аз ҳама асосӣ ва ахлоқи баланди инсон меҳнатдӯстии ӯ ба шумор мерафт ва аз ин рӯ, меҳнат яке аз усулҳои тарбияи шаҳрвандӣ тавассути методҳои худомӯзӣ дар оила ба шумор меравад. Эҳтироми амиқ ба меҳнат ва одамони меҳнаткаш, аҳамияти он дар ҳаёти инсон дар ашъор адибони адабиёти форсу тоҷик ва зарбулмасалҳо инъикос ёфтааст, ба мисли:

Аз одами бекор Худо безор;

Шунидан кай бувад монанди дидин?

Олими беамал, занбури беасал;

Як задани оҳангар – сад задани сузангар;

Коркун яктангаю балегӯй сад танга;

Мард он касе, ки нагӯяду кунад;

Мард он касе, ки ба пешвози мушкилӣ меравад.

Тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзиро халқ бидуни кору меҳнат тасаввур намекунад. Дар оила хонандагон меомӯзанд ва ба ҳаёт, кори якҷоя бо волидон ва дигар нафарони калонсол омода мешаванд. Ба меҳнат кардан аз хурдсолӣ оғоз мекунанд. Дар оила ба ҳар як кӯдак, бо назардошти синнии ӯ, ягон намуди кор ёфт мешавад ва вай ҳатман ягон вазифаро иҷро мекунад.

Танҳо меҳнат асоси зиндагии гузаштагони мо буд. «Меҳнат мехӯронад ва танбалӣ камбағалиро меорад»;- мегуфтанд дар байни халқ. Мардон дар замин кор мекарданд, шикор мекарданд ва занон бошанд, корҳои хонаро иҷро мекарданд ва дар давраи ҳосилғундорӣ ба мардон ёрӣ мерасонданд. Қобилияту малакаҳои меҳнатӣ ва таҷриба инчунин аз насл ба насл интиқол дода мешуданд. Дар синни сесолагӣ, дар баъзе

халқҳо бошад, аз синни панҷсолагӣ хонанда соҳиби нахустин ҳақ –ҳаққи меҳант карданро соҳиб мешуд. Барои духтар хурд бошад ҳам, дастгоҳи бофандагӣ ва барои писарбача ягон олоти меҳнатро ҳадя мекарданд. Писарбача дар ҷамъоварӣ ва кашондани беда ёрӣ мерасонд, духтар бошад, ришта мересид ва сачоққҳои начандон калон мебофт. Ҳамин тавр, тавъам кардани тарбияи меҳнатӣ ва эстетикӣ як раванди табиӣ ба шумор мерафт.

Дар ҷашнҳо ва ё ҳодисаҳои дигари муҳим дар оила тақдими туҳфаҳое, ки бо дасти худ месохтанд, роиҷ буд. Идҳо дар насли нарас тасаввуроти ахлоқӣ ва эстетикиро тарбия мекарданд ва дар онҳо донишҳо дар бораи зиндагии атроф ба вуҷуд меоварданд ва барои ворид шудан ба ҳаёти иҷтимоии воқеӣ ёрӣ мерасонданд.

Имрӯз бедор намудани шавқу рағбат ба таърихи халқ ва фарҳанги миллӣ муҳиммияти махсусро касб кардааст. Одамон аз нав ба ҷашнгирии идҳои мардумӣ одат кардаанд. Пас ҷолибияти онҳо дар чист? Аввалан, пур аз ҳиссиёт будани онҳо. Дуюм, дар чигунагии онҳо, зеро ҳар як ҷашн ҳатман суханони табрикӣ, мусиқӣ, рақс ва навъҳои гуногуни бозиҳоро талаб мекунад. Сеюм, аз ҷиҳати имконоти зиёди тарбияи ахлоқӣ доштанашон. Чорум, ба ҳар як шахс зарур будани арзишҳои маърифатии онҳо.

Яке аз мавзӯъҳои асосии зарбулмасалу тарғиби ватандӯстӣ ба шумор меравад. Онҳо дорои маҷмӯи маслиҳатҳои муфиди ахлоқӣ мебошанд, ки ақидаи мардумро дар бораи инсон, ташаккули шахсият, тарбияи меҳнатӣ, мулоҳизакунӣ, тарбияи ҷисмонию ахлоқро инъикос кардаанд. Зарбулмасалҳо ифодаҳои кӯтоҳи образнок, хеле мухтасар, дақиқ, дорои калимаҳои кам, насиҳатомез ва зуд ҳифзшаванда мебошанд. Яъне худи асолати ин навъи эҷодиёти шифоҳии халқ ҳамчун воситаи таъсирбахши ҳам тарбия ва ҳам омӯзиш хизмат мекунад. Чунончи:

Мо барои худ не, барои Ватан таваллуд шудаем;

Барои мо падару модар, фарзандон ва хешу табор муқаддас аст, чунки ҳамаи инро меҳри Ватан дар диламон андохтааст.

Бояд Ватан барои мо аз худамон азизтар бошад;

Воситаи беҳтарини тарбия намудани муҳаббат ба Ватан дар хонандагонон он аст, ки ин муҳаббат дар дили падарони онҳо бояд ҷой гирифта бошад.

Воситаҳои махсусе, ки ба тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ таъсиргузор мебошанд, зарбулмасалу мақолҳо ба шумор мераванд. Мазмуни баланд ва ҳаҷми кӯтоҳи зарбулмасалу мақолҳо ба рӯҳу ҳиссиёти хонандагон таъсири амиқ мерасонанд. Манфиатҳои бо ҳам зид, ки дар онҳо ҷой доранд, имконпазирии шарҳи гуногуни онҳо барои эҷоди шароитҳои дорои мазмуни ахлоқӣ мусоидат мекунанд, ки дар кӯдак хоҳиши ёфтани ҳалли онро ба вуҷуд меорад. Вале дар замони мо ин навъи эҷодиёти мардумӣ дар тарбияи кӯдакон ба таври васеъ ба кор бурда намешавад ва ё имконоти тарбиявии онҳо пурра истифода намешавад. Мушоҳидаи кори баъзе педагогҳо нишон медиҳад, ки онҳо ба зарбулмасалҳо аҳамияти зарурӣ намедиҳанд ва онҳоро ҳамчун воситаи муҳимми тарбияи ватандӯстии насли наврас фарқ намекунанд. Дар тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути методҳои худомӯзӣ зарбулмасалҳо дар бораи Ватан, модар, забони модарӣ, табиати зодгоҳ аҳамияти махсус доранд, зеро онҳо аз ҷиҳати мазмун барои хонандагон фаҳмо ва дастрас мебошанд. Дар мавриди интихоби зарбулмасалҳои лозима бояд ба назар гирифт, ки онҳо бо фаҳмиши хонандагон ва кӯдакон мувофиқ бошанд. Беҳтар аз ҳама чунин зарбулмасалҳо дар бораи Ватан: «Дар олам зеботар аз Ватани мо нест»; «Ватани дӯстдошта модари азиз аст» ва амсоли инҳо аз худ карда мешаванд.

Муҳаббат ба Ватан ва муҳаббат ба модар ҳиссиёте мебошанд, ки бо ҳам робитаи ногзастанӣ доранд. Зарбулмасалҳо дар бораи зан – модар воситаи беҳтарини тарбияи муҳаббат ба шахси аз ҳама азиз –

модар маҳсуб меёбанд. Чунончи: «Аз офтоб гармӣ ва аз модар некӣ»; «Модар ивазнашаванда аст»; «Бахту некӣ аз модар меёбӣ» ва амсоли инҳо. Маҳз ҳикмати халқ метавонад, ба таври одӣ ва фаҳмо муносибати байни модару кӯдакони синни мактабиро нишон диҳад ва донишҳои кӯдакони синни то- мактабиро дар бораи ҳиссиёт ва корҳои модар зиёд намояд. Бо такя ба ин донишҳо муносибати хуб нисбати модар, муҳаббат ба ӯ барои кӯдак бештар фаҳмо мегардад. Муносибаи ба Ватан аз бисёр ҷиҳат аз ҳиссиёт ва таъсироте, ки онҳо аз бархурд бо табиат мегиранд, вобастагӣ доранд. Зарбулмасалҳо дар бораи табиат барои ба вуҷуд овардани шавқу муносибати эҳтиёткорона ба табиати зодгоҳ мадад мерасонанд. Масалан: «Бидуни соҳиб замин ятими кул аст»; «Замин ғамхориро дӯст медорад»; «Обу ҳаво хуб бошад, ҳосил ҳам хуб мешавад» ва ғайра.

Баррасии ин «миниётурҳои педагогӣ» имкон медиҳад, ки чунин хулос кард: рушди ҳиссиёти ватандӯстӣ дар хонандагон лозим аст ва дар ин кор зарбулмасалу мақолҳои халқӣ ҳар чи бештар истифода бурда шаванд.

Дар рафти тарбияи шаҳвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ ба маънои маҷозӣ ба кор бурдани калима, ки хусусияти образнокӣ ва таъсирбахширо соҳиб мешавад, аҳамияти калон дорад. Мақсади кор бо зарбулмасалҳое, ки дар таркибашон санъати маҷоз фаровон ба кор рафтааст, аз инҳо иборат аст: рушди диққат ва дарки сухани бадеӣ, қобилияти дар матн ёфтани саъати маҷоз, ҳосил намудани таҷрибаи фаҳмишу аз худкунии маҷоз, қобилияти дидану қадр кардани маънои пӯшидаи таъсирбахш, дар хонандагон инкишоф додани дарки мустақилонаю эҷодкорона ва бадеияти ашёҳо, ки барои ҷамъ овардани хулосаҳои равшан мадад мерасонанд.

Бисёр вақт дар зарбулмасалу мақолҳо санъати муболиға, ки аз ҷумлаи воситаҳои тасвири бадеӣ мебошад, ба кор меравад.Дар ин санъати бадеӣ чизҳо аз будаш зиёд ва ё кам нишон дода мешаванд.

Ҳангоми кор бо ин усули тарбия лозим аст, ки ба хонандагон нақши муболиғаи бадеӣ нишон дода шавад. Дар нутқи худ санъати муболиғаро ба кор бурда, мардум огоҳона таваҷҷуҳро ба аҳамияти чунин сифатҳо, ба мисли меҳнатдӯстӣ, шуҷоат, сабр ва ғайра ҷалб менамояд.

Бисёре аз зарбулмасалу мақолҳо барои мо калима ва ифодаҳое мерасонанд, ки дар замони мо хеле кам ва ё дар нутқи мо тамоман истифода намешаванд, яъне ба қатори архаизмҳо дохил шудаанд. Ба андешаи мо, бо чунин зарбулмасалу мақолҳо ҳам хонандагонро шинос крдан зарур аст, зеро онҳо инъикоскунандаи таърихи мо мебошанд. Масалан, метавон, супориши муайян намудани маънои калимаҳои кӯҳнашударо бо истифода аз луғати тафсирӣ супорид. Ин амал малакаи хонандагонро доир ба кор бо маводи маълумотдиҳанда инкишоф медиҳад.

Бешубҳа, рушди зеҳни кӯдакона кори ҳамешагӣ аст, ки дар вақти бозӣ ва машғулиятҳо бо калонсолон, муошировти ҳамарӯза бо волидон, иҷрои корҳои умумии хонагӣ, ҳангоми сайру гашт сурат мегирад. Амалҳои аз ҳама одӣ, ба мисли хӯрокхӯрӣ, шустушӯй, пӯшок пӯшидан ва ғайра ба кӯдакон донишҳои зиёд медиҳанд. Ҷавобҳои калонсолон ба саволҳои кӯдакон ва тавзеҳи онҳо хеле муҳим дониста мешаванд. Волидон таваҷҷуҳи хонандагонро ба ашёҳои олами атроф равона карда, ба онҳо дидану муқоиса ва таҳлил кардани онҳоро ёд медиҳанд.

Барои тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ бозиҳо ҳам хеле муҳим мебошанд. Чунин бозиҳое фоидабахшанд, ки дар онҳо предметҳои аз ҷиҳати шакл монанд, вале аз ҷиҳати ҳаҷм мутафовит ба кор бурда мешаванд, инчунин бозиҳо бо интихоби предметҳои дорои ранги интихобшуда ҳам дар ин кор фоидабахш дониста мешаванд.

Бозӣ бахши табии тарбияи шаҳрвандии хонандагон дар оила тавассути худомӯзӣ, асоси ҳиссиёти фараҳбахш бо шумор мервад, ки нерӯи бузурги тарбиявӣ дорад. Маҳз барои ҳамин дар кори худ мо ҳама

вақт бозиҳо, ҳам бозиҳои таълимӣ ва ҳам бозиҳои мардумиро, ба кор мебарем.

Дар бозӣ хонанда амалан таҷрибаи ахлоқии аллакай мавҷударо таҷдиди назар мекунад, дар бозӣ баъзан ба ҳар кас лозим меояд, ки бо хоҳиши худ аз дархостҳои худ даст кашад, андешаҳои худро бо хоҳиши дигарон мувофиқ гардонад, доир ба амалҳои якҷоя маслиҳат кунад, қоидаҳои бозиро қабул кунад, эҳсосоти худро идора намояд ва душвориҳоро бартараф намояд. Бозӣ софдилона арзёбӣ кардани дастовардҳои худ ва натиҷаҳои рафиқонро ёд медиҳад.

Бозиҳои халқӣ қисми ҷудонопазири тарбияи шаҳрвандии хонандагон ба шумор мераванд. Дар онҳо тарзи зиндагии одамон, меҳнату машаққати онҳо, асосҳои миллии мафҳумҳо, тасаввурот дар бораи шараф, шуҷоат, мардонагӣ, хоҳиши нерӯманду бурдбор будан, зоҳир намудани заковат ва сабру тоқат инъикос ёфтаанд. Хурсандии ҳаракат бо ғановати маънавии хонандагон якҷоя мешавад. Хусуияти фарққунандаи бозиҳои халқӣ дар рафти тарбияи шаҳрвандии хонандагон дар оила тавассути методҳои худомӯзӣ аз он иборат аст, ки онҳо асоси маънавӣ дошта, ба хонандагон ҳамоҳанг шудан бо олами атрофро меомӯзанд. Дар хурдсолон муносибати устувор, муносибати ҳавасмандонаю эҳтиромона ба фарҳанги кишвари худ тарбия меёбад ва асоси муносибати аз лиҳози эмотсионалӣ пурғановат барои рушди ҳиссиёти ватандӯстӣ ба вуҷуд меояд. Аз ҷиҳати мазмун бозиҳои халқӣ яксон, таъсирбахш ва барои хонанда дастрас мебошанд. Онҳо фаъолияти тафаккурро такон мебахшанд, ба васеъ шудани ҷаҳонбинӣ, аниқ кардани тасаввурот дар бораи олами атроф мадад мерасонанд. Дар охири бозӣ зарур аст, рафтори он хонандагоне, ки чунин сифатҳои наҷиб, ба мисли шуҷоат, чолокӣ, истодагарӣ ва дастгирии ҳамдигарӣ зоҳир намуданд, мусбат арзёбӣ гардад.

Дар мавриди ҳисси ватандӯстӣ бисёре аз бозиҳои нутқи шифоҳӣ ҳам ба кор бурда мешаванд.

Масалан, бозиҳои «Суханони ширин» (хонанда бо чашмони пӯшида муайян мекунад, ки сухани боэҳтиромонаро кӣ гуфт). «Гули суханони зебо» (хонандагон баргҳои гули худро мегузоранд ва сухани сеҳрнокро мегӯянд), «Дарёи одоб» (хонандагон ҷуфт – ҷуфт аз ақиби якдигар саф мекашанд, хонандае, ки танҳо дар қатори пеш истодааст, ягон сухани сеҳрнокро ба забон меорад ва ҷуфти худро интихоб мекунад), «Кӣ бисёртар мегӯяд»; «Табассумро ҳадя намо», «Ҷойҳоямонро иваз намоем» (онҳое, ки модарро дӯст медоранд, онҳое, ки ба модаркалон ёрӣ мерасонанд ва ғайра), «Ҳамсояатро таъриф кун», «Бозичаам дар бораи ман нақл мекунад», «Наздиконамро дӯст медорам» (хонанда танҳо бо ҳаракатҳояш нишон медиҳад, ки чӣ хел наздиконашро дӯст медорад).

Бозии таълимӣ доир ба тарбияи ахлоқию шаҳрвандӣ имкон медиҳад, ки фаъолияти гуногуни хонандагон: фикр кардан, ҳиссиёт, ҳамдардӣ, ҷустуҷӯи методҳои амалии ҳалли супоришҳои бозӣ, мутобиқ гардондани онҳо бо табиат ва ҳолатҳои бозӣ, муносибати хонандагон дар бозӣ ҳаматарафа ошкор карда шавад.

Бозии «Албоми оилавӣ». Бозии мазкур дар хонандагон иртибот ва ҳисси наздикӣ ва эҳтироми афзалиятҳои оилавиро таҳким мебахшад.

Бозӣ бо як кӯдак дар алоҳидагӣ гузаронда мешавад. Волидон ҳамроҳи ӯ албоми оилавиии кӯдакро аз назар мегузаронанд. Падар ва ё модар ба хонанда савол медиҳад: «Ин кист?», Наздикони ту чӣ ном доранд?, Шумо тобистон дар куҷо истироҳат кардед?, Киро аз ҳама бештар дӯст медорӣ?»

Оила метавонад, ба хонандагон дар тарбияи шаҳрвандӣ дар оила тавассути худомӯзӣ мадад расонад. Вақте ки аз ҷониби волидон ёрӣ ва назорат набошад, хонандагон бисёр вақт воситаю усулҳои ғайриқаноатбахш ва ҳатто нодурустро дар корҳои омӯзишӣ ба кор мебаранд, ки оҳиста – оҳиста ба азёдкунии одӣ ва бидуни фикрикунии

супориши таълимӣ оварда мерасонад, гарчанде чунин маводи таълимие ҳам мавҷуд аст, ки онро бояд дар хотир дошт.

Дар оила, ба мисли мактаб, хонандагонро ҳатман бояд бо роҳҳою методҳои кор, аз ҷумла қобиляти кор кардан бо хонанда, ёд дод.

Ҳангоми иҷрои вазифаи хонагӣ хонандагон дар рафти хондани китобҳои дарсӣ, адабиёти дигар калимаҳоеро дучор меоянд, ки маънои онҳоро намедонанд. Хонандагонро бояд бовар кунонд, ки ҳангоми дар рафти хондан дучор шудани калимаи нофаҳмо, зарур аст, ки барои маънидоди он ба нафари калонсол муроҷиат кунад. Бояд ҳар чи барвақттар ба хонанда истифодаи адабиёти маълумотдиҳандаро ёд дод. Ҳангоми санҷидани иҷрои вазифаҳои хонагӣ барои волидон лозим аст, на танҳо ба аз ёд кардан таваҷҷуҳ зоҳир намоянд, балки воқиф шаванд, ки кӯдак то чӣ андоза моҳияти мафҳумҳои навро фаҳмидааст.

Вазифаи оила дар тарбияи шаҳрандии хонадагон тавассути худомӯзӣ аз он иборат аст, ки хонандагони худро мақсаднок фаҳмидан ва истифода намудани сарчашмаҳои гуногуни дониш, арзёбӣ кардани ҳодисаҳои ҳаёти атроф аз нуқтаи назари синфӣ ва мавқеи сиёсати ҷумҳурии мо ёд диҳанд. Вазифаи волидон аз он иборат аст, ки ба корҳои ҷамъиятии фарзандони худ таваҷҷуҳи хоса зоҳир намоянд. Ҳар як далел дар ҳаёти мактабии писар ва ё духтар бояд дар оила қобили таваҷҷуҳ ва дастгирӣ бошад. Кори он волидоне шоҳистаи таҳсин аст, ки чунин ҳодисаҳои ҳаёти фарзандонро ҳамчун ҷашнҳои оилавӣ таҷлил мекунанд.

Воситаи хеле муассири рушди идеявӣ – сиёсии хонандагон дар оила тарбияи онҳо дар мисоли ҳаёт ва фаъолияти меҳнатии одамони бузург, ба мисли Рустам, Суҳроб, Деваштич, Муқаннаъ ва дигарон эътироф шудааст. Бештар вақт дар бисёр оилаҳо бо овози баланд мехонанд ва андешаи худро дар бораи рафтори қаҳрамононаи чунин одамон баён менамоянд. Сухан дар бораи одамони бузург, ки аз даҳони падар, модар, бобо, модаркалон шунида мешавад, таъсири махсус ба шуур ва ҳиссиёт хонандагон мерасонад.

Ҳунарҳои мардумӣ аз барои он воситаи таъсиррасон дар тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ маҳсуб меёбанд, ки дар онҳо устоҳои муосир сарчашмаҳои беҳудуди зебоӣ, ҳамоҳангӣ ва фоидабахширо меёбанд. Дар ҳунарҳои мардумӣ, ба мисли дигар санъатҳои ороишӣ, анъанаҳои роиҷ аллакай худашон меъёри зебоӣ ба шумор меравнд, он чизе, ки ҳамчун асос барои тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ зарур аст.

Ҳунарҳои мардумӣ замина ва асоси ҳар гуна фарҳанги миллӣ маҳсуб меёбанд, ки аз он риштаҳо бо ҳамаи намудҳои фаъолияти бадеии одамон равона мегарданд. Чунин асбобҳо, ба мисли чархи ресмонресӣ, чӯби намадмолӣ, сабад, сабадча, тирган, кокошник (як навъи тӯпӣ), тахтаи занҷабил, камон ва дигар асбобҳои маҳсули ҳунарҳои мардумӣ кайҳо аз истеъмол баромадаанд ва ҳамчун нигораҳо дар осорхона ҷой гирфтаанд.

Ҳунарҳои мардумӣ моҳияти мураккаб ва бисёрҷониба ба шумор меравнд. Ин мафҳуми амиқу густарда аст. Густарда аз он ҷиҳат аст, ки навъҳои зиёди ҳунарҳои мардумӣ – меъморӣ, мусиқӣ, рақс, фолклор, санъати хонагӣ ва амсоли ниҳо дар назар дорад. Муҳим аз ин ҷиҳат аст, ки ҳамроҳ бо халқ аст ва решаҳояш бо давраи қадим мерасад ва дар рӯзҳои мо ҳам инкишоф меёбад. Ҳанӯз дар шакли олотҳои сангии инсони ибтидоӣ, дар шакли фигураҳои одии геометрӣ ва нақшу нигорҳо дар крамикаи бостонӣ аломатҳои эҷодкорӣ дида мешавад, ки дар зиндагии мардум дар тӯли тамоми инкишофи таърихӣ сурат гирфтааст. Бо мурури замон давраҳои таърихӣ ва чандин насли одамон иваз шуданд, вале ҳама вақт дар мардум хоҳиши оро додан, беҳтар кардани зиндагии худ бо меҳнати хурсандибахш, ҳар чи бештар гуворотар кардани зингии пурмашаққати худ мавҷуд буд.

Махсусан, чизҳое, ки дар зиндагии рӯзмарра истифода намешуданд, яъне чизҳои идона ва мушахасан барои маросимҳои тантанавӣ ва маросимҳои халқӣ таъиншуда баъзан мураккаб ва

моҳирона оро дода мешуданд. Аз давраҳои қадим то рӯзҳои мо расми халқие мавҷуд аст, ки ба як тарзи муайян ҳамаи ҳодисаҳои муҳимми зиндагӣ қайд карда мешаванд. Дар оила ҳама вақт рӯзҳои таваллуд, тӯйи арӯсӣ ва ғайра қайд қарда мешуданд, дар меҳнат ва хоҷагидорӣ рӯзҳои тухмпошӣ, шудгор, дарав ҳамчун рӯзҳои тақвими зироаткорӣ, ки бо кишти гандум, ҷамъоварии ҳосилот алоқамад буданд, қайд карда мешуданд. Онҳо аз маросимҳо иборат буда, дар онҳо тантанаҳои калони мардумӣ сурат мегирифтанд, ки дар онҳо ҳамроҳ бо мусиқӣ, сурудҳо, расқсҳо, ашёҳои зиндагӣ ҳам нақши муҳим доштанд.

Дар тӯйҳо, масалан, дар рӯйи мизҳо кафлезҳои калони нақошӣ кардашуда дар шакли парандаи оббозикунанда ва ё руххо меистоданд, ки дар онҳо ба меҳмонон чой, май, оби ҷав, бӯза, кампот пешкаш мешуд. Дар гӯшаи ороишот дар хонаҳо сачоқҳои орододашуда бо нӯгҳои дарози гулдӯзишуда ва ё бофташуда овехта мешуданд. Костюми аз ҳама зебо зани одӣ танҳо як бор дар ҳаёт – дар рӯзи тӯйи арӯсӣ мепӯшид, вале онро то охири умр нигоҳ медошт ва баъдан ба духтар ва ё набера васият мекард.

Таҷрибаи кори устоҳои мардумиро фаҳмида ва бо онҳо суҳбат карда, ба мо муяссар гардид, ки аҳамияти умумии ақидаҳои онҳоро дар шакли чунин роҳнамоҳо барои тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ муайян намоем:

- ✓ ба ҳунарҳои мардумӣ машғул шуда, кӯшиш кардан зарур аст, ки на танҳо то ҳадди имконпазир методҳои техникӣ ва усулҳои ҳунарӣ дарк карда шавад, балки ба таври доимӣ дарки зебоии он инкишоф дода шавад, тавре ки мегӯянд, чашмро тарбия кардан зарур аст;
- ✓ иштирок намудан аз намоишҳои бадеӣ;
- ✓ дидан аз осорхонае, ки дар ноҳия ва маҳал вақеъ гардидааст, зеро, ки дар он ҷо бисёр намунаҳои зебои санъати наққошӣ мавҷуданд, инчунин аз осорхонаҳои расомӣ, таърихӣ, кишваршиносӣ – этнографӣ низ дидан кардан зарур аст;

✓ бояд китобу маҷаллаҳоро хонд ва албомҳоро тамошо кард;

✓ муҳаққиқ будан ва ҳар вақт хоҳиши фаҳмидани онро кардан зарур аст, ки ба кадом роҳҳои бадеӣ ва техникӣ, донишу маҳорати худро такмил додан мумкин аст;

✓ зарур аст, ки бо устодони муассисаи ҳунарҳои бадеии мардумии ноҳияву минтақа робита дошта бошем;

✓ ҳангоми мушоҳидаи кор кӯшиш кардан, маслиҳатҳои фоидабахш гирифтан лозим аст;

✓ муҳим аст, ки нашрияҳои оммавӣ дар бораи ҳунарҳои мардумӣ пайгирӣ намоянд;

✓ зарур аст, ки доимо усулҳои навъи коркард ҷустуҷӯ карда шаванд, дар кори худ тавъам бо кор бурдани маводи мухталиф таҷриба карда шавад ва мувофиқи имкон ҳар чи бештар таҷриба карда шавад. Танҳо ҳамон вақт метавон, ба таври пурра хурсандии воқеии эҷодкориро эҳсос кард ва аз он чӣ, ки шумо бо муҳаббат бо дастони худ меофаред, ба одамони дигар ҳам фараҳ мебахшад.

Ба ин тариқ, дар рафти тарбияи шаҳрвандӣ тавассути методҳои худомӯзӣ корҳои кӯдаконаро метавон, ба чанд навъ ҷудо кард:

- меҳнати хоҷагидорӣ ва маишӣ: худхизматрасонӣ, нигоҳубини манзили зист ва ашёҳо, ёрӣ ба калонсолон дар тайёр намудани хӯрок;
- меҳнат «дар табиат»- рӯёндан ва нигоҳубини растаниҳои хонагӣ, кишт ва шинондани растаниҳо дар гулдон, полез, боғ ва нигоҳубини ҳайвоноти хонагӣ;
- меҳнати дастӣ (сохтани баъзе қисмҳо): сохтани бозичаҳо ва маснуоти одӣ аз коғаз, картон, аз маводи табиӣ, кандакорӣ дар чӯб.

Эҷодиёти шифоҳии мардумии тоҷикон, ки таърихи ҳазорсола дорад, ғанӣ ва гуногун аст:

✓ ҳамосаи қаҳрамонӣ;

✓ сурудҳои меҳнатӣ (ба мисли «майдаё майда»);

✓ сурудҳои сари гаҳвора;

- ✓ сурдҳои маросимӣ - тақвимӣ;
- ✓ сурдҳои маросимии ҷашнҳо;
- ✓ сурудҳои мардумии мотамӣ.

Дар байни мардум рубоӣ ва афсонҳо (сеҳрнок ва ҳаҷвӣ) шуҳрати калон доранд, бисёр вақт ҳикояҳои ҳаҷвӣ – латифаҳо вомехӯранд. Гурӯҳи калони сурудҳои қаҳрамонӣ бо номи «Гуруғлӣ» бо дутор суруда мешуданд. Ривояти қаҳрамонии халқии тоҷикӣ – «Гуруғлӣ» асари бузургест. Дар иҷрои беҳтарин хонандагони ин ривоят он зиёда ба сад ҳазор мисраҳои қофиядор иборат аст. Сарояндагони ин асари ҳамосавӣ дар байни мардум шуҳрат ва маҳбубияту эҳтироми зиёд доштанд.

Чандин силсилаи афсонаҳои халқии тоҷикӣ эҷод шудаанд. Қаҳрамони ҳикояҳои ҳаҷвӣ (латифаҳо) Мушфиқӣ ба муқобили зулми феодалӣ ва бе- ҳуқуқи халқи меҳнаткаш мебарояд. Нахустобрази ин қаҳрамон шоир Мушфиқӣ буд, ки дар нимаи дуюми асри XVI зиндагӣ кардааст.

Решаи адабиёти тоҷик бо эҷодиёти шифоҳии пешгузаштагони хеле дури халқи тоҷик, офаринандагони қадимтарин ривоёти қаҳрамонӣ пайваст мешавад. Яке аз қаҳрамонҳои дӯстдоштаи ҳамосаи тоҷикӣ Рустам ба шумор меравад. Баъзе сюжетҳои марбут ба ин қаҳрамон дар ёдгориҳои хаттии суғдие, ки ба асрҳои нахустини мелодӣ мансуб буда, то ба замони мо расидаанд, маҳфуз мондаанд. Қаҳрамонҳои ҳамосаҳои қадимтарин ба воситаи ривоёт ба адабиёти классикии тоҷик, аз ҷумла ба назм, ки ҳанӯз дар давраҳои аввали пайдоиши он – асрҳои IX-X, дар давлати Сомониён, ворид шудаанд.

Рӯ овардан ба суннатҳои мардумӣ аз оила, аз тарбияи хонавода оғоз меёбад. Воситаҳои фолклори халқии тарбия дар мактаб ҳам истифода бурдан мумкин аст ва онҳо бояд аз нахустин қадамҳои хонандагон ба мактаб мавриди истифода қарор гиранд.

Мусиқии халқии тоҷикон бой ва гуногунранг аст. Дар он зиндагии халқ, маишат, фаъолияти меҳнатӣ, муборизаи ҷамъиятӣ, расму оину

ахлоқ ва хусусиёти хоси он тасвир ёфтааст. Аз рӯйи сатҳҳои мусиқӣ онро шартан бо се сабк ҷудо мекунанд: шимолӣ (вилояти Суғд), марказӣ – кӯҳистонӣ (Ҳисор, Кӯлоб, Ғарм) ва помирӣ (вилояти Кӯҳистони Бадахшон). Ба сабки шимолӣ фарҳанги мусиқии Бухоро, Самарқанд ва ноҳияҳою вилоятҳои ба инҳо ҳамсарҳад (вилояти Қашқадарё ва Сурхандарё) қаробат доранд, вале бо вуҷуди он хусусиятҳои фарққунанда ҳам доранд. Мусиқии мардумии тоҷикӣ дорои жанрҳои зиёд: ҳамосавӣ, меҳнатӣ, маросимӣ, (мавсимӣ, тӯёна, мотамӣ ва ғайра), сурудҳои лирикӣ (шартан номгузорӣ шудаанд), инчунин мусиқӣ бо асбобҳо.

Ривояти қаҳрамонии «Гуруғлӣ» дар шакли ҳамосаи мусиқӣ – назмӣ эҷод шудааст ва аз тасвири корномаҳои шарвандӣ саршор аст. Ин асар дар Тоҷикистони марказӣ вуҷуд дорад. Назму мусиқии он таъсирбахш мебошанд. Онҳо ба амиқии психологӣ ва андозаи эҳсосот фарқ мекунанд. Дар «Гуруғлӣ» ҳисси зебоӣ бо дурустии иҷро ва қоидаҳои хусусиятҳои услубии эпос тавъам омадаанд. Хушоҳангии «Гуруғлӣ», хусусияти нақлию тиловатии он, ки паси ҳам бо хондани сурудҳо иваз мешаванд, дар чаҳорчӯби квартаҳою квинтаҳо (фосилаҳо дар мусиқӣ) инкишоф меёбад. Бештари образҳои қаҳрамонон, инчунин муҳтавои порчаҳои ҷудогона (ҷанги аскарон, тасвири хурсандиҳои тӯй) дар баъзе байтҳо- лаҳзаҳои асосӣ равшан равшан зоҳир мегарданд. «Гуруғлӣ» бо садои ҳалқии тавассути фишори овоз ҳосилшуда сароида мешвад.

Сурдҳо бо мавзуъҳои меҳнати кишоварзон ва ҳунармандон робитаи наздик доранд. Ҷолиб аст, ки ҳангоми хирманкӯбӣ, барзаговҳоро дар доираи хирман оҳиста ронда, деҳқон суруди ғамангези «майдаё - майда» – ро (дар ноҳияҳои шимол ин суруд «хуп – хуп ном дорад») месарояд. Дар он ҳам шикоят аз қисмати бади худ ва ҳам андешаронӣ дар бораи ҳаёт ва ҳам талхии муҳаббати яктарафа ифода ёфтаанд. Образҳо ва шакли суруди «майдаё - майда» аз байтҳои ҷудогонае, ки баъзан аз рӯйи мавзӯи лирикӣ ҳам бо ҳам алоқаманд нестанд, таркиб ёфтаанд. Чунин байтҳо аз ҷиҳати мавзӯъ хеле

гуногун мебошанд. Васегии оҳанг дар ҳудуди кварта ва кивинтаи холис бо рӯҳияи ғамангез маҳдуд мешавад. Одатан оҳанг аз як таркиби мутаҳаррик ва бофти ритмикӣ иборат мебошад. Дар оҳанг нолаи зиёд аст, ки рӯҳияи андӯҳи беандозаро ифода мекунад. Машғулияти меҳнатии тоҷикон дар сурудҳои чӯпонон ва дар сурудҳои меҳнати занонаи хонагӣ ба таври бадеӣ таҷассум ёфтааст. Масалан, «Ашӯлаи бофанда» мисоли барҷастаи чунин сурудҳо мебошанд.

Доираи сурудҳои маросимӣ ҳам хеле калон аст. Чунин сурудҳо аз рӯйи мавсим ва замони истифода гурӯҳбандӣ мешаванд. Масалан, сурудҳое, ки дар омад – омади баҳор суруда мешаванд (гулгардонӣ, бойчечак, сайри гули лола, наврӯз). Баъзе аз инҳо дар шакли сурудҳои бачагона боқӣ мондаанд. Кӯдакон ва наврасон тӯда шуда дубайтиҳоро месароянд, ки дар анҷоми онҳо «бойчечак, бойчечак, бойчечак» гуфта мешавад ва бо гулдастаи гули бойчечак (гули сияҳгӯш) ба хонаҳои сокинони деҳа мераванд. Оҳанги суруди «бойчечак" тарҳи дақиқ талафузшаванда дорад. Дар дарёфти дараҷаи баланди оҳанг, ки ба калимаи «бойчечак» рост меояд, лаҳни фарёд ба вуҷуд меояд, ки шартан пасткунандаи матни суруд аст.

Суруди «Суманак» дар маросими пухтани «суманак» дар ҷашни Наврӯз аз ҷониби гурӯҳи занон сароида мешавад. Наврӯз аз ҷиҳати вақти баргузорӣ ба рӯзи баробаршавии шабу рӯз дар фасли баҳор рост меояд. Маҳз дар ин рӯз маросими сайл дар боғҳои атроф баргузор мегардад. Хурсандии идона бо сароидани сурудҳо, рақсу бозиҳо ва вақтхушиҳо (гуштингирӣ, арғамчинакбозӣ, фолбинӣ доир ба ҳосили нав ва ғайра) сурат мегирад. Дар ноҳияҳои шимолии Тоҷикисон то вақтҳои охир маросими қадимӣ бо номи «сайри гули лола» вуҷуд дошт. Дар гирди дарахтоне, ки бо гули лола оро дода шудаанд, роҳпаймоӣ бо машъал баргузор мегардид. Дар ин давра мардон сурудҳое месароиданд, ки се нақш доштанд – «нақши калон», «нақши миёна» «нақши хурд». Ин нақшҳо дар вақти сафари тӯйӣ ҳам иҷро мегардиданд.

Дар баъзе ноҳияҳои иқлимашон хунук суруди маросимии даъвати борон ба номи «Сусхотун» (дар ноҳияҳои шимол) ва «Ашагулон» (дар минтақаи Кӯлоб) мавҷуд аст.

Навъи тамоман дигари сурудҳои маросимӣ ба гурӯҳи сурудҳои оилавӣ – ҳаётӣ (ба муносибати таваллуди кӯдак, сурудҳои тӯёна, мотамӣ) мансуб аст.

Таваллуди кӯдакро зочабозон бо асбобҳои мусиқии сурнай, карнай, нақора ва дойра хабар медиҳанд. Суруди махсуси «Бача, бача, ҷон бача» ба ин муносибат дар Бухоро суруда мешавад. Дар минтақаи Кӯлоб ба муносибати таваллуди кӯдак маросиме баргузор мегардад ва дар он суруди «Гаҳворабандон» суруда мешавад. Дар тӯйи хатнаи писар баробари сурудҳои тӯёна наътхонӣ ва муноҷот ҳам сурат мегирад.

Сурудҳои тӯйёна, ки дар маросимҳои тӯй суруда мешаванд, хурсандии ҳамагониро ба вуҷуд меоранд. Чунин сурудҳо тақрибан ба се гурӯҳ ҷудо мешаванд: сурудҳое, ки дар вақти тарошиадни сари домод суруда мешаванд. («Устои ланги сартарош»), дар баъзе ноҳияҳо (минтақи Кӯлоб) ҳангоми шустани сар ва бофтани мӯйи арӯс, сурудҳое, ки ҳангоми сафари домод ба хонаи арӯс ва дар бозгашт сароида мешаванд («Нақши мулло», «Ёр - ёр», дар Помир суруди «Шоҳ муборак боде» ва ғайра); сурудҳои дигар дар хонаи нишасти занҳо дар тӯй суруда мешаванд. Ин сурудҳо аз мухаммас, сурудҳои лирикӣ бо рақс дар зери садои доира иборатанд.

Ба оҳангҳои маросими мотам хусусиёти бедоркунии ҳиссиёт хос аст. Онҳо ба маросимҳои гуногуни мотам, аз ҷумла маросими дафн, ҷудо мешаванд, ба мисли садр (ноҳои дигари ин ҷаҳр, санаҳ); дар Помир – силсилаи «фалак» (дар ноҳияи Ишкошим бо номи «фарёд», дар ноҳияи Ванҷ бо номи «нола»).

Суруди лирикӣ жанри аз ҳама машҳур дар мусиқии овозӣ ба шумор меравад. Дар он андешаҳо доир ба лаҳзаҳои гуногун, ҳиссиёти ошиқона, рӯҳияи ватандӯстӣ дар сурудҳои озодидӯстӣ дар бораи Ватан, андӯҳ аз танҳоӣ, ҳаҷви ҳақиқӣ баён шудааст.Бо вуҷуди гуногунии мавзӯъ дар чунин

сурудҳо мавзӯи асосӣ ҳамоно мавзӯи лирикӣ – ишқӣ бо шумор меравад, ки ба таври воқеӣ бештар аз ҳама дар жанри ашӯла бо назм дар шакли ғазал ифода меёбад. Сурудҳои лирикӣ бо оҳанги гуворо бо истифодаи авҷ (кулминатсия) фарқ мекунанд. Ба лирика метавон, сурудҳои лирикӣ дар мавзӯи динӣ (оят, наът, дар Помир – муноҷот, маддо - мадҳия) – ро низ дохил кард.

Яке аз навъҳои сурудҳои лирикӣ байт маҳсуб мешавад. Сохтори мусиқии он ба вазни он алоқаманд аст. Метроритмикаи оҳанг тарҳи беихтиёронаю ногаҳонӣ дорад. Мавҷуд набудани хати васеи мелодӣ бо боигарии тобишҳои милизматикӣ «ҷуброн» мешавад.

Услубан байтҳое, ки онҳоро мардон месароянд, аз байтҳое, ки занон месароянд, фарқ мекунанд. Ҳар як байт бо анҷоми фарққунанда бо садои «о - я» ва ё «он» хотима меёбад. Ба байтҳо рубоиёт, фалак (минтақаи Кӯлоб ва Помир) монандӣ дорад. Дар ин росто сурудҳои занон (дар Помир – «даргилик ва ё даргилак» ва «булбулик»), аз ҷумла сурудҳои сари гаҳвора – алла (дар Помир – «лалайик») ҷойгоҳи хоса доранд.

Дар Тоҷикистон оила ва дин байни худ чунон робитаи наздик доранд, ки оила метавонад, ҳамчун ҳомили «табиӣ» – дин ва ҳамчун созмони динӣ фаҳмида шавад.

Дар бисёре аз ҷамъиятҳо расму оини динӣ дар доираи оила гузаронда мешуданд ва оташи оташдони хона муқаддас дониста мешуд. Дар давраи ҳозира оила ин макони муҳимме дониста мешавад, ки дар он ҷо маросимҳои динӣ анҷом дода мешаванд, вале бо вуҷуди ин зарур аст, донем, ки он чизе, ки мо имрӯз оила меномем, куллан аз он оилае, ки дар ҷомеаҳои қадим буд, фарқ мекунад.

Дар раванди инкишоф, ба табақаҳо ҷудо шудани аҳолӣ дар дохили давлат ва ниҳодҳои ҷамъиятии ба ин алоқаманд ба ду соҳа – шахсӣ ва ҷамъиятӣ ҷудо шуданд. Оила аз бисёр ҷиҳат хусусиятҳои ташкилоти ҷамъиятиро, ки дар гузашта дошт, аз даст дод ва бештар ба масъалаҳои ҳаёти шахсӣ машғул шуд. Эътиқодоти динӣ ва амалҳои динӣ дар ҷомеаи

муосир то андозае интихоби шахсӣ ва кори шахсӣ доир ба тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ мегардад. Имкон дорад, ки маҳз бо ин чунин ҳолате алоқамад аст, ки имрӯз барои бисёриҳо дар навбати аввал он маросимҳои диние ҷолибанд, ки ба ҳодисаҳои ҳаёти оилавӣ робита доранд. Бисёр одамон имрӯз мехоҳанд, дар симои оила такягоҳи асосию халалнопазири дини муттаҳид дар шакли ибтидоии он бинанд.

Ҳамзамон бо ин, пеш аз ҳама, дар шуури ҷамъиятӣ доир ба арзёбии муҳиммият, аҳамият ва зарурати анҷоми маросимҳои динӣ ба муносибати чунин ҳодисаҳое, ба мисли таваллуди кӯдак, акди никоҳ ва фавт тағйироте бо вуҷуд омадааст.

Инак ба баррасии масъалаҳои муносибати дину оила ба тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ мепардозем. Дар ин марид фаҳмиши оила аз нигоҳи дин ва таълимоте, ки ба ҳаёти оилавӣ тааллуқ дорад, яъне нуқтаи назари меъёрӣ ба дин ва оила, ба тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ дар мадди назар гирифта мешавад.

Дӯст доштани замине, ки дар он инсон тавллуд шуда, ба воя расид ва бо он ҳамаи хотирот алоқаманданд, бо он замине, ки одат кардааст ва дилаш барои он месӯзад, хусусияти табиати инсонӣ ба шумор меравад. Вақте ки Расули Аллоҳ (с) тарки Мадина кард, бо ҳасрат гуфт! «...Савганд ба Аллоҳ»! .... Агар маро аз ин ҷо намеронданд, ман туро тарк намекардам «(Аҳмад, ат – Тирмизӣ ва дигарон)».

Ба ҳамин монанд ҳар кадоме аз мо ватани худро самимона дӯст медорад. Дӯст медорем шаҳреро, ки дар он таваллуд шудаем; дӯст медорем кӯчаеро, ки дар айёми кӯдакӣ дар он медавидем; забони модарии худро дӯст медорем; халқи худро дӯст медорем. Ва дар ин росто аз нуқтаи назари ислом ягон чизи имконнопазир вуҷуд надорад.

Вале саволе ба миён меояд, ки оё Ватан ин танҳо деҳаи ту, танҳо шаҳри ту, танҳо кишвари ту аст? Мусаллам аст, ки мафҳуми ватан он қадар одӣ нест. Зери мафҳуми ватан чиро метавон фаҳмид? Давлатро? Ҷой ва

муҳити зиндагии халқи худро? Он замине, ки дар он таваллуд шуда, ба воя расидӣ? Фарҳанг, расму оин ва таърихи сарзамини худро?

Мусаллам аст, ки барои давлат заруар аст, ки таҳти ватан танҳо худи он фаҳмида шавад, зеро дар ин маврид ҳаққи мансубияти расмӣ ба вазифаҳои худ доштаи мансабдорон ва қишри болоии ҳукмрони ҷомеа ва ҳаққи аз номи ягон халқ ва кишвари он намояндагӣ кардан дар назар гирифта мешавад.

Тибқи суннатҳои исломӣ, Ватан ин ҷое дар замин аст, ки дар он ҷо шаҳрванд таваллуд шудааст ва танҳо бо он ҷо забони модарии ӯ, фарҳанг, суннатҳои маишат ва расму оини халқи ӯ, гуногунии табиати атроф алоқаманд аст, Ҳисси ватандӯстӣ (тибқи суннатҳои исломӣ) бо мафҳуми ватан алоқаманд аст. Ватандӯст ин шахсест, ки ба хотири замини ватанаш, халқи азизи кишвараш ва Ватани худ омода аст, ки ҷонашро нисор кунад. Ватандӯстӣ ин хусусиятест хоси шахси ватандӯст, ин ҳиссе аст, ки бо муҳаббат ба ватану халқи азизи худ алоқамад аст.

Бо назардошти ин, метавон бо боварӣ гуфт, ки ҳисси ватандӯстӣ табиатан дар худ муҳаббати беандоза ба ватини худ, забони модарӣ, табиати атроф, анъанаҳою фарҳанги миллиро фаро гирифтааст. Бештар вақт ин ҳис бар ҳиссиёти мураккабу ба ҳам зид ва ҳиссиёти равонӣ ғалаба менамояд. Ин ҳис бо мафҳуми «қаҳрамонӣ» ҳамоҳанг аст.

Худфидокунӣ дар кӯшиши мақсаднок баҳри ғояҳои олӣ, устуворӣ ва нотарсӣ дар роҳи дарёфти онҳо зоҳир мегардад. Он сабру тоқат, истодагарӣ ва фидокорӣ дар роҳи ноил гардидан ба мақсадро талаб менамояд.

Ба мисли дигар халқҳо, барои тоҷикон ҳам чунин сифатҳои хуб, аз қабили шуҷоат ва қаҳрамонӣ хос аст. Махсусан, ин бо таври равшан дар ҳимояти ватан аз душманон ва дар меҳнат зоҳир мегардад. Шуҷоат ва далерӣ хислатҳое мебошанд, ки мо бояд аз онҳо ифтихор кунем.

## 2.3. Самарабахшии мундарича ва модели тарбияи шахрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ

Дар ин бахш масъалаҳои зерин ҳаллу фасл гардиданд:

- ✓ ошкор кардани шароитҳое, ки барои ташаккули ҳамаи сатҳҳои тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути имкониятҳои худомӯзӣ ёрӣ мерасонанд;
- ✓ тавзеҳи рафти тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути воситаҳои худомӯзӣ;
- ✓ муайян кардани амали рушди тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути методҳои худомӯзӣ дар ҳамаи марҳилаҳои корҳои таҷрибавӣ-мушоҳидакунӣ;
- ✓ тасдиқи методикаи рушди марҳила ба марҳилаи тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути воситаҳои худомӯзӣ;
- ✓ таҳлил ва ҷамъбасти натиҷаҳои озмоиши мушаххас;
- ✓ ба таври мухтасар ва дақиқ баён кардани пешниҳодҳо ва баррасиҳо доир ба корбурди намунаҳои таҳрбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути усулҳои худомӯзӣ.

Озмоиши педагогӣ дар заминаи муассиаҳои таҳсилоти миёнаи умумии № № 89, 82, 54,67-и ш. Душанбе, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №№ 81,45, 66, 40,34-и ноҳияи Ҳисор ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №№ 1, 53,28, ва 40-и ноҳияи Варзоб гузаронда шуд. Ҳамагӣ дар таҳқиқот 542 нафар омӯзгор, 152 нафар волидон ва 20145 нафар хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ширкат варзиданд.

Дар рафти озмоиш мо методикаи ҳаматарафаро ба кор бурдем, ки дар худ ягонагии методҳое, ки дурустии тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути усулҳои худомӯзиро таъмин менамоянд, фаро гирифта буд ва он методҳо аз инҳо иборатанд:

- ➢ мушоҳида;
- ➢ санҷиши тестӣ;

- ташхиси компютерӣ;
- суҳбат;
- ҳалли масъалаҳои педагогӣ;
- таҳлили ҳолатҳои педагогӣ;
- иҷрои супоришҳои инфиродӣ;

Тибқи вазифаҳои муайянгардида, омӯзиши илмӣ дар се марҳила гузаронда шуд:

1.Муайянкунӣ.

2.Ташаккулдиҳӣ.

3. Назоратӣ.

Тамоми корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ якҷоя бо омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи таҷрибавӣ дар чанд марҳила гузаронда шуд (Ҷадвали 1).

Ҷадвали 1.

Марҳилаҳои корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ

| Марҳилаҳои таҷриба | | Чорабиниҳои асосӣ |
|---|---|---|
| Муайянкунӣ | Муқаддимавӣ | Санҷиши пешакии хонандагони синф, омӯзиши ҳуҷҷатҳои мактабӣ ва маводи омӯзгорон доир ба тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути воситаҳои худомӯзӣ |
| | Ташхисӣ | Ташхиси психологию педагогӣ ва худташхискунӣ, интихоби масири инфиродии таълими хонандагон доир ба тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути воситаҳои худомӯзӣ |
| | Хотимавӣ | Ҷамъбаст ва таҳлили маводи ҷамъшуда доир ба тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути воситаҳои худомӯзӣ |
| Ташаккулдиҳӣ | Ибтидоӣ | Назарпурсии омӯзгорони мактабҳои таҷрибавӣ доир ба тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути воситаҳои худомӯзӣ. |

| | | |
|---|---|---|
| | | Гузарондани назарпурсии хонандагон доир ба тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути воситаҳои худомӯзӣ |
| | Методӣ | Коркарди модели тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути воситаҳои худомӯзӣ, инчунин дарсҳое, ки ба муҳтавои онҳо ҷузъҳои дорои имкониятҳои тарбияи ватандӯстии хонандагон дохил карда шудаанд. |
| | Хотимавӣ | Ташкил ва гузарондани машғулиятҳо доир ба тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути воситаҳои худомӯзӣ |
| Назоратӣ | | Ташхис ва худташхискунии такрории психологӣ-педагогӣ, ҷамъбаст ва таҳлили мав ҷамъовардашуда, ҷамъбасту натиҷагирӣ |

**Марҳилаи муайянкунии таҷриба**

Дар ин марҳилаи озмоиш корҳои зерин анҷом дода шуданд:

•ошкор кардани дархостҳои таълимии омӯзгорон, волидон ва хонандагон доир ба тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути методҳои худомӯзӣ;

•ба роҳ мондани тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ, ки имкон медиҳад, шаклҳою методҳои тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ ошкор карда шаванд;

Мақсади кор дар марҳилаи муайянкунии таҷриба: ба роҳ мондани тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути методҳои худомӯзӣ, ки имкон медиҳад, шаклҳою методҳои тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ ошкор карда шаванд.

Дар ибтидои марҳилаи муайянкунии таҷриба мо аз усули назарпурсӣ истифода намудем. Мақсади он аз муайян кардани нақши тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ дар азхудкунии хонандагон иборат аст.

1. Назарпурсии омӯзгорон, ки дар марҳилаи ибтидоии таҷриба гузаронда шуд, нишон дод, ки:

- ✓ 42% иштирокчиёни назарпурсӣ тарбияи шаҳрвандиро барои сарфа кардани вақти омодагӣ ба дарс истифода мебаранд (онҳо аз ҷиҳати методӣ мувофиқ ва сифати баланди кори мустақилонаи эҷодӣ доранд ва баосонӣ ба раванди таълим ворид мешаванд);
- ✓ 18% омӯзгорон тарбияи шаҳрвандии хонандагонро бо ёрии технологияҳои нави педагогӣ истифода мебаранд, то ки дар хонандагон малакаҳои дарки нутқ ташаккул ёбанд;
- ✓ 40% педагогҳо тарбияи шаҳрвандиро дар асоси технологияҳои маъмулӣ дар иҷрои нақшаи таълимӣ истифода мебаранд.

Рушди касбии омӯзгорон дар анҷоми чунин корҳо, ба мисли худтаҳлилкунии педагогӣ, барномарезӣ, ташкили фаъолияти худ, худназораткунӣ, такмилу худислоҳкунӣ ва худтанзимкунӣ зоҳир мегардад.

Омода кардани омӯзгорон ба анҷоми чунин вазифаҳо яке аз мақсадҳои асосии роҳбари мактаб ба шумор меравад. Маҳз ба ҳалли ин масъала мо дар рӯзи кушода шудани мактаб бо кӯшиши зиёду мақсаднок машғул мешавем ва ин кор аз ошкор кардани ҳолати мушаххаси корҳо, пеш аз ҳама, аз муайян кардани сатҳи омодагии омзгорон ба ҳалли масъалаи идораи педагогии хонандагон доир ба тарбияи шаҳрвандии хонандагон сурат мегирад. Дар робита ба ин мо ба 117 нафар омӯзгорон тавассути саволнома бо саволи мушаххаси «Шумо сатҳи омодагии худро доир ба тарбияи шаҳрвандии хонандагон чӣ тавр арзёбӣ мекунед?» муроҷиат намудем. Ҷавоби онҳо чунин натиҷа дод: танҳо 24% посухдиҳандагон ба ин назаранд, ки ин сатҳ қариб ҳама вақт ҷавобгӯйи талабот ва шароити педагогии худашон аст. Қисми дигар, 21% ба ин ақидаанд, ки омодагии онҳо аз бисёр ҷиҳат ба талаботи нави муосир ҷавобгӯй аст. Қариб 60% омӯзгорони посухдиҳанда натавонистанд ба ҳолати фаъолияти худ баҳои илмӣ диҳанд. Чунончи, ба пешниҳоди

натиҷаҳои кори худро доир ба тарбияи шаҳрвандии хонандагон таҳлил ва арзёбӣ кардан, 73% омӯзгорон баррасии ин масъаларо рад карданд, зеро тарзи анҷоми ин корро намедонистанд. Вале ҳамаи иштирокчиёни назарпурсии хаттӣ мехостанд, ки методи таҳқиқ, бахусус, доир ба тарбияи шаҳрвандии хонандагонро ёд гиранд.




**Расми 2. Гистограммаи ҷавобҳои омӯзгорон ба саволи «Шумо сатҳи омодагии худро доир ба тарбияи шаҳрвандии хонандагон чӣ тавр арзёбӣ мекунед?»**

2. Ба мақсади ошкор кардани муносибати ҷамеаи педагогҳо ба тарбияи шаҳрванди хонандагон мо назарпурсии иҷтимоиро анҷом додем.

Дар назарпурсӣ 317 нафар омӯзгорон ширкат варзиданд. Дар байни педагогҳое, ки ба саволҳо посух доданд, 32 нафар педагогҳои мактабҳои ибтидоӣ (10, 09%), 140 нафар (44,2%) омӯзгорони мактаби асосӣ ва 145 нафар (45,7%) омӯзгорони мактаби миёна буданд. Аз ҳамаи посухдиҳандагон 104 нафар (32, 8%) омӯзгорон – мард ва 213 нафар (67,2%) занон будаанд.

Ба саволҳои пурсишнома ба тарзи зайр ҷавоб доданд: ба саволи «Шумо ҳолати ҳозираи тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути воситаҳои худомӯзиро чӣ тавар арзёбӣ мекунед ?» – қисми калон – 42,4% бо боварӣ ҷавоб доданд, ки системаи муосири тарбияи шаҳрвандии

хонандагон тавассути имконияҳои худомӯзӣ ба тағйирот ниёз дорад; 20,6% ба ин андешаанд, ки системаи муосири тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути методҳои худомӯзӣ ба талаботи таҳсилоти ҷомеа ҷавобгӯй аст;

37% ба ин боваранд, ки системаи муосири тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути усулҳои худомӯзӣ дар давраи ҳозира гирифтори буҳрони амиқ аст ва ислоҳоти ҷиддиро талаб мекунад.




**Расми 3. Гистограммаи ҷавобҳо ба саволи «Шумо ҳолати ҳозираи тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути воситаҳои худомӯзиро чӣ тавр арзёбӣ мекунед?»**

Бо назардошти ин, метавон, чунин натиҷагирӣ кард: дар маҷмӯъ педагогҳо системаи мактабии тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути воситаҳои худомӯзиро манфӣ арзёбӣ мекунанд. Аз ҷумлаи сабабҳои асосии номусоид будани системаи мактабии тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути воситаҳои худомӯзӣ педагогҳо инҳоро ном бурданд:

1) мавҷуд набудани хоҳиши дар оила дар рӯҳияи ватандӯстӣ тарбия кардани фарзандони худ тавассути худомӯзӣ – 54 нафар (17, 03%);

2) паст будани эътибори касби омӯзгорӣ – 24 нафар (7,6 %);

3) аз лиҳози молиявӣ ва моддӣ нокифоя таъмин будани мактаб - 32 нафар (10,1 %);

4) нокифоя будани ҳифзи иҷтимоии педагогҳо – 24 нафар (7,6 %);

5) системаи маъмурию расмиятпарасти идора – 54 нафар (17,3 %);

6) бетафовут будани хонандагон – 45 нафар (14,2%);

7) боло рафтани синни миёнаи педагогҳо – 24 нафар (7,6%);

8) паст шудани эътибори маълумот дар ҷомеа – 38 нафар (12 %);

9) таъминоти сусту нокифояи илмию методии раванди таълим – 65 нафар (20,5 %).

Танҳо 29 нафар (9,1%) посухдиҳанадагон дар соҳаи маориф ягон хел мушкилиро намебинанд.

Ҳамин тавр, бештари омӯзгороне, ки дар назарпурсӣ посух доданд, ба ин ақидаанд, ки босозии мактабҳо боиси канда шудани хонандагон аз тарбияи оилавӣ гардидааст, барои волидон муҳтавои тағйироте, ки дар маориф сурат мегирад, фаҳмо нест. Аз ин рӯ, онҳо ба робитаҳои тарафайн бо макатб омода нестанд. Метавон гуфт, ки мактаби муосир аҳамияти ҷамъиятии пештараи худро аз даст дода истодааст, зеро дар раванди таълиму тарбия бархӯрди шахсиятгароӣ ба кор бурда намешавад. Яке аз сабабҳои фоизи баланд дар посухҳо (14, 2 %) бетафовутии хонандагон ба шумор меравад.

3. Ҳангоми ҷавоб ба саволи «Дар рафти таълими кадом фанҳо шумо бештари вақт ба тарбияи шаҳрвандӣ машғул мешавед?", маълум шуд, ки омӯзгорон бештари вақт ба тарбияи шаҳрвандӣ ҳангоми омӯзиши фанҳои физика ва химия (19,4%), забони модарӣ ва адабиёт (58 %), забони русӣ (35 %), забонҳои хориҷӣ (28 %), фанҳои таълими меҳнат ва тарбияи ҷисмонӣ (52 %) машғул мешаванд.

Диаграммаи нисбатан бештар вақт ба тарбияи шаҳрвандӣ машғул шудан




**Расми 4. Гистограммаи ҷавобҳои омӯзгорон ба саволи «Дар раванди таълими кадом фанҳо шумо нисбатан бештар ба тарбияи шаҳрвандии хонандагон машғул мешавед?»**

4. Ба саволи «Кадом равияҳои фаъолияти омӯзгор, ба ақидаи Шумо, ба амалисозии тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути воситаҳои худомӯзӣ мусоидат мекунанд?», омӯзгорон ба таври зерин ҷавоб доданд:

1) истифодаи бархӯрди ягона ба ташаккули мафҳумҳои умумиилмӣ (32%);

2) ба кор бурдани бархӯрди ягона барои ташаккули қобилиятҳою малакаҳои умумиилмӣ (15%);

3) роҳ надодан ба такрори омӯзиши ҳамон як мавзӯъ дар дарсҳои фанҳои ба ҳам наздик (12%);

4) муттасилӣ дар рушди ташаккули мафҳумҳои илмӣ дар хонандагон ва дар онҳо тарбия кардани қобилиятҳою малакаҳои умумиилмӣ (41%);

5. Аз назарпурсие, ки дар байни хонандагони синфҳои 7-11 доир ба мавзӯи «Арзишҳои шаҳрвандӣ» гузаронда шуд, маълум гардид, ки бештари хонандагон ба ин андешаанд, ки шаҳрвандӣ ин ҳисси муҳаббат ба Ватан ва ифтихор аз Ватани худ аст (56%) ва ба теъдоди хеле кам (18%) шаҳрвандиро омодагӣ ба иҷрои корҳои муайян ба фоидаи Ватан мефаҳманд; 52% хонандагон худро ватандӯсти кишвари худ ва зодгоҳи

худ ҳисоб мекунанд ва 48% хонандагон худро чунин ҳисоб намекунанд; 56% хонандагон ба ин ақидаанд, ки чорабиниҳои марбут ба ватандӯстӣ, бушубҳа, заруранд ва дар онҳо ширкат меварзанд ва 44% хонандагон бошанд, намехоҳанд дар онҳо ширкат варзанд.




**Расми 5. Гистограммаи натиҷаҳои назарпурсии хонандагон доир ба мавзӯи «Арзишҳои шаҳрвандӣ».**

Хонандагон собит менамоянд, ки дар навбати аввал ба тарбияи шаҳрвандӣ бояд муассисаҳои таълимӣ ва оила машғул шаванд. 58% хонандагон ба кори мактабҳо доир ба тарбияи шаҳрвандӣ баҳои баланд доданд.

Ба ҷумлаи муҳимтарин натиҷаҳои кори анҷомдодашуда метавон, инҳоро дохил кард:

✓ маълум шуд, ки ҳавасмандӣ ба корҳои ватандӯстӣ равшан эҳсос мешавад ва фаъолияти хонандагон дар ташкил ва гузарондани чорабиниҳои марбут ба тарбияи шаҳрвандӣ ва корҳои ҷамъиятии фоиданок барои мактаб, деҳа ва ғайра рӯ ба афзоиш аст;

✓ рушди маҳорати педагогӣ дар масъалаҳои тарбияи шаҳрвандӣ ва ватандӯстӣ вусъат пайдо карда истодааст.

Ҷанбаҳои аз ҳама муҳимми ҳаёт, арзишҳо барои хонандагони мо инҳо ба шумор мераванд: оила, ҳаёти инсон ва саломатӣ, маълумоти хуб

ва амалисозии қобилияту малакаҳои худ, муносибатҳои эҳтиромона ба калонсолон, масъулият ва озодии шахсӣ.

Дар раванди таҷрибаи тасдиққунанда мо дар байни волидон дар мавзӯи «Таъсири телевизон ба тарбияи шаҳрвандии кӯдакон» назарпурсӣ гузарондем. Дар ин таҳқиқот волидони хонандагони синфҳои 8-11 ширкат варзиданд. Ба ҳамаи онҳо пурсишномаи таҳиягардида пешниҳод шуд. Ба пурсишнома саволҳли зерин дохил карда шуданд:

1. Кадом барномаҳоро Шумо барои тарбияи шаҳрвандии хонандагон фоидабахш мешуморед?

2. Барои тарбияи шаҳрвандии кӯдакон Шумо дар баробари тамошои телевизон боз кадом намудҳои дигари фаъолияти зеҳнӣ, масалан, омӯзиш, хондан ва ё навиштани мактубро ташкил мекунед?

3. Шахсан барои Шумо телевизон бисёре аз машғулиятҳои шавқовар ва усулҳои истироҳатро иваз кард, ки аз онҳо кӯдакони Шумо пештар ҳаловат мебурданд?

4. Ба назари Шумо, кадом канал дар телевизон ҳозир барои тарбияи шаҳрвандии кӯдакони шумо бештар фоидабахш аст?

Дар назарпурсӣ 152 нафар волидон ширкат варзиданд. Дар натиҷаи назарпурсӣ чунин маълумот ба даст омад: супориши якумро 78 нафар иҷро карданд, ки 51,3% ташкил медиҳад, қисман иҷро карда тавонистанд 36 нафар, ки 21, 8 % ташкил медиҳад; иҷро карда натавонистанд 32 нафар, ки 21, 05% ташкил медиҳад; супориши дуюмро иҷро карданд 54 нафар, ки 35, 5% ташкил медиҳад, қисман иҷро карданд 36 нафар, ки 21,7% ташкил медиҳад ва 62 нафар иҷро карда натавонистанд, ки 40,8% ташкил медиҳад; супориши сеюмро пурра иҷро карданд 45 нафар, ки 29, 6% ташкил медиҳад, қисман иҷро карданд 68 нафар, ки 44,7% ташкил медиҳад, иҷро карда натавонистанд 39 нафар, ки 25, 6% ташкил медиҳад; супориши чорумро иҷро карданд 64 нафар, ки 42,1% ташкил медиҳад, қисман иҷро карда тавонистанд 44 нафар, ки

28,9% ташкил медиҳад ва иҷро карда натавонистанд 44 нафар, ки 28,9% ташкил медиҳад. (расми 5)




**Расми 6. Натиҷаи назарпурсии волидон**

Аз ҷамъбасти кори анҷомдодашуда мо ба чунин натиҷа расидем:

1. Бештари барномаҳою лоиҳаҳои телевизонӣ, намоишҳои ошкоро, ба ҳар ҳол ба равони наврасон, ба рафтори онҳо баъд аз тамошои баъзе барномаҳо таъсири манфӣ мерасонанд.

2. Барномаҳе, ки ба ҷавонони мо таъсири манфӣ мерасонанд, мутаассифона, назар ба он барномаҳое, ки ба равони наврасон, инчунин ба қобилиятҳои зеҳнии онҳо таъсири мусбат мерасонанд, миқдоран бештаранд.

3. Вақти қобили қабул барои тамошои телевизон барои кӯдакон ду соатро ташкил медиҳад ва аз ин бештар бояд тӯл накашад.

Бо такя ба натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодашуда тавсия дода мешавад, ки бештар чунин барномаҳои телевизонӣ, ба мисли «Сарбози Ватан», «Майдон аз далер аст», «Беғараз панд», инчунин тамошои чунин каналҳои телевизони Россия, ба мисли «Культура» («Фарҳанг») ва Россия тавсия дода мешавад.

Барои волидон зарур аст, ки тамошои телевизон аз ҷониби фарзандони худро таҳти назорати хеш қарор диҳанд ва истифодаи дурусту фоидабахши телевизонро ба онҳо ёд диҳанд. Ин корро на ба зӯрӣ, балки бо роҳи пардапӯшона ба онҳо фаҳмонанд. Масалан, дар рафти суҳбат кардан хусусиятҳои қаҳрамонон, амалу рафтори онҳоро баррасӣ кардан, нишон додани аҳамияти манзара, ин ё он ҳодисаи табиате, ки муаллиф тасвир кардааст, барои дарки ҳодиса ва ё ифодаи вазъи рӯҳии қаҳрамони аср чӣ аҳамият дорад. Дар ин маврид барои падару модар лозим аст, ки бо кӯдакони худ барномаи тамошокардаро баррасӣ кунанд.

**Таҷрибаи ташаккулдиҳӣ**

Мақсади ин озмоиш ошкор намудани роҳҳои асосии тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути воситаҳои худомӯзӣ ба шумор меравад. Дар озмоиш 59 нафар хонандагон иштирок кард. Мо хонандагонро ба ду гурӯҳ ҷудо кардем: гурӯҳи озмоишӣ (27 нафар) ва гурӯҳи назароратӣ (24 нафар).

Дар вақти таҷрибаи инкишофдиҳӣ барои мо ҳалли масъалаҳои зерин зарур буд:

- ✓ муайян кардани муҳтаво ва тарзи ташкили корҳои озмоишӣ – таҷрибавӣ доир ба тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути методҳои худомӯзӣ;
- ✓ таҳия кардани методикаи тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ;
- ✓ ошкор кардани шароити мусоид барои ҷорӣ намудани модели тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути имкониятҳои худомӯзӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Мепардозем ба тавзеҳи хусусиёти сатҳҳои тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути воситаҳои худомӯзӣ.

**Сатҳи баланди** рушди тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути методҳои худомӯзӣ хусусиёти зерин дорад: қобилияти таҳлил кардани

матн, дар он ҷудо кардани фикрҳои асосӣ. Хонандагон метавонанд, ба саволҳои аз рӯйи матн ҷавоби дуруст диҳанд, предмети мавриди омӯзишро меёбанд, фикри худро аниқ баён карда метавонанд; мафҳумҳоро маънидод мекунанд; саволҳоро баён мекунанд; ҳодисаҳои шаҳрвандиро гурӯҳбандӣ мекунанд.

**Сатҳи миёнаи** рушди тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути методҳои худомӯзӣ бо баъзе фаҳмишҳои падидаҳои шаҳрвандӣ фарқ мекунад. Дар бисёр мавридҳо хонандагон бевосита истилоҳот ва рафтори шаҳрвандиро намефаҳманд. Хонандагони мавриди санҷиш захираи мавҷудаи донишҳои худро оқилона истифода бурда натавонистанд ва аз уҳдаи чизи асосиро ҷудо кардану проблемаҳоро дуруст шарҳ доданд ва ҳодисаҳои шаҳрвандиро гурӯҳбандӣ кардан баромада натавонистанд.

**Сатҳи пасти** рушди тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути методҳои худомӯзӣ бо ба таври кофӣ пурра набудани тарбияи шаҳрвандӣ фарқ мекунад. Субъектҳое, ки дорои чунин сатҳи маърифат мебошанд, наметавонанд, ба андозаи лозима методи иҷрои кофии амали зеҳниро аз худ кунанд. Хатоҳои содиршударо наметавон ҳамчун натиҷаи бедиққатӣ ҳисоб кард, зеро онҳо доимо такрор мешаванд. Сатҳи мазкур хусусиятҳои зерини фарқкунанда дорад: мавҷуд набудани қобилият ва малакаҳои дуруст ҷавоб додан ба саволҳо аз рӯи матн; наёфтани предмети маводи омӯзиш; фикри худ ва фикри дигаронро аниқ такрор накардан; ҳамон як идеяро бо роҳҳои мухталиф шарҳ дода натавонистан; ҳодисаҳои гирамматикиро тасниф карда натавонистан.

